ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

ВБД: 327(091) (575.3+55)

ТКБ: 66.4.+63.3 (2 тоҷик+2 Эрон)

Ҳ – 31

Бо ҳуқуқи дастнавис



ҲАЛИМЗОДА ДАЛЕР ОБИД

ТАҲАВВУЛИ РАВОБИТИ СИЁСИВУ ДИПЛОМАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН ДАР ҚАРИНАИ СИЁСАТИ «ДАРҲОИ КУШОД» (СОЛҲОИ 2003-2021)

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.6. Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна

Роҳбари илмӣ:
номзади илмҳои таърих,
дотсент Розиқов Ф.М.

ДУШАНБЕ – 2026

МУНДАРИҶА

НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ 3

МУҚАДДИМА 4

БОБИ I. ТАШАККУЛУ ТАҲАВВУЛИ РОБИТАҲОИ СИЁСИВУ ДИПЛОМАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН ДАР ИБТИДОИ АСРИ XXI 22

1.1. Заминаҳои таърихии устуворшавӣ ва таҳаввули муносибатҳои байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон дар солҳои 90-уми асри XX 22

1.2. Шароит ва вижагиҳои таҳаввули робитаҳои сиёсиву дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон дар ибтидои асри XXI…..... 39

БОБИ II. ҲАМКОРИҲОИ ИҚТИСОДИВУ ИҶТИМОИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН ДАР ҚАРИНАИ СИЁСАТИ «ДАРҲОИ КУШОД» (солҳои 2003–2021)..... 55

2.1. Рушди ҳамкориҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон ҳамчун омили татбиқи амалии сиёсати «дарҳои кушод» 55

2.2. Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон дар самти татбиқи лоиҳаҳои муштараки байнидавлатӣ ва минтақавӣ 83

БОБИ III. ИМКОНИЯТҲО ВА ДУРНАМОИ ТАВСЕАИ ҲАМКОРИҲОИ ФАРҲАНГИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН ДАР ҚАРИНАИ КОНСЕПСИЯИ НАВИ СИЁСАТИ ХОРИҶӢ (2015–2021)..... 98

3.1. Вазъи умумӣ ва вижагиҳои робитаҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон дар ибтидои асри XXI 98

3.2. Зарфият ва дурнамои рушди ҳамкориҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон дар қаринаи консепсияи нави сиёсати хориҷӣ 124

ХУЛОСА 146

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ ВА САРЧАШМАҲОИ ИСТИФОДАШУДА.....161

НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

ВКХ ҶТ– Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон

ИДМ – Иттиҳоди давлатҳои мустақил

ИМА – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

НБО – Нерӯгоҳи барқи обӣ

САҲА – Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо

СБМ–Созмони байналхалқии муҳоҷират

СММ – Созмони Милали Муттаҳид

СҲИ – Созмони ҳамкории иқтисодӣ

СҲИ – Созмони ҳамкории исломӣ

СҲШ – Созмони ҳамкории Шанхай

ҶИЭ – Ҷумҳурии Исломии Эрон

ҶДА–Ҷомеаи давлатҳои араб

ЮНЕСКО – Созмони омӯзишӣ, илмӣ ва фарҳангии Созмони Милали Муттаҳид

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ дар охири асри ХХ на танҳо харитаи сиёсии Авруосиёро дигаргун сохт, балки дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ фазои нави геополитикиеро ба вуҷуд овард, ки дар он кишварҳои соҳибистиқлоли Осиёи Марказӣ, аз ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси субъекти комилҳуқуқи байналхалқӣ ба саҳнаи сиёсати ҷаҳонӣ ворид шуданд. Соҳибистиқлолии кишварҳои Осиёи Марказӣ, рақобати нави сиёсӣ ва геополитикиро миёни кишварҳои абарқудрат дар минтақа фароҳам овард. Дар чунин шароит, масъалаи мушаххассозии усул, афзалиятҳо ва самтҳои устувори сиёсати хориҷӣ, ҷустуҷӯ ва интихоби шарикони боэътимод ва эҷоди пойгоҳи ҳуқуқиву меъёрии равобити байналмилалӣ барои кишвари мо мубрамии бештар касб намуд.

Ҷумҳурии Исломии Эрон (минбаъд ҶИЭ) яке аз аввалинҳо шуда истиқлоли кишварҳои Осиёи Марказиро ба расмият шинохт ва ба онҳо равобити дипломатӣ шуруъ намуд, ки бо ин усул дар минтақа мақоми вижае пайдо кард. Ин мақом танҳо ба наздикии ҷуғрофӣ ё манфиатҳои иқтисодӣ маҳдуд намешавад. ҶИЭ бо Ҷумҳурии Тоҷикистон решаҳои муштараки густурдаи таърихӣ, фарҳангӣ, забонӣ ва тамаддунӣ дорад. Маҳз ҳамин омилҳо боис гардиданд, ки аз рӯзҳои аввали истиқлоли давлатӣ равобити Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ на ҳамчун робитаи маъмулии ду кишвари минтақа, балки ҳамчун раванди эҳёи пайвандҳои таърихӣ ва ҳамзамон, ҳамчун механизми нави сиёсати хориҷӣ дар шароити давлатдории соҳибистиқлол ташаккул ёбад.

ҶИЭ дар канори фазои геополитикии Осиёи Марказӣ қарор дошта, аз оғози солҳои 90-уми асри ХХ кӯшиш намуд, ки бо кишварҳои тозаистиқлоли минтақа, бахусус Ҷумҳурии Тоҷикистон, робитаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро ба роҳ монад. Барои ҶИЭ Осиёи Марказӣ аз чанд ҷиҳат муҳим буд: якум, ҳамчун фазои таърихӣ ва фарҳангии наздик; дуюм, ҳамчун минтақаи дорои аҳаммияти геоиқтисодӣ ва транзитӣ; сеюм, ҳамчун

муҳити амниятӣ, ки тағйироти он бевосита ба манфиатҳои миллии ҶИЭ таъсир мерасонад; чорум, ҳамчун майдони рақобати қудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ. Аз ин рӯ, сиёсати ҶИЭ нисбат ба Ҷумҳурии Тоҷикистонро танҳо дар доираи умумияти забону фарҳанг шарҳ додан кофӣ нест. Ин раванд ҳамчунин аз назари омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва амниятӣ таҳлил карда шавад.

Эълони соҳибихтиёрии давлатӣ (9-уми сентябри 1991) барои Ҷумҳурии Тоҷикистон оғози марҳалаи сифатан нави фаъолияти байналмилалӣ гардид. Акнун, Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонист мустақилона бо кишварҳои гуногуни ҷаҳон муносибатҳои дипломатӣ барқарор намуда, ҳамкориҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва иҷтимоиро роҳандозӣ намояд. Ҳамзамон, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи узаият ба созмонҳои байналхалқӣ ва минтақавиро ба даст овард. Мутаассифона, бар асари ҷанги шаҳрвандӣ фалаҷ гаштани сохторҳои давлатӣ, афзун гардидани мушкилоти иқтисодӣ, норасоии кадрҳои касбии давлативу дипломатӣ ва омилҳои дигари дохиливу берунӣ ба шаклгирии сиёсати байналмилалии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон монеа эҷод кард.

Ташаккули воқеии самтҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, муносибат бо кишварҳои ҳамфарҳангу ҳамзабон, баъди Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз гардид. Дар ҳамин марҳала роҳбарияти нави давлат бо сарварии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зарурати барқарор намудани сулҳу субот, мустаҳкам намудани пояҳои давлатдорӣ ва ба роҳ мондани робитаҳои мутавозин бо кишварҳои минтақа ва ҷаҳонро ҳамчун вазифаи аввалиндараҷа муайян намуд. Дар суханронии таърихиаш дар Иҷлосияи XVIII Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми мушаххассозии самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии кишвар ба ҳавзаи кишварҳои форсизабон низ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда буд. Дар ин замина, чунин таъкид шуда буд: «Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нуқтаи назари ҷуғрофӣ, геополитикӣ, манфиатҳои иқтисодию сиёсӣ ба чанд ҳавзаи муҳим

шомил мегардад ва яке аз онҳо кишварҳои форсизабон мебошад, ки бо Тоҷикистон ҳамбастагии таърихӣ, мазҳабӣ ва фарҳангӣ доранд» [67, с. 211].

Чунин навъи масъалагузорӣ нишон медиҳад, ки устуворшавии робитаҳои дипломатӣ бо ҶИЭ аз оғози дарёфти соҳибихтиёрии давлатӣ тасодуфан ва ба таври худкор сурат нагирифта, балки яке аз самтҳои афзалиятдор ва усулӣ дар сиёсати хориҷии мамлакат маҳсуб мешуд. Дар «Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2015) низ таъкид гардидааст: «Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муносибатҳо бо Ҷумҳурии Исломии Эрон низ омили муштаракоти таърихӣ, забонӣ ва фарҳангӣ нақши муҳим дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон минбаъд ҳам муносибатҳои пойдори дустӣ ва ҳамкории мутақобилан судманди гуногунсоҳаро бо ин кишвар бар пояи дуҷониба ва бисёрҷониба беш аз пеш тавсеа хоҳад бахшид» [1].

Мубрамии таҳқиқи мавзуъ, пеш аз ҳама, ба аҳаммияти таърихӣ, сиёсӣ ва байналмилалии муносибатҳои байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ, ҳачунин, ба зарурати таҳлили марҳалаҳои асосии ташаккул ва таҳаввули онҳо дар шароити сиёсати «дарҳои кушод» вобаста мебошад.

Аввалан, муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ дар давраи таҳқиқ аз устуворшавии равобити дипломатӣ, густариши муносибатҳои иқтисодӣ ва фарҳангӣ, афзоиши ҳамкориҳои минтақавӣ, то даврaҳои нофаҳмӣ ва коҳиши сатҳи робитаҳои байниҳамдигарӣ ва талошҳо барои муътадил гардидани муносибатҳои байнидавлатиро тай кардааст. Ҳар яке аз ин марҳалаҳо дорои хусусияти таърихӣ ва сиёсӣ буда, таҳлили алоҳида ва муқоисавиро талаб мекунад.

Дуюм, муносибатҳои ду кишвар дар шароити сиёсати «дарҳои кушод» ба сатҳи нави мазмунӣ баромадаанд. Ин сиёсат имкон дод, ки Тоҷикистон бо ҳамаи кишварҳои манфиатдор, аз ҷумла, ҶИЭ дар асоси манфиатҳои миллӣ ва тавозуни дипломатӣ ҳамкорӣ намояд.

Сеюм, шароити хосси ҷуғрофию сиёсии Осиёи Марказӣ, дигаргуниҳои куллии сиёсию давлатии Афғонистон, таҳкими нақш ва мавқеи созмонҳои

минтақавӣ, назири СҲШ, СҲИ, СҲИ ва дигар ниҳодҳои минтақавӣ ба равобити Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ таъсири мустақими худро расондаанд.

Чорум, таҳқиқи ин мавзуъ барои дарки таҷрибаи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, омӯзиши механизмҳои татбиқи дипломатияи мутавозин ва муайян намудани дурнамои ҳамкориҳои ду кишвар аҳаммияти илмӣ ва амалӣ дорад.

Аз ҳамин нуқтаи назар, масъалаи илмии таҳқиқот дар муайян намудани қонуниятҳо, марҳалаҳо, омилҳои таъсиррасон ва натиҷаҳои воқеии таҳаввули равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ дар шароити сиёсати «дарҳои кушод» ифода меёбад. Моҳияти масъала танҳо дар баёни таърихи сафарҳо ва санадҳо нест. Масъала дар он аст, ки чӣ тавр муштаракоти таърихиву фарҳангӣ, манфиатҳои иқтисодӣ, ниёзҳои амниятӣ, дигаргуниҳои куллӣ дар минтақа ва фаъолияти ниҳодҳои дипломатӣ муносибатҳои байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ-ро аз марҳалаи ибтидоии робитаҳои расмиву ҳуқуқӣ ва меъёрӣ ба сатҳи ҳамкориҳои бисёрсамтаи воқеии сиёсӣ, иқтисодӣ ва гуманитарӣ баровардаанд. Бинобар ин, таҳқиқи мазкур ба арзёбии ҳамзамони дастовардҳо, маҳдудиятҳо, буҳронҳо ва имкониятҳои нави муносибатҳои Тоҷикистону Эрон равона шудааст.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ. Масъалаи робитаҳои сиёсиву дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ дар замони истиқлол аз ҷумлаи мавзуъҳои муҳимми таърихи муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, дар солҳои охир мавриди таваҷҷуҳи таърихшиносон, сиёсатшиносон, муҳаққиқони муносибатҳои байналмилалӣ, дипломатҳо ва эроншиносон қарор гирифтааст. Зимни омӯзиши адабиёти илмӣ ва сарчашмаҳои мавҷуда маълум гардад, ки ҷанбаҳои гуногуни муносибатҳои ду кишвар дар осори муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин дар монографияҳо, мақолаҳои илмӣ, рисолаҳои диссертатсионӣ, маҷмуаҳои илмӣ ва маводди таҳлилӣ то андозае инъикос ёфтаанд.

Бо вуҷуди гуногунсамтӣ ва фаровонии маводди илмии мавҷуда, таҳлили таърихнигории масъала нишон медиҳад, ки муносибатҳои Ҷумҳурии

Тоҷикистон ва ҶИЭ дар аксари таҳқиқот бештар аз мавқеи як самти мушаххас сиёсати хориҷӣ, муносибатҳои сиёсиву дипломатӣ, ҳамкориҳои иқтисодӣ, робитаҳои фарҳангӣ ё масъалаҳои амниятӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар натиҷа, равобити ду кишвар ҳамчун як раванди ягона ва мураккаби таърихӣ, ки дар он омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, геополитикӣ ва амниятӣ бо ҳам иртиботи мутақобила доранд, то ҳол ба таври комил ва ҳамаҷониба ҷамъбаст нашудааст.

Аз ин рӯ, таҳқиқи мавзуъ на танҳо барои муайян намудани саҳми таҳқиқоти муҳаққиқони қаблӣ, балки барои ошкор намудани масъалаҳои камомӯхташуда ва муайян намудани ҷойгоҳи таҳқиқоти мазкур дар таърихнигории муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ аҳаммияти зиёд дорад. Дар ин замина, маводди илмӣ ва сарчашмаҳои истифодашударо вобаста ба хусусият, мазмун, самти таҳқиқ ва дараҷаи фарогирии масъала метавон ба чанд гурӯҳ ҷудо намуд.

Ба гурӯҳи аввал осори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дохил мешаванд, ки барои таҳқиқи самтҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муносибат бо кишварҳои ҳамзабон ва ҳамфарҳанг, ҷойгоҳи ҶИЭ дар сиёсати минтақавии ҷумҳурӣ ва пайванди таърихии халқҳои тоҷику эронӣ сарчашмаи муҳим ба ҳисоб мераванд [14-24]. Дар ин осор муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ дар заминаи умумиятҳои тамаддунӣ, таърихӣ, забонӣ ва ҳамкориҳои мутақобилан судманд баррасӣ шудаанд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мусоҳиба ва суханрониҳои худ борҳо таъкид кардааст, ки «Эрон дорои зарфияти назарраси иқтисодӣ ва сиёсӣ буда, метавонад яке аз шарикони муҳими тиҷоративу иқтисодии Тоҷикистон гардад» [21]. Аз ин рӯ, осори Пешвои миллат на танҳо манбаи сиёсӣ, балки асоси методологии дарки самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Ба гурӯҳи дуюм китобҳо, монографияҳо ва мақолаҳои муҳаққиқони ватанӣ дохил мешаванд, ки дар онҳо раванди ташаккул, таҳаввул ва

густариши ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар ин гурӯҳ осори Т. Н. Назаров ва А. Сатторзода [40], З. Сайидзода [51-60], Н. М. Мирзоев [36-38; 94], Р. А. Абулҳаев [27; 28], А. Шарифзода [65-68], Қ. Расулиён [42-44], И. Неъматов [41], Ҷ. Мирзоев [39; 95], Г. Зокиров [32], А. Шарипов [64] ва дигарон мақоми муҳим доранд. Муҳаққиқони мазкур аз нуқтаи назари таърих, сиёсати хориҷӣ, дипломатия, фарҳанг, маориф, иқтисод ва амният равобити Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ–ро таҳлил намудаанд.

Дар ин миён асари Т. Назаров ва А. Сатторзода «Дипломатияи муосири тоҷик» [40] барои омӯзиши ташаккули дипломатияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлол аҳаммияти хос дорад. Муаллифон сиёсати хориҷии ҷумҳуриро ҳамчун раванди таърихии ташаккули ниҳодҳои давлатӣ, интихоби афзалиятҳои дипломатӣ ва оғоз намудани муносибатҳои мутавозин бо давлатҳои минтақа ва ҷаҳон баррасӣ намудаанд. Ҳамчунин, ҷилди шашуми асари дастаҷамъонаи «Таърихи халқи тоҷик» [34], бахусус, боби марбут ба сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар даврони истиқлол, барои таҳқиқи мавзуъ сарчашмаи муҳим мебошад.

Мирзоев Н. М. аз ҷумлаи муҳаққиқоне мебошад, ки бевосита ба масъалаи равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҶИЭ таваҷҷуҳи ҷиддӣ додааст. Дар асари ӯ «Тоҷикистон – Эрон: шоҳроҳи ҳамкориҳо» [38] таърихи робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ аз давраи шуравӣ то замони соҳибистиқлолӣ таҳлил гардида, заминаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва илмии муносибатҳои ду кишвар нишон дода шудаанд. Дар китоби дигари ӯ «Тоҷикистон ва кишварҳои Шарқ» [37] ҳамкориҳои мутақобилан судманди Тоҷикистон бо Эрон дар самтҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва илмӣ-техникӣ ба таври муфассал баррасӣ гардидаанд.

Муҳаққиқ ва сиёсатшиноси тоҷик З. Сайидзода дар таҳқиқоти худ ба ҷойгоҳи кишварҳои форсизабон дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон таваҷҷуҳ намуда, ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ-ро аз лиҳози манфиатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ муҳим арзёбӣ мекунад [59, с. 112]. Ба андешаи

ӯ, ҶИЭ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо шарики фарҳангӣ, балки манбаи эҳтимолии сармоягузорӣ дар лоиҳаҳои бузурги зерсохторӣ мебошад. Муаллиф чунин таъкид менамояд: «Эрон барои доштани такягоҳи форсизабон дар минтақаи аксаран туркзабони Осиёи Марказӣ манфиатдор аст, Тоҷикистон бошад ба сармоягузорӣ ва таҷрибаи иқтисодии Эрон ниёз дорад» [59, с. 115]. Дар ҳамин замина, сохтмони НБО «Сангтуда-2», нақби Анзоб ва дигар лоиҳаҳо ҳамчун далели ҳамкории амалӣ зикр шудаанд [59, с. 113-114].

Муҳаққиқ Абулҳаев Р. А. ба ҷанбаҳои ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикисто ва Эрон дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI, аз ҷумла, ба равобити иқтисодӣ, тиҷоратӣ, илмию фарҳангӣ ва лоиҳаҳои муштараки байнидавлатӣ таваҷҷуҳ намудааст [27; 28]. Дар осори ӯ марҳилаи барқароршавии муносибатҳои ду кишвар, таъсири омилҳои фарҳангӣ ва нақши лоиҳаҳои зерсохторӣ дар таҳкими робитаҳо баррасӣ гардидааст. Муҳаққиқи ватанӣ Қ. Расулиён бештар ба равобити фарҳангии ҶИЭ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон диққат намуда, фаъолияти ниҳодҳои фарҳангӣ, марказҳои эроншиносӣ, табодули адабӣ ва ҳамкориҳои илмиро таҳлил кардааст [42].

Ба гурӯҳи сеюм осори муҳаққиқони хориҷӣ, аз ҷумла, донишмандони Эронӣ дохил мешаванд. Масалан, дар таҳқиқоти Хома Аббосиён, ки ба равобити ҶИЭ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст [25], ҳамкориҳои ду кишвар бо такя ба сарчашмаҳои таърихӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ таҳлил гардида, нақши ҶИЭ дар раванди бадастоии сулҳи тоҷикон, рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ, фарҳангӣ ва илмӣ нишон дода шудааст. Муртазо Маҳмудӣ дар рисолаи номзадии худ заминаҳои таърихӣ ва фарҳангии робитаҳои ду кишварро таҳқиқ намуда, таъкид мекунад, ки ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ дар фазои холии сиёсӣ ба вуҷуд наомада, балки ба решаҳои муштараки таърихӣ ва фарҳангӣ такя мекунанд [120]. Дар мақолаҳои ӯ масъалаҳои муколамаи фарҳангӣ, таъсири забону адаби форсӣ-тоҷикӣ ба муносибатҳои сиёсӣ [97, с. 20-28] ва манфиатҳои

стратегии Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ [98, с. 98-100] мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Маҳдии Қаззозӣ низ равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ аз ҷиҳати сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва минтақавӣ таҳқиқ кардааст [88-91]. Рисолаи номзадии ӯ [128] ба масъалаҳои ташаккул ва такомули равобити ду кишвар бахшида шуда, дар он нақши омилҳои фарҳангӣ ҳамчун муҳаррики асосии ҳамкориҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ таъкид гардидааст. Муҳаққиқ, ҳамчунин, ҳамоҳангсозии мавқеи ду кишварро дар чаҳорчӯбаи ҳамкориҳои созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла, СҲИ, СҲИ ва СҲШ, муҳим арзёбӣ мекунад [130, с. 18-20].

Ба гурӯҳи сеюми сарчашмаҳои таҳқиқ инчунин, таҳқиқоти муҳаққиқони рус ва дигар муҳақиқони хориҷӣ, аз ҷумла, В. И. Месамед [35], М. А. Абдилдаева [70], П. В. Гордеева [78], А. Грозин [79], А. С. Зотова [86], А. И. Полишук [100], В. И. Юртаев [133], М. М. Назри [122] ва дигарон дохил мешаванд. Дар осори онҳо ҷойгоҳи Осиёи Марказӣ дар сиёсати минтақавии Эрон, рақобати қудратҳои ҷаҳонӣ, омилҳои амниятӣ ва таъсири Афғонистон ба равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ баррасӣ гардидааст.

Ба гурӯҳи чаҳорум рисолаҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ мансубанд, ки ба паҳлуҳои гуногуни муносибатҳои байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, бо ҶИЭ бахшида шудаанд. Осори дар ин замина таълифшуда дар таҳқиқоти муҳаққиқоне ба монанди Р. М. Давлатов [114], А. Б. Наврасова [121], И. Н. Наимов [123], З. И. Холмуродова [131] ва дигаронро дарҷ гардидааст. Махсусан таҳқиқоти муҳаққиқи ватанӣ И. Неъматов [41] барои дарки нақши умумияти динӣ ва маҳдудияти он дар равобити ду кишвар аҳаммияти хос дорад. Муаллиф таъкид менамояд, ки омили динӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ метавонад ба наздикшавии кишварҳо таъсир расонад, вале дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ он бо омилҳои забонӣ, фарҳангӣ ва манфиатҳои сиёсӣ пайваста аст.

Ҳамин тариқ, таҳлили адабиёти мавҷуда нишон медиҳад, ки то имрӯз перомуни самтҳои гуногуни робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ

таҳқиқоти арзишманд анҷом ёфтааст. Бо вуҷуди ин, дар аксари онҳо даврабандии мукаммали муносибатҳои ду кишвар, таъсири сиёсати «дарҳои кушод», нақши омилҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, инчунин, ҳамбастагии ҳамкориҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар як таҳқиқи ягона ба таври кофӣ равшан нашудааст. Диссертатсияи мазкур маҳз барои такмили ҳамин холигии илмӣ равона шудааст.

Дар адабиёти мавҷуда норасоии дигар низ ба назар мерасад. Ин камбудҳо бештар дар он зоҳир мегарданд, ки муносибатҳои ду кишвар аксаран ё аз мавқеи хушбинонаи фарҳангӣ арзёбӣ мешаванд ё аз назари рақобати геополитикӣ шарҳ меёбанд. Ҳар ду равиш дар ҷойи худ муҳимманд, аммо барои таҳқиқи таърихӣ кофӣ нестанд. Равиши илмӣ талаб менамояд, ки умумиятҳои фарҳангӣ бо манфиатҳои давлатӣ, заминаҳои иқтисодӣ бо маҳдудиятҳои сиёсӣ, ҳамкориҳои гуманитарӣ бо омилҳои амниятӣ ва ниҳоят, сафарҳои сатҳи олӣ бо натиҷаҳои воқеии институтсионалӣ якҷо таҳлил карда мешаванд.

Ҳамчунин, қисми зиёди таҳқиқот ба давраи барқароршавии муносибатҳо ва солҳои аввали соҳибистиқлолӣ бахшида шудаанд, вале марҳалаи баъд аз татбиқи сиёсати «дарҳои кушод», махсусан солҳои пас аз 2010 ва давраи сардшавии робитаҳо, дар баъзе мавридҳои дигар мухтасар баррасӣ шудааст. Дар ҳоле ки маҳз ҳамин давра барои дарки табиати воқеии муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ муҳим мебошад, зеро он нишон медиҳад, ки равобити ду давлат танҳо бо эҳсоси умумияти таърихӣ устувор намемонад, балки ба сатҳи эътимоди сиёсӣ, мувофиқати манфиатҳои иқтисодӣ, муҳити амниятӣ ва идоракунии ихтилофҳо вобаста аст.

Аз ин лиҳоз, дар диссертатсия кӯшиш шудааст, ки таҳқиқ натанҳо тавсифи рӯйдодҳо, балки таҳлили марҳалавӣ ва муқоисавии равобит бошад. Барои ин, осори муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ бо санадҳои расмӣ, маводди бойгонӣ, ҳуҷҷатҳои байнидавлатӣ, маълумотҳои вазоратҳо ва маводди таҳлилӣ муқоиса карда шудаанд. Чунин тарзи кор имкон медиҳад, ки

хулосаҳо аз доираи баёни умумӣ берун омада, ба натиҷаҳои мушаххаси илмӣ табдил ёбанд.

Дар натиҷаи муқоисаи ин гурӯҳҳои адабиёт ошкор мегардад, ки таърихнигории мавзуъ ҳануз ба се масъала посухи пурра надодааст: якум, равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ дар доираи даврабандии ягонаи таърихӣ ва бо дарназардошти солҳои барқароршавии нави муносибатҳо ба таври мукаммал таҳлил нашудааст; дуюм, сабабҳои пастшавии сатҳи робитаҳо дар солҳои 2015-2019 ва механизмҳои барқароршавии онҳо дар солҳои 2019-2021 ва бештар аз он ба таври пароканда баррасӣ гардидаанд; сеюм, робитаи байни дипломатияи фарҳангӣ, лоиҳаҳои иқтисодӣ, омилҳои амниятӣ ва мавқеи созмонҳои минтақавӣ дар як модели таҳлилӣ ҷамъбаст нашудааст. Маҳз ҳамин холигии илмӣ зарурати таҳқиқоти мазкурро асоснок менамояд ва ба он имкон медиҳад, то аз рӯйхати воқеаҳо ба таҳлили таърихии равандҳо гузарад.

Робитаи таҳқиқот бо барнома (лоиҳа) ва ё мавзуъҳои илмӣ. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар доираи нақшаи илмӣ-таҳқиқотии кафедраи минтақашиносии хориҷии факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ ва амалии минтақашиносии хориҷӣ ва нақши минтақаи Осиёи Марказӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ» иҷро гардидааст. Мазмун ва самти таҳқиқот бо масъалаҳои муҳимми таърихи муносибатҳои байналхалқӣ, сиёсати хориҷӣ, минтақашиносӣ, дипломатияи иқтисодӣ ва ҳамкориҳои фарҳангиву гуманитарӣ робитаи мустақим дорад.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Тавсифи умумии таҳқиқот ба ҷанбаҳои асосии таҳқиқ нигаронида шуда, фарогири мақсаду вазифаҳои пажӯҳиш, иҷрои рисолати илмӣ дар таҳқиқи мавзуъ, муайян намудани объекти муҳимми таҳқиқот, мушаххассозии мавзуи баррасишаванда, ҷамъбастнамоии кори илмӣ дар марҳилаҳои гуногун ва давраи таҳқиқот, асоснокии илмии мавзуъ ва робитаи он бо консепсия, стратегия ва барномаҳои давлатӣ, маҷмуи натиҷаҳо, хулосаҳо ва

дастовардҳои нави илмие, ки дар давоми пешбурди фаъолияти илмӣ ба даст омадаанд, мавриди баррасии амиқ қарор гирифтаанд. Дар нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда хулосаҳои асосии илмӣ ва комилан нав ба ҳимоя манзур гардидаанд. Ҷанбаҳои асосии аҳамияти назариявӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия, мутобиқатии диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиб ва амалисозии марҳилаҳои муҳимми раванди таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми он яке аз масъалаҳои муҳимме мебошад, ки дар таҳқиқоти илмӣ пурра мавриди корбарӣ қарор гирифтааст.

Мақсади таҳқиқ. Мақсади асосии таҳқиқи диссертатсионӣ омӯзиш ва таҳлили комплексии раванди ташаккул, таҳаввул, рукуд, эҳё ва дурнамои муносибатҳои сиёсиву дипломатӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ дар қаринаи сиёсати «дарҳои кушод» мебошад. Дар доираи ин мақсад, муносибатҳои ду кишвар ҳамчун раванди ягонаи таърихӣ баррасӣ мегарданд, ки дар он заминаҳои фарҳангӣ, манфиатҳои миллӣ, механизмҳои дипломатӣ, лоиҳаҳои иқтисодӣ, омилҳои амниятӣ ва тағйироти минтақавӣ ба ҳам пайвастаанд.

Вазифаҳои таҳқиқот. Баҳри ноил гаштан ба ҳадафҳои дар таҳқиқот гузошташуда, пеш аз ҳама, ҳалли вазифаҳои зерин пеш гузошта шуданд:

- таҳқиқ ва таҳлили шароит, омилҳо ва заминаҳои таърихии ташаккули робитаҳои сиёсиву дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ дар солҳои 90-уми асри XX ва ибтидои асри XXI ҳамчун марҳалаи муқаддимавӣ ва заминасоз;

- муайян намудани хусусиятҳои таҳаввули муносибатҳои сиёсӣ ва дипломатии ду кишвар дар солҳои 2003-2021 дар шароити татбиқи сиёсати «дарҳои кушод»;

- инъикоси шароит ва хусусиятҳои таҳаввули робитаҳои сиёсӣ ва дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ дар ибтидои асри XXI;

- таҳлили самтҳо, механизмҳо ва шаклҳои амалисозии муносибатҳои сиёсӣ-дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон дар ибтидои асри XXI дар қаринаи сиёсати «дарҳои кушод»;

- омӯзиши ҳамкориҳои иқтисодиву иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ дар амалисозии лоиҳаҳои муштарак;

- таҳқиқ ва ташхиси кардани заминаҳо, шароит, зарфиятҳо, имкониятҳо ва дурнамои тавсеаи ҳамкориҳои фарҳангиву гуманитарии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ дар партави сиёсати «дарҳои кушод»;

- мушаххас намудани дурнамои робитаҳои сиёсиву дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ дар пасманзари тағйиротҳои геополитикии минтақа ва пешниҳоди тавсияҳои илмиву амалӣ барои тадқиқоти минбаъда.

Объекти таҳқиқот омӯзиш ва таҳлили робитаҳои сиёсиву дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ дар ибтидои асри XXI, шароит ва вижагиҳои татбиқи сиёсати «дарҳои кушод» ва татбиқи амалии он дар равобити ду кишвар маҳсуб меёбад.

Мавзуъ (предмети)-и таҳқиқот диссертатсияи мазкур таҳаввули ҳамкориҳои сиёсиву дипломатӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангиву гуманитарии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ дар қаринаи сиёсати «дарҳои кушод» ва дурнамои рушди ҳамкориҳои ду кишвари шарик ба ҳисоб меравад.

Марҳала, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот). Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар чанд марҳалаи ба ҳам алоқаманд анҷом дода шуда, ҳар яке аз онҳо ба ҳалли пайдарпайи масъалаҳои гузошташуда ва расидан ба мақсаду вазифаҳои муайянгардида равона гардидааст. Дар марҳалаи аввал маводди илмӣ ва сарчашмаҳои марбут ба мавзуъ ҷамъоварӣ, гурӯҳбандӣ ва мавриди омӯзиш қарор гирифта, дараҷаи таҳқиқи масъала дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ муайян карда шуд. Ҳамзамон, доираи масъалаҳои асосии таҳқиқот мушаххас ва самтҳои минбаъдаи пажӯҳиш муайян гардиданд.

Дар марҳалаи дуюм омӯзиш ва таҳлили сарчашмаҳои асосӣ, аз ҷумла, санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатҳои байнидавлатӣ, маводди Вазорати

корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ, маводди расмии сафоратхонаҳо, комиссияҳои байниҳукуматӣ, маълумоти оморӣ ва дигар маводди марбут ба муносибатҳои ду кишвар анҷом дода шуд. Дар ин марҳала равандҳои асосии ташаккул ва таҳаввули муносибатҳои сиёсиву дипломатӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангиву гуманитарии Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ дар заминаи сиёсати «дарҳои кушод» мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор гирифтанд.

Дар марҳалаи сеюм натиҷаҳои бадастомада таҳлил ва ҷамъбаст гардида, марҳалаҳои асосии рушди муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ муайян карда шуданд. Дар ин замина, омилҳои таъсиррасон ба таҳаввули робитаҳои дуҷониба, хусусиятҳои ҳамкориҳои сиёсиву дипломатӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиву гуманитарӣ, инчунин таъсири равандҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ арзёбӣ гардида, хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии таҳқиқот таҳия карда шуданд.

Макони асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ кафедраи минтақашиносии хориҷии факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Аз нигоҳи замонӣ, таҳқиқот солҳои 2003-2021-ро фаро мегирад. Ин давра аз оғози татбиқи сиёсати «дарҳои кушод» дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз гардида, то 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон идома меёбад. Интихоби давраи таҳқиқотӣ ба зарурати омӯзиши марҳалаи муҳимми рушди муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ дар ибтидои асри XXI вобаста буда, имконият медиҳад, ки раванди ташаккул, таҳаввул, густариш, коҳиш ва эҳёи муносибатҳои дуҷониба дар заминаи тағйироти сиёсӣ, иқтисодӣ ва геополитикии минтақа ба таври пайдарпай таҳлил карда шавад.

Ҳамзамон, барои шарҳи заминаҳои таърихии ташаккули муносибатҳои дуҷониба дар мавридҳои зарурӣ ба баъзе рӯйдодҳо ва равандҳои солҳои 1990-уми асри XX низ муроҷиат карда мешавад, зеро онҳо барои дарки

хусусиятҳои ташаккул ва таҳаввули робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ дар ибтидои асри XXI аҳаммияти заминавӣ доранд.

Асосҳои назарии таҳқиқи диссертатсиониро принсипҳо ва назарияҳои муосири таҳқиқи муносибатҳои байналмилалӣ, сиёсати хориҷӣ ва муносибатҳои байнидавлатӣ ташкил медиҳанд. Дар таҳқиқот муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ ҳамчун раванди таърихию сиёсӣ дар доираи таҳаввулоти сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва равандҳои минтақавию байналмилалӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Дар раванди таҳқиқот ба принсипҳои таърихият, воқеъбинӣ, низоммандӣ ва объективият такя карда шуда, муносибатҳои дуҷониба дар робитаи мутақобилаи омилҳои сиёсӣ, дипломатӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва геополитикӣ баррасӣ гардидаанд. Чунин равиш имконият медиҳад, ки марҳалаҳои асосии ташаккул ва таҳаввули муносибатҳои Тоҷикистон ва ҶИЭ муайян гардида, хусусият ва самтҳои рушди онҳо дар давраи таҳқиқотӣ ҳамаҷониба таҳлил карда шаванд.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки бори аввал таҳаввули равобити сиёсиву дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ дар давоми солҳои 2003-2021 дар қаринаи сиёсати «дарҳои кушод» ба таври ҷомеъ ва системавӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар доираи таҳқиқот марҳалаҳои асосии ташаккул ва таҳаввули муносибатҳои сиёсиву дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ дар давраи таҳқиқшаванда муайян гардида, хусусиятҳои асосии ҳар як марҳала дар заминаи тағйироти сиёсӣ ва геополитикии минтақа таҳлил карда шудаанд.

Вобаста ба ин, навгонии илмии рисола дар бандҳои зерин инъикоси худро пайдо намудаанд:

- дар рисолаи мазкур раванди ташаккул ва таҳаввули робитаҳои сиёсиву дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ дар солҳои 90-уми асри XX ва ибтидои асри XXI бо дарназардошти аснод ва маводди расмии навин таҳлил ва натиҷагирӣ шудаанд;

- раванди шаклгирии усул ва афзалиятҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чаҳорчӯбаи сиёсати «дарҳои кушод» ва таъсири он ба

раванди такмили сохтани самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои робитаҳои сиёсиву дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ дар солҳои 2003-2021 таҳлил ва хулосабандӣ гардид;

- шароит ва хусусиятҳои таҳаввули робитаҳои сиёсӣ ва дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ дар ибтидои асри XXI комилан таҳлил ёфт;

- самтҳо, механизмҳо ва шаклҳои амалисозии муносибатҳои сиёсиву дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ дар ибтидои асри XXI дар қаринаи сиёсати «дарҳои кушод» таҳлил гардид;

- ҳамкориҳои иқтисодиву иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ дар амалигардонии лоиҳаҳои муштарак ба таври муфассал омӯзиш ёфтааст;

- заминаҳои таърихии ҳамкориҳои фарҳангиву гуманитарии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ дар партави сиёсати «дарҳои кушод» ва нақши онҳо дар таҳаввул ва рушди минбаъдаи ҳамкориҳо таҳқиқ ва мушаххас гардиданд;

- дурнамои робитаҳои сиёсиву дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ бо дарназардошти мавқеъгирӣ ва бардоштҳои ду давлат дар шароити тағйирёбии геополитикии минтақа мушаххас карда шуданд.

Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Муайян карда шуд, ки сафарҳои мутақобилаи роҳбарон ва мақомоти баландпояи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ дар таҳкими эътимоди сиёсӣ, густариши робитаҳои сиёсиву дипломатӣ ва рушди ҳамкориҳои гуногунҷабҳаи ду кишвар нақши муҳим бозидаанд. Муносибатҳои таърихӣ, забонӣ ва фарҳангии ду кишвари форсизабон ҳамчун заминаи муҳимми рушди минбаъдаи робитаҳои байнидавлатӣ хизмат намудаанд.

2. Асоснок карда шудааст, ки ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ дар доираи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, аз ҷумла, СММ, СҲИ, СҲИ ва СҲШ, яке аз самтҳои муҳимми рушди муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи кишварҳо мебошад. Мавқеи муштараки ҷонибҳо дар чандин масъалаи минтақавӣ ва байналмилалӣ барои таҳкими робитаҳои сиёсӣ ва дипломатии онҳо мусоидат намудааст.

3. Муқаррар карда шудааст, ки бо вуҷуди тафовутҳои низоми идоракунии давлатӣ ва баъзе самтҳои сиёсати хориҷӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ ин фарқиятҳо ба маҷрои умумии ҳамкориҳои дуҷониба таъсири ҳалкунанда нарасонидаанд. Ҷонибҳо бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ ва афзалиятҳои сиёсати хориҷии худ барои рушди муносибатҳои мутақобилан судманд ва татбиқи лоиҳаҳои муштарак заминаҳои заруриро фароҳам овардаанд.

4. Исбот карда шудааст, ки ҳамкориҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ, сармоягузорӣ ва фарҳангиву гуманитарӣ аз самтҳои афзалиятноки муносибатҳои байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ ба шумор мераванд. Татбиқи лоиҳаҳои бузурги иқтисодии минтақавӣ, истифодаи иқтидори сармоягузории ҶИЭ дар рушди иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва густариши ҳамкорӣ дар соҳаҳои фарҳанг, илм ва маориф ба таҳкими робитаҳои дарозмуддат ва гуногунҷанбаи ду кишварҳо мусоидат намудаанд.

Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки дар он бори нахуст таҳаввули равобити сиёсиву дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ дар давоми солҳои 2003-2021 дар заминаи сиёсати «дарҳои кушод» ба таври маҷмуӣ ва низомманд мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. Натиҷаҳои таҳқиқот барои такмили заминаҳои назарию методологии омӯзиши таърихи муносибатҳои байналмилалӣ, сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва равобити дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҶИЭ аҳаммияти илмӣ доранд. Маводди таҳқиқот, инчунин, барои омӯзиши равандҳои сиёсӣ ва геополитикии давраи таҳқиқшаванда, хусусиятҳои ташаккул ва таҳаввули муносибатҳои байнидавлатӣ ва нақши омилҳои минтақавӣ дар рушди робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ метавонад истифода шавад. Натиҷаҳо ва маводди ҷамъоваришуда метавонанд ҳангоми омӯзиши таърихи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлол, таърихи муносибатҳои Тоҷикистон ва Эрон, таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва равандҳои сиёсӣ дар Осиёи Марказӣ истифода гарданд.

Маводди таҳқиқ барои таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ ва таълимӣ-методӣ, барномаҳои таълимӣ ва курсҳои махсус дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ, ҳамчунин, ҳангоми омода намудани лексияҳо, семинарҳо ва корҳои илмии донишҷӯён, магистрантон ва докторантон васеъ истифода хоҳанд шуд.

Маводди диссертатсия метавонанд дар омода намудани асарҳои илмӣ, монографияҳо, мақолаҳои илмӣ, энсиклопедияҳо ва дигар корҳои таҳқиқотӣ оид ба таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд. Пешниҳодҳо ва хулосаҳои таҳқиқот барои таҳқиқоти минбаъдаи равобити сиёсиву дипломатии Тоҷикистон бо кишварҳои минтақа ва дигар давлатҳо, инчунин, барои рушди илми таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ заминаи илмӣ фароҳам меоранд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия. Дараҷаи эътимоднокӣ бо истифодаи сарчашмаҳои гуногун, муқоисаи маълумоти бойгонӣ, санадҳои расмӣ, асарҳои илмӣ ва маводди таҳлилӣ таъмин гардидааст. Дар раванди таҳқиқот маълумот бо якдигар муқоиса гардида, рӯйдодҳо дар пайдарпаии таърихӣ ва дар заминаи шароити сиёсию иҷтимоии ҳар давра арзёбӣ гардидаанд. Маълумоти дақиқу муътамади сарчашмаҳои таърихӣ, маводди таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ ва муқоисаи илмию амалии нуктаҳои асосии таҳқиқот, ташкил медиҳад. Хулосаву тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ ва амалӣ пешниҳод гардидааст.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуи диссертатсия ба бандҳои 3 - Муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ, 6 - Бозсозии муносибатҳои байналмилалӣ, сайри такомул ва моҳияти он ва 7 - Афзалиятҳои миллӣ-давлатӣ дар сиёсати хориҷӣ ва муносибатҳои байналмилалии шиносномаи ихтисоси илмӣ 6.1.6. Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна мувофиқат менамояд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, матлабҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмиву амалӣ ва семинарҳои назариявӣ, ҳамзамон, дар таҳияи барнома ва васоити таълимӣ дар мактаби олӣ саҳмгузор мебошад. Ҳамчунин, таҳияи нақшаву дебоча, таълифи таҳқиқот, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои илмӣ дар таҳқиқот. Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конфронсҳои ҷумҳуриявӣ, илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалӣ, байналмилалӣ, инчунин дар ҳамоишҳои илмӣ ва семинарҳои соҳавӣ дар 10 мақолаи илмӣ, ки 5-тои он дар нашрияҳои тақризшавандаи маҷаллаҳои КОА-и назди Вазорати илм ва маълумоти олии Федератсияи Русия ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид буда, инъикос ёфтааст.

Интишорот аз рӯйи мавзуи таҳқиқот. Муқаррароти умумӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 10 мақолаи муаллиф, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷуммҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия дар ҳаҷми 185 саҳифаи матни компютерӣ таълиф гардида, аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, баррасии натиҷаҳо, хулоса, рӯйхатти сарчашма ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

БОБИ I. ТАШАККУЛ ВА ТАҲАВВУЛИ РОБИТАҲОИ СИЁСИВУ ДИПЛОМАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН ДАР ИБТИДОИ АСРИ XXI

1.1. Заминаҳои таърихии устуворшавӣ ва таҳаввули муносибатҳои байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон дар солҳои 90-уми асри XX

Тавре ки маълум аст, оғоз ва таҳкими муносибатҳои дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумла, ҳамкориҳои дуҷонибаву бисёрҷониба, пеш аз ҳама, бо бадастории истиқлолияти давлатӣ робитаи мустақим дорад. Муҳаққиқи тоҷик Г. Н. Зокиров чунин таърифи хосси илмии истиқлоли давлатиро пешниҳод кардааст: «Истиқлолияти сиёсӣ имконият медиҳад, ки дар системаи муносибатҳои байналхалқӣ талаботу манфиатҳои кишвар беҳтар ҳимоя карда шаванд. Кишвари соҳибистиқлол дар ҳалли масъалаҳои гуногуни байналхалқӣ ҷойгоҳи хешро пайдо менамояд. Шинохти омилҳои пайваста ва неруҳои мутаҳаррики раванди истиқлолиятхоҳӣ заҳматест сангин. Аксаран онҳо бо омилҳо ё асосҳои дигар дар баҳамалоқамандӣ зоҳир мегарданд» [32, с. 212].

Омилҳои зикршуда, дар маҷмуъ, сабаб шуданд, то дар пайи суқути давлати шуравӣ дар Тоҷикистон низ мисли дигар ҷумҳуриҳои пасошуравӣ неруҳо ва гурӯҳҳои сиёсие ба саҳнаи сиёсат ворид шуданд, ки падидаи истиқлоли давлатиро мехостанд бо маром ва ҳадафҳои худ ҳамоҳанг созанд. Қабули «Изҳорот дар бораи истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», 9 сентябри соли 1991 дар Иҷлосияи ғайринавбатии Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, даъвати дувоздаҳум барои татбиқи воқеии истиқлолияти давлатӣ шароит фароҳам овард.

Ҳамин тавр, дар шароити ниҳоят мураккаби сиёсиву иҷтимоӣ ва таърихӣ, ки ба зуҳури ҷанги шаҳрвандӣ оварда расонд, Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист масири сулҳ, бозсозӣ ва давлатсозиро интихоб намояд ва бо кишварҳои дуру наздик робитаҳои дипломатӣ барқарор намояд.

Аз назари таърихнигорӣ гузариш аз буҳрони дохилӣ ба сиёсати фаъоли хориҷӣ нишон медиҳад, ки давлатдории навини тоҷикон дар шароити мушкил ҳам тавонист манфиатҳои миллиро бо ниёзҳои муносибатҳои байналмилалӣ ҳамоҳанг созад.

Ба ақидаи аксари муҳаққиқон, дар ҷаҳони муосир имрӯз кишваре нест, ки танҳо, бе робита бо кишварҳои дигар сиёсати мустақилонаи хориҷӣ бурда тавонад. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз ин падида истисно набуда, наметавонист сиёсати инзивогароёнаро пеш гирад. Муҳаққиқони тоҷик Н. Мирзоев ва А. Шарипов чунин андеша доштанд: «Агар Тоҷикистонро дар маркази доирае қарор диҳем, перомуни онро се ҳалқаи давлатҳо печонидаанд. Ҳалқаи аввал – ҳалқаи кишварҳои ҳамсояи мустақим ва ҳамсарҳад, ки ба онҳо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ҷумҳурии мардумии Чин ва Ҷумҳурии Қирғизистон дохил мешаванд. Ҳалқаи дуюм – аз давлатҳои ба истилоҳ ҳамсояи девордармиён, аз қабили Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҷумҳурии Исломии Покистон, Туркманистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон иборат мебошанд. Ҳалқаи охиринро кишварҳои манфиатдор, ба мисли Федератсияи Русия, ИМА, Туркия, Арабистони Саудӣ ва ғайра ташкил медиҳанд» [36, с. 91-92]. Аз чунин дидгоҳ мушаххас намудани сиёсати хориҷӣ, равобити байналмилалӣ ва дарёфти шарики стратегӣ барои ҷумҳурии тозаистиқлоли Тоҷикистон осор набуд.

Пас аз истиқлоли давлатӣ ва расидан ба Ваҳдати миллӣ роҳандозии муносибатҳои дипломатию иқтисодӣ бо кишварҳои хориҷӣ ба яке аз масъалаҳои мубрами Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфт. Дар ин замина, зарурати таҳия ва қабули Консепсияи нави сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омад. Аз ин рӯ, 24-уми сентябри соли 2002 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро таҳия намуд ва баъдан дар соли 2003 сиёсати «дарҳои кушод» роҳандозӣ гардид. Ин санади стратегии кишвар баъдан бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми январи соли 2015, №332 дар

таҳрири нав тасдиқ гардид. Консепсияи қабулгардида бо дарназардошти вижагиҳои шароити кунунӣ ва дурнамои дарозмуддати давлатдорӣ мутобиқ ба манфиатҳои бунёдии миллати тоҷик таҳия гардидааст. Ҳамин аст, ки сиёсати хориҷии сулҳҷӯёна, саҳеҳу амиқ пешбинишаванда ва барои ояндаи давлату миллат созанда, баҳри дар амал татбиқ намудани ормонҳои миллат маҳсуб гардида, аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ якдилона пазируфта шудааст.

Дар банди 3.1-и Консепсияи мазкур доир ба масоили равобити Тоҷикистон бо ҶИЭ чунин омадааст: «Тоҷикистонро дар равобит бо ҶИЭ, пеш аз ҳама, таърихи муштарак, забон ва фарҳанг ба ҳам мепайвандад. Тоҷикистон дар оянда низ равобити худро дар асоси ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба тавсеа хоҳад бахшид» [1]. Инчунин, дар банди 3.2.-и ҳамин Консепсия, ки «Дипломатияи бисёрҷониба» унвон дорад, масоили ҳамкорӣ бо ҷаҳонӣ ислом, яъне кишварҳои исломӣ матраҳ гардида, чунин қайд шудааст: «Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдори ҳамкориҳои фаъолу судманд бо СҲИ ва ниҳодҳои тахассусии он буда, таҳия ва татбиқи Стратегияи рушди ҷаҳони исломро мувофиқи мақсад медонад» [1]. Маҳз дар ҳамин поя ва дар заминаи ҳамин Консепсия муносибатҳои дипломатию сиёсӣ ва иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҶИЭ дар солҳои истиқлолияти давлатӣ роҳандозӣ мегарданд.

Аз баррасии масъалаи мазкур чунин бармеояд, ки дар солҳои соҳибистиқлолӣ Тоҷикистон ҷойгоҳи худро дар арсаи байналхалқӣ мустаҳкам намуда, бо кишварҳои ҷаҳон муносибатҳои дипломатӣ оғоз намуд ва ба узвияти созмонҳои бонуфузи минтақавю байналмилалӣ пазируфта шуд, ки ин нишона аз эътибор ва нуфузи он дар миёни дигар кишварҳои ҷаҳон мебошад. Масалан, дар муддати начандон тулонӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон вориди арсаи муносибатҳои байналмилалӣ гардида, ташаббусҳои худро барои ояндаи неки халқҳо ва миллатҳои дунё нишон дод. Ҳамчунин, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун ташаббускори лоиҳаҳои муҳимми ҷаҳонӣ эътироф гардида,

пешниҳодҳои ояндабинонаи он аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ пуштибонии васеъ пайдо кард [33, с. 5].

Яке аз дастовардҳои беназир дар сиёсати хориҷии кишвари мо дар солҳои 90-уми асри XX оғози равобити дипломатӣ бо ҶИЭ дониста мешавад. Маҳз ҶИЭ аз аввалинҳо шуда робитаҳоро бо Ҷумҳурии Тоҷикистон устувор намуд ва дар раванди музокироти сулҳи тоҷикон фаъолона ширкат варзид ва ҳамчун шарики қобили эътимод ҳамкориҳои манфиатбахши иқтисодиро ба роҳ монд.

Ҳамин тавр, равобити дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ 9-уми январи соли 1992 оғоз гардид [63, с. 218]. 21-уми январи соли 1992 сафорати ҶИЭ дар шаҳри Душанбе ба таври расми ифтитоҳ карда шуд.

Пас аз ифтитоҳи сафорати ҶИЭ дар Душанбе, бори аввал ҳайти расмӣ бо сарварии Президенти вақтии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмон Набиев дар моҳи июни соли 1992 ба шаҳри Теҳрон сафари расмӣ анҷом дода шуд. Тавре профессор Қ. Расулиён меоварад: «Дар ин сафар миёни Тоҷикистону Эрон панҷ ҳуҷҷати муҳим, аз қабили Эъломияи усули ҳамкориҳои дӯстона ва Мувофиқатнома дар бораи ҳамкориҳои иқтисодӣ, бозоргонӣ, илмӣ ва фарҳангӣ ба имзо расид» [43, с. 6].

Созишномаи мазкур аввалин санаде буд, ки баъди расидан ба истиқлоли давлатӣ ва роҳандозии муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ ба мувофиқа расида буданд. Минбаъд низ ҳамкориҳои судманд миёни ду кишвари ҳамзабону ҳамфарҳанг дар сатҳҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ, дар доираи созмонҳои байналхалқиву минтақавӣ ба сатҳи сифатан нав бароварда шуданд.

Дар вохурии сарони ду кишвари форсизабон дар моҳи июни соли 1992 масъалаҳои вобаста ба манфиатҳои ду тараф муҳокима гардиданд. Ҷонибҳо дар ин вохурӣ саъю кӯшиши карданд, то рушди ҳамкориҳои бисёрҷабҳа ва густариши равобити байнидавлатӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаётан муҳим тавсеа ёбад. Мавриди зикр аст, ки заминаи воқеии эҳё ва инкишофи робитаҳои байнидавлатӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ, пеш аз ҳама, вуҷуди

мероси бузурги моддиву маънавии тоҷикону эрониён буд. Вале ҷанги шаҳрвандии таҳмилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раванди таҳаввулоти минбаъда дар минтақа ба зудӣ равшан сохт, ки дар ин кишварҳо зарфияте барои низоми сиёсие бар пояи модели ҶИЭ вуҷуд надорад, чаро ки асосан мардуми ин кишвар суннимазҳабанд. Модели идораи исломӣ дар ҶИЭ бар пояи назариёти фирқаи шиа бунёд шудааст, ки дар ҷомеаи суннимазҳаби Осиёи Марказӣ қобили қабул нест. Аммо дар пайи фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ Эрон ҳамвора ба унвони модели тавсеаи динӣ, ба шаклҳои гуногун мавриди таваҷҷуҳ қарор доштааст.

Ҳокимияти «Толибон»[1] дар Афғонистон бо ҳимояти ҷиддӣ ва муассири Покистону ИМА равшан сохт, ки омили «таҳдиди исломӣ» на аз сӯи Эрон, балки аз сӯйи бунёдгароёни «Толибон» дар ин кишварҳо густариш пайдо мекунад. Ҳузури фаъол ва таъсиргузори Эрон дар канори Русия дар ҷараёни сарнагун кардани ҳукумати «Толибон» бо кумаки Ҷабҳаи Шимол, пас аз ҳаводиси террористӣ дар ИМА «сентябри 2001» ба хубӣ аҳаммият ва аҳдофи ҶИЭ-ро барои тавсеаи амният дар Осиёи Марказӣ ва мубориза бо терроризм равшан кард. Вале ИМА дар поёни амалиёти низомӣ дар Афғонистон ҶИЭ-ро ба унвони «меҳвари шарорат» мавриди ҳамла қарор дод. ҶИЭ низ ҳеҷ гоҳ роҳбарии ИМА-ро ҷиҳати мубориза бо терроризм напазируфтааст ва таниш миёни ду кишвар дар ҳамин замина идома ёфтааст. Ба ҳар ҳол, талошҳои ҶИЭ дар таъмини амният ва субот дар тамомии Осиёи Марказӣ барои роҳбарони минтақа дорои аҳаммияти бисёр буда, таблиғоти манфии монеаи тавсеаи равобити онҳо нашудааст. Мизони нуфузи минтақавии ҶИЭ ва аҳаммияти ҳамҷавории он бо Афғонистон чандон қобили таваҷҷуҳ аст, ки дар равобит бо давлати нави Афғонистон ҳам аҳаммияти худро ба намоиш гузошт. ҶИЭ новобаста аз дороиҳои иқтисодии худ, дар солҳои аввали роҳандозии муносибатҳо бо Тоҷикистон ҳамкориҳоро дар доираи иҷрои барномаҳои омӯзишӣ ва чорабиниҳову маъракаҳои фарҳангӣ маҳдуд намуда буд.

[1] Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияташ манъ аст.

Ҳоло Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ ҳамкориҳои судманди дуҷонибро ба сатҳи назарраси сиёсиву дипломатӣ бароварда, дар чаҳорчӯбаи риояи комили манофеи ҷонибҳо татбиқ менамоянд. Равшан аст, ки халқҳои тоҷику эронӣ дар тӯли таърих нуфузу эътибори худро нигаҳ дошта, то ин дам барои тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми назарраси худро гузоштаанд ва ҷиҳати ҳифзи таъриху тамаддуни худ кӯшишҳои зиёдеро анҷом додаанд. Ҳамин омил сабаб гардидааст, ки кишварҳо дар баробари доштани фарҳанги муштарак, ҳачунин, ҳамкориҳои манфиатбахшро, ки ба нафъи ҷонибҳост ба роҳ мондаанд.

Ҳамин пайвандҳои устувору таърихӣ дар пояи меъёрҳои эҳтиром ва боварию ҳамдигарфаҳмӣ аз усулҳои асосии ҳамкориҳои дуҷонибаи судманди ду кишвари бо ҳам дӯст буда, дар самтҳои гуногуни сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангиву иҷтимоӣ роҳандозӣ мешаванд.

Сар аз оғози ҳамкориҳои дуҷонибаи судманди кишварҳои ҳамзабону ҳамфарҳанг дар муносибатҳои байниҳамдигарӣ як навъ наздикшавӣ ва ҳал гардидани мушкилоти мавҷуда ба вуҷуд омад, ки ба фардои неки ҳамкориҳои тарафайн далолат мекард. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҶИЭ ба хотири ба роҳ мондани муносибатҳои гуногунсамти дипломатӣ талош доштанд, то аз рӯзҳои аввал дар тамоми самтҳои муҳимми ҳаётӣ тавофуқнома ва шартномаҳои дуҷонибаро бо дарназардошти манофеи ҳамдигар ба имзо расонанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ бо дарназардошти нуктаҳои зикршуда, пайваста баҳри тақвияти ҳамкориҳо ва ҷустуҷӯи самтҳо ва роҳҳои самарбахши тавсеаи робитаҳои байниҳамдигарӣ талош намуда, заминаҳои меъёриву ҳуқуқии ҳамкориҳои минбаъдаро гузоштанд.

ҶИЭ худро аз равандҳои гуногуни дар Осиёи Марказӣ бавуҷудомада, ки ба манфиатҳои миллии он хатар эҷод мекард, дар канор гирифта наметавонист ва истиқлол ва тамомияти марзии ин кишварҳоро ҷонибдорӣ менамуд. Ҳамзамон, бояд ба назар гирифт, ки маҳз дар лаҳазоти соҳибихтиёр гардидани кишварҳои Осиёи Марказӣ дар сиёсати минтақавии Эрон тамоиле

аз ормонгароии тундрав ба воқеъгароии прагматӣ мушоҳида карда мешавад. Далели чунин прагматизми Эронро дар омода будани кишвар ҷиҳати ба назар гирифтани мушкилот ва нигарониҳои Русия метавон дид, ки ҳама гуна пешравиҳои худро дар минтақа бо салоҳдиди Маскав анҷом медод. Роҳбарияти сиёсии Эрон ба ин бовар буд, ки кишварҳои минтақа тайи 70 сол дар зери нуфузи мафкураи коммунистӣ қарор доштанд ва баъди дастёбӣ ба истиқлолияти комил устуворона роҳи давлатдории дунявиро пеш гирифтанд. Аз ин рӯ, дар қаламравҳое, ки низоми дунявӣ устувор шуда буд, мавқеи прагматикӣ ба манфиатҳои миллии ҶИЭ созгор меафтод.

Аз охири асри XX, сиёсати хориҷии ҶИЭ бо хоҳиши институтсионализатсияи (ниҳодсозӣ) ҳамкорӣ дар доираи СҲИ, СҲИ ва СҲШ тавсиф мешавад. Бо баланд бардоштани мақоми худ дар ин созмонҳо, ҶИЭ кӯшиш кард, ки ба ҷомеаи ҷаҳонӣ садоқати худро нисбат ба риояи ҳуқуқи байналмилалӣ нишон диҳад. Ин равиш ҳам аз ҷониби тамоюли ҷаҳонӣ ба сӯи минтақагароӣ ва ҳам аз мулоҳизаҳои амалии ҳамкориҳои минтақавӣ муайян карда шуд. Теҳрон дарк мекард, ки субот ва рушди муносибатҳо бо ҳамсоягони минтақавии худ калиди расидан ба ҳадафҳои геополитикиаш мебошанд.

Ҳангоми баррасии сиёсати ҶИЭ дар робита бо Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба назар гирифт, ки стратегияи он аз роҳбурди умумии Эрон дар робита бо кишварҳои минтақа бармеомад, ки ҳадафи аслии он ҳифз ва тавсеаи ҳамаи самтҳои ҳамкорӣ бо ин кишварҳо дониста мешавад. ҶИЭ барои расидан ба мақсадҳои эълонгардида ва эҷоди фазои судманди ҳамкориҳо ба нуқоти зерин такя мекард. Ин нуктаҳо баёнгари онанд, ки сиёсати Эрон дар Осиёи Марказӣ танҳо аз омилҳои идеологӣ барнамеомад, балки бо мантиқҳои амниятӣ, иқтисодӣ ва ҳувиятӣ низ пайваст буд:

1) Робитаҳои дуҷонибаи ҶИЭ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ба арзишҳои умумии таърихӣ, фарҳангӣ ва мазҳабӣ асос меёбад;

2) ҶИЭ то ҳол ягон мушкилот ё маҳдудият барои ҳамкорӣ бо ин кишварҳо надоштааст ва заминаи асосии он мавҷудияти собиқаи таърихи

мардумони минтақа ва мавқеи сиёсии роҳбарони кишварҳо, ки омодагии худро барои тавсеаи ҳамкориҳо бо Эрон изҳор мекарданд;

3) Ҳамкории байни ҶИЭ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд ба таҳкими манфиати муштараки ҳарду ҷониб мусоидат намояд;

4) Дар тӯли солҳои ҳамкорӣ ҶИЭ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиш намудаанд, ки муносибатҳои дуҷонибаи худро дар пояи манофеи ҷонибҳо ва шароити судманд густариш диҳанд ва дар роҳи расидан ба ҳадафҳои худ ба ягон монеаҳои ҷиддии мушаххасе дучор нашудаанд ва онро тавсеаи ҳамкориҳои дар сатҳҳои баланди сиёсии давлатҳо нишон медиҳад;

5) Ҳамоҳангии мавқеъ ва назарҳо дар асари масъалаҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, барои боз ҳам мустаҳкамшавии фазои сиёсиву иқтисодӣ ва гуманитарии давлатҳо гардидаст.

Маҷмуи омилҳои дар боло зикршуда усули зеринро муайян кардааст, ки ҶИЭ дар сиёсати худ нисбат ба Ҷумҳурии Тоҷикистон риоя мекунад:

1. Рушди шарикии стратегии ҳамаҷониба, ки ба манфиати мутақобила дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, илмӣ, техникӣ, фарҳангӣ ва амниятӣ асос ёфтааст;

2. Ҳамкориҳои кишварҳо дар чаҳорчӯбаи созмонҳои минтақавӣ, ба монанди СҲИ, СҲИ, СҲШ;

3. Густариши ҳамкориҳо дар сатҳи созмонҳои байналмилалӣ.

Тавре дар боло ишора рафт, ҶИЭ аз аввали солҳои соҳибистиқлолӣ рушд ва густариши ҳамкориҳои мутақобилан судмандро бо Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуда буд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам бо вуҷуди вазъияти мураккаби дохиливу сиёсӣ саъй дошт, ки робитаҳои ҳаматарафаро бо давлати ҳамфарҳангу ҳамдин васеъ намояд. Маҳз ва ҳамин иродаи қавӣ ва талошҳои устувори ҷонибҳо буд, ки заминаи сиёсии ташаккули ҳамкориҳоро гузошт ва онро ба сатҳи зарурӣ баланд бардошт. Баъдан, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар «Мурочиатнома ба халқи шарифи Тоҷикистон» «усул, афзалиятҳо ва самтҳои асосии сиёсати хориҷиро баён намуд, ки аз тарафи ҷомеаи байналмилалӣ пазируфта шуданд» [22, с. 8].

Лозим ба таъкид аст, ки дар ин масъалагузорӣ усул ва самтҳои асосии сиёсати хориҷӣ ба сурати консептуалӣ баён гардидаанд. Дар робита ба ин ходими давлатии Тоҷикистон К. Юлдошев қайд намудааст: «Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз он давлатҳои тозаистиқлоли камшумори ҷаҳон мебошад, ки ба вай дар як муҳлати кӯтоҳ шомил гардидан қариб ба ҳамаи сохторҳои бонуфузи байналмилалӣ ва минтақавӣ муяссар гардидааст» [69, с. 23]. Донишмандони тоҷик Т. Н. Назаров ва А. Сатторзода дар китоби «Дипломатияи муосири тоҷик» чунин нигоштаанд: «Агар бо эълони истиқлолияти давлатӣ дар моҳи сентябри 1991 Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи ҳуқуқии вуруди хешро ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ба сифати узви комилҳуқуқ ва субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ омода намуда бошад, бо шомил гардидани хеш ба созмонҳои бонуфузтарини байналмилалӣ ва минтақавӣ амалан ба ҷомеаи ҷаҳонӣ пайваст ва ба равандҳои сиёсиву иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии он шарик шуд» [40, с. 191].

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сиёсати хориҷии худ аз солҳои аввали мустақилият ҶИЭ-ро, ки бо мо пайвастагии умумии забонӣ, фарҳангӣ ва тамаддуни дошт, яке аз шарикони содиқ ва ба боэътимод шинохта буд. Воқеан, самти муҳимми сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон рушду тақвияти ҳамкориҳо бо ҶИЭ маҳсуб меёфт. Мавқеи кишварҳои бо мо ҳамзабон, ҳамфарҳанг, ҳамдин ҳамон вақте шакл гирифт ва ташаккул ёфт, ки сардори давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Иҷлосияи XVIII Шурои Олӣ ҳангоми мушаххассозии авлавиятҳо ва самтҳои пешбурди сиёсати хориҷии кишвар таъкид намуда буд: «Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи мавқеи ҷуғрофӣ, мавқеи геополитикӣ ва манофеи иқтисодиаш ба 5 ҳавзаи сиёсӣ дохил мешавад» [58, с. 100].

Вобаста ба ин, З. Саидзода чунин қайд мекунад: «Иқдомоти Сарвари давлат бо чунин тасмимгирӣ аз иродаи сиёсӣ ва дурбинии роҳбарияти кишвар шаҳодат медод ва воқеан, дар ин шабу рӯзҳо фазои сиёсиву иқтисодии кишвар бо буҳрони амиқ рӯ ба рӯ буд ва ин як нишонаи дурбинонаи роҳбари давлат буд» [59, с. 110]. Ҳамин буд, ки Сарвари давлат

муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сиёсати амалгароёна ва воқеъбинонааш тавонист муносибатҳои хуби ҳасанаро бо кишварҳои ҳамзабон, бахусус бо ҶИЭ ба роҳ монад. Тақвияти равобит миёни ин ду кишвар аз он далолат мекард, ки тарафҳо барои марҳала ба марҳала густариши ҳамкориҳои судманд ҳамаҷониба омодагии зарурӣ доранд.

Моҳи июли соли 1993 сарони давлатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ зимни мулоқот дар шаҳри Истанбули Туркия дар доираи вохурии сатҳи баланди давлатҳои узви Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ чунин изҳор доштанд: «Ривоҷи равобити ду кишвар бояд дар доираи равобити таърихӣ ва анъанавӣ, ки дар тули садсолаҳо инкишоф ёфтаанд, идома ёбад» [57, с. 38].

Намунаи возеҳи омодагии қавӣ ба эҷоди фазои устувори эътимод, ҳамдигарфаҳмӣ ва эҳтироми мутақобила ба роҳ мондани фаъолияти ниҳодҳои олии дипломатӣ дар пойтахтҳои ҳамдигар буд. Дар ин росто, ҶИЭ дар моҳи январи соли 1992 нахустин шуда сафоратхонаи хешро дар шаҳри Душанбе ифтитоҳ бахшид. Тавре профессор Қ. Расулиён таъкид менамояд: «Сафоратхонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳи июни соли 1995 дар пойтахти Эрон – шаҳри Теҳрон, ҳангоми сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба кор шуруъ намуд. Дар рафти вохурии сатҳи олӣ миёни Тоҷикистону Эрон 8 тавофуқномаи муҳим ба имзо расид» [43, с. 7].

Бояд ёдовар шуд, ки дар таҳкими равобит дар бахшҳои мухталифи ҳаётии ду кишвар сафарҳои расмиву кории сарони давлатҳои Тоҷикистону Эрон ва дигар намояндагони воломақом нақши муассир гузоштанд. Дар вохуриву нишастҳо масоили гуногуни ҳамкориҳо, аз ҷумла созишномаву тавофуқномаҳои зиёд қабул карда мешуданд. Тавре ки гуфтем, бо оғози ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон тақвияти муносибатҳои дуҷонибаву бисёрҷониба коҳиш ёфтанд. Новобаста аз ин, дар моҳи июли соли 1995 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҶИЭ сафари расмӣ анҷом дод. Дар рафти сафари расмии худ ба ҶИЭ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сафоратхонаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар пойтахти ҶИЭ –

шаҳри Теҳрон ифтитоҳ намуд. Тавре дар китоби «25 қадам дар паноҳи олам» зикр гардидааст: «Дар рафти вохурии сатҳи олӣ миёни Тоҷикистону Эрон 12 санади муҳим, аз ҷумла, дар бахшҳои фарҳангӣ ва шартнома дар соҳаи нақлиёт, шартнома дар бораи меҳнату масоили иҷтимоӣ ва рушди ҳамкориҳо дар соҳаи филмофарӣ ба имзо расиданд. Дар сафари давлатӣ «Ёддошти тафоҳум ҷиҳати густариши минбаъдаи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон» ба мувофиқа расид» [29, с. 78].

Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин изҳорот пахш намуда буд: «Баъди боздид аз ин кишвар, ҷониби Эрон дар сатҳи олӣ бо чандин пешниҳод оид ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо ин кишвар баромад кард, ки манзур аз ин имконияти пайдошудаи истифодаи роҳи оҳани Туркманистон – бандарҳои халиҷи Форс буд» [5, с. 6]. Вазирони корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ дар соли 1995 ду маротиб бо ҳам вохурда, масъалаҳои муҳимми ҳамкориҳо миёни кишварҳоро баррасӣ ва муҳокима намуданд. Ҳамчунин, дар ҳамин сол дар шаҳри Ашқободи Туркманистон вохурии Тоҷикистон, Туркманистон ва Эрон баргузор гардид ва тарафҳо «Ёддошти ҳамкории сеҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Ҷумҳурии Туркманистон» имзо карданд [127, с. 38].

Муҳаққиқи эронӣ М. Шабобӣ зимни таҳлили фазои минтақавӣ ва геополитикии Осиёи Марказӣ, таъкид менамояд: «Ҷумҳурии Исломии Эрон имкони эҳёи равобити қаблӣ бо мардумоне вуҷуд дорад, ки бо Ҷумҳурии Исломии Эрон решаҳои муштараки таърихӣ, мазҳабӣ, фарҳангӣ ва забонӣ доранд» [132, с. 48].

Муҳаққиқи дигари эронӣ Алиризо Рафеӣ масъалаи сатҳи равобити Тоҷикистон ва Эронро баррасӣ намуда, менависад: «Ҷумҳурии Исломии Эрон ҳадафи мушаххас ҷиҳати тақвияти рисолати сулҳофарӣ дар қазияи тоҷиконро дорад. Ҳамчунин, барои таҳкими робитаҳо бо роҳбарияти ҷадиди Тоҷикистон бо сардории Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади устуворшавии боварӣ ва эътимод дар робитаҳо кӯшиш намуда, дар саҳнаи байналмилалӣ, бо идораҳои дипломатии Русия, кишварҳои ҳамсояи Тоҷикистон ва созмонҳои

бонуфузи байналмилалӣ ҷиҳати қатъи амалиётҳои низомӣ ва ҳалли сиёсии низоъ Тоҷикистонро дастгирӣ менамояд» [126, с. 138].

Сарфи назар аз ин, кишвари соҳибистиқлоли Тоҷикистон ба буҳронҳои зикргардида мувоҷеҳ гардида, хисороти зиёде ҳосил шуд, ки дар натиҷа ҳазорҳо мардуми бегуноҳ кушта ва садҳо ҳазор нафар гуреза шуда, иқтисоди кишвар ба сифр баробар шуд ва ҳазорҳо нафар хонаҳои истиқоматии худро аз даст доданд. Маҳз иродаи мустаҳкам ва дурандешонаи Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кишварро аз буҳрони амиқи сартосарӣ наҷот дод ва халқи тоҷикро сарҷамъ намуд.

Буҳрони сиёсии солҳои 90-уми асри XX дар Тоҷикистон на фақат авзоъ ва ҷойгоҳи сиёсии ҷумҳуриро дар минтақа тағйир дод, балки ба вазъи геополитикии минтақаи Осиёи Марказӣ таъсири амиқ гузошт. Ҳамзамон, ҳамбастагии фазоӣ, умумияти фарҳангиву динии халқҳои минтақа низ ба дигаргуншавии вазъи геополитикӣ мусоидат намуданд. Дар замони шуравӣ минтақаи мазкур ҳамчун манбаи ашёи хом барои кишварҳои низоми сотсиалистӣ ва капиталистӣ маҳсуб мегардид. Минтақаи мазкур аз тарафи Ғарбу Шарқ ҳамчун минтақаи аз лиҳози сарватҳои табиӣ ғанӣ ба шумор рафта, диққати бозигарони сатҳи байналмилалиро ба худ ҷалб карда буд ва имрӯз низ раванди мазкурро мушоҳида намудан мумкин аст. Ҳоло ин раванд таҳти таъсири мутақобилаи неруҳои қудратӣ ва рақобати иқтисодии «Шимол» ва «Ҷануб» қарор гирифтанд. Бояд тазаккур дод, ки унсури муттаҳидгари равобити низомҳои сиёсиву иқтисодии аксар мамолик, амсоли Афғонистон, Эрон, Покистон ва монанди инҳо маҳз Осиёи Марказӣ дониста мешавад. Ин минтақа дар маркази қитъаи Осиё қарор гирифта, аз марзҳои он дар масири таърих роҳҳои бузурги тиҷоратӣ мегузаштанд ва фақат ба ҳамин далел, минтақаи мазкур чун пули васлгари тамаддунҳо ва низомҳои беҳтарини Ғарбу Шарқ хизмат кардааст.

Низоъи дохилии шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонист, боиси адами субот дар ҷомеаи ҷумҳуриҳои минтақа ва ҳатто берун аз он шавад. Густариши минтақаи ноором ба сӯи Ҷумҳурии Тоҷикистон амали

воқеӣ буд. Ин ба манфиатҳои геополитикии қувваҳое буд, ки мехостанд, бархурди Русияро ба ислом мазмуни асосии ин давраи таърихӣ созанд, ҷавобгӯ буд. ҶИЭ барои пайвастанаш ба нерӯҳои постдорони сулҳи СММ паём расонида буд, аммо ин пешниҳод қабул нагардид. Чунки назми ҷаҳонии ҳамонвақта ҷиҳати бартараф кардани буҳрони Қарабоғи Кӯҳӣ ташаббуси назаррас нишон дода натавонист, ки ин ба раванди барҳамзании буҳрони сиёсии Тоҷикистон халал ворид намуд. Тавре З. Саидов таъкид менамояд: «Ба ҳар ҳол, ҷиҳати барҳам задани вазъи муташанниҷи минтақа ва ҷаҳон, ба вуҷуд наомадани ҷангҳои гибридӣ дар минтақаи Осиё, кишварҳои минтақа ва махсусан, бозигарони он тадбирҳои муасир андешиданд. Тамоюли тарафҳои даргир ба сӯи сулҳ дар соли 1994 эътимоди Ҷумҳурии Исломии Эронро ба рафъи хатарҳо тақвият дод» [109, с. 48].

Мушоҳида, муқоиса ва таҳлили сиёсӣ нишон медиҳад, ки ҶИЭ ба якпорчагӣ, суботу амният ва мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити бозиҳои геополитикӣ ва бархурди тамаддунҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамуд. Ҳамчунин, равобити сиёсии худро бо ин кишвар дар сатҳи баланд афзоиш медод. Аз замони мустақар гардидани сафорати ҶИЭ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин кишвар нақши миёнаравро дар ҳалли низоъҳои ҷойдошта бозидааст, ки исботи гуфтаҳои боло мебошад. Аз ҳамин давраи ҳамкориҳои манфиатбахш байни Тоҷикистону Эрон санадҳои муҳимми ҳамкории зиёде ба иҷро расидааст.

Вусъати тоза пайдо кардани равобити сиёсиву дипломатии Тоҷикистону Эрон аз он шаҳодат медод, ки ҷонибҳо барои боз ҳам васеъшавии ҳамкориҳои бисёрҷониба омодаанд. Ҳамзамон, дар солҳои баъдӣ тамоили васеъшавии муносибатҳо ба назар расидаанд, ки дар ин бора дар гузориши Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин омадааст: «Дар равобит бо Эрон, ба мисли солҳои қаблӣ, муҳокимаи имконоти ҳамкорӣ нисбат ба худи ҳамкорӣ бештар сурат мегирад. Чунин мавқеъ аслан ба муносибат бо Эрон хос нест, ки эҳтимоми муайянро бо мушаххасоти эҳсосшаванда боис мешавад. Вале, ба далели он ки бо Эрон робитаҳои

бисёрсола ва гуногунсатҳа пойдор ҳастанд, тасаввуроти бенатиҷагии равобит аз нуқтаи назари ба роҳ мондани ҳамкории муфид ба вуҷуд меояд» [127, с. 5].

Аз ин нигоҳ, нақши ҶИЭ-ро дар музокироти сулҳи тоҷикон бояд дар доираи васеи дипломатияи минтақавӣ, ҳамоҳангии қудратҳои таъсиргузор ва ниёзҳои дохилии Тоҷикистон ба суботи сиёсӣ арзёбӣ кард.

Моҳи майи соли 1997 дар рафти боздиди расмии Президенти вақти Эрон Акбар Ҳошимии Рафсанҷонӣ «Эъломия дар бораи ҳамкориҳои Тоҷикистону Эрон» ба имзо расида, чандин қарордоди муҳим баста шуд, ки воқеан, то имрӯз нуфуз ва эътибори худро гум накардаанд [29, с. 78-79].

Силсилаи боздидҳо ва вохуриҳои роҳбарони олирутба ва баландмартабаи ду кишвар тайи солҳои 1995-2000 ба маҷрои муътадил даромада, аз рафти онҳо мавзуъҳои гуногуни алоқаманд ба рушди робитаҳои сиёсиву иқтисодӣ, фарҳангӣ, робитаҳои байнипарлумонӣ ва инчунин алоқаманд ба вазъи амният дар минтақа баррасӣ шудаанд. Масалан, соли 1995, ҳангоми сафари расмӣ ба Эрон Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳашт созишномаи муҳим; моҳи декабри соли 1996 ҳангоми сафари ноиби аввали Раисҷумҳури Эрон Ҳасани Ҳабибӣ ба Тоҷикистон 11 санад; моҳи феврали соли 1997 ҳангоми сафари ҳайати вакилони Тоҷикистон ба Эрон бо роҳбарии Раиси Маҷлиси Олӣ Сафаралӣ Раҷабов 8 санади муҳим; соли 1998 ҳангоми сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 9 санади муҳим ба имзо расиданд. Ин санадҳо фарогири масоили гуногуни дӯстӣ ва ҳамкориҳои мутақобилан судманд ва бисёрҷабҳа буданд.

Дар ин бора дар гузориши ВКХ Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин оварда шудааст: «Таҳлили ҷараёни татбиқи санадҳои ба таври муштарак қабул шуда нишон медиҳад, ки дар равобити Тоҷикистону Эрон дурнамои калон мавҷуд аст, махсусан дар чунин соҳаҳо ба мисли энергетикаи обӣ, саноати нассоҷӣ, саноати сабук ва ғайра» [6, с. 10].

Тамоили мусбат дар робитаҳои байнидавлатӣ бо оғози ҳазораи нав ҳам ба назар мерасид. Иштироки Сарвари давлати тоҷикон дар саммити

кишварҳои узви СҲИ (июли соли 2000) гӯфтаҳои болоро тақвият медиҳад. Дар санадҳои бойгонии ҷории ВКХ ҶТ чунин қайд гардидааст: «Дар чаҳорчӯбаи ин боздид Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Сайид Муҳаммад Хотамӣ мулоқот карда, масъалаҳои алоқаманд ба рушди минбаъдаи ҳамкориҳои иқтисодиро муҳокима ва баррасӣ намуданд» [6, с. 10].

Дар ҳамин росто, моҳи марти соли 2001 сафари Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. Убайдуллоев ба шаҳри Теҳрон сурат гирифт, ки зимни он: «Баёнияи муштарак ва Созишнома дар бораи бародаршаҳрии Душанбе ва Теҳрон ба имзо расид» [32, с. 120].

Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ дар доираи сафарҳои расмии роҳбарони олии кишварҳо, дидорбинӣ дар доираи саммитҳои созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ ва махсусан дар баргузории ҷаласаҳои Комиссияҳои муштараки ҳамкориҳои тиҷоратӣ, иқтисодӣ, техникӣ ва фарҳангӣ дар солҳои минбаъда низ идома ёфта, ба сатҳи сифатан нав бароварда шуданд. Тавре аз санадҳои бойгонии ҷории Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷкистон бармеояд: «Санаи 7-8-уми июни соли 2021 дар шаҳри Душанбе ҷаласаи 14-уми Комиссияи муштараки ҳамкориҳои тиҷоратӣ, иқтисодӣ, техникӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон баргузор гардид, ки дар он Ёддоштҳои тафоҳуми ҳамкорӣ дар соҳаҳои фарҳанг ва меҳнат, Созишномаи истирдоди маҳкумшудагон, Ёддошти тафоҳуми ҳамкорӣ дар соҳаи варзиш ва ҷавонон, дар соҳаи кор ва омӯзишҳои техникӣ-касбӣ, ҳамкориҳо дар соҳаи сайёҳӣ ба имзо расонида шуданд» [12].

Дар маҷмуъ, метавон гуфт, ки ҶИЭ равобити наздики худро бо Ҷумҳурии Тоҷикистон бо баэътиборгирии намоиши қудрати худ дар минтақа роҳандозӣ намуда, ҳамчун бозигари минтақавӣ ба ҳар гуна хатарҳои ҷойдошта, ки ба амнияти ин кишвар халал ворид мекунад, мавқеи устувор доштани худро нишон медод.

Бояд таъкид намуд, ки ҳузури ҶИЭ дар Осиёи Марказӣ, аз ҷумла, дар Тоҷикистон, пеш аз ҳама дар нигаҳдошти арзишҳои умумимиллӣ дида мешуд. Аз ҳамин хотир, ҳар ду ҷонибро зарур буд, то ба хотири таҳсил ва ҳифзи манфиатҳои муштараки хеш тадбирҳои заруриро андешида, барои устувор нигаҳ доштани ҳамкориҳо талош намоянд.

Мушоҳида, муқоиса ва таҳлилҳои ҷомеаи муосир нишон медиҳад, ки қудратҳои ғарбӣ бо баэътиборгирии сардии равобиташон бо ҶИЭ, бо кишварҳои минтақа ва махсусан бо Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъсири манфии худро мерасонанд. Духӯрагӣ ва ноамнии ҷомеаи муосир ва ба рӯйи саҳнаи сиёсӣ ворид гардидани бозигарони нав рӯз ба рӯз вазъи минтақа ва ҷаҳонро халалдор сохта, боиси барҳам хурдани иттиҳоду ҳамбастагии байни кишварҳо гардидааст. Бо вуҷуди мушкилоти ҷойдошта, ки дар робитаҳои ҶИЭ бо кишварҳои хориҷӣ мушоҳида мегардад, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои худро бо ин кишвар дар баробари қудратҳои минтақа ва ҷаҳон коста накардаст.

Дар шароити муосир заминаҳои муҳимми ҳамкориҳои дуҷонибаи судманди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ ин пеш аз ҳама, дар соҳаҳои иқтисодиёт, иҷтимоиёт ва фарҳанг арзёбӣ мегардад. Тибқи таҳлилҳо дар низоми ҳамкориҳои ду кишвар тахминан 60 дарсади ҳамкориҳо ба соҳаи фарҳанг рост меояд.

Дар муносибатҳои байни ду кишвари шарик як самимияти хоссе ба назар мерасид ва рӯз ба рӯз муносибатҳои судманди дуҷониба ва бисёрҷониба дар доираи шартномаҳои басташуда рӯйи кор оварда мешуданд. Маълум буд, ки ҳамкориҳои гуногунсоҳа барои ҷонибҳо фурсате фароҳам меорад, ки боздидҳои расмии шахсони воломақоми кишварҳо тарҳрезӣ карда шаванд.

Дар натиҷа, даҳсолаи аввали истиқлоли давлатӣ барои муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ давраи ташаккули заминаи ҳуқуқӣ, санҷиши эътимод ва ҷустуҷӯйи соҳаҳои воқеан манфиатбахши ҳамкорӣ гардид.

Ҳамин тавр, бо дарназардошти далеҳо ва омилҳои зикршуда, таърихи устуворшавӣ ва ташаккулёбии муносибатҳои байнидавлатии Тоҷикистон ва Эронро чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст:

1. Яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои аввали истиқлоли давлатӣ ба роҳ мондани муносибатҳои васеъ ва ҳамаҷонибаи сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангӣ бо Эрон ба шумор мерафт. Ҳамзамон, бояд эътироф кард, ки душворӣ ва мушкилоти алоқаманд ба шароити мураккаби соҳибистиқлолӣ, оғози ҷанги шаҳрвандии таҳмилӣ дар Тоҷикистон, маҳдудиятҳои воқеии иқтисодиву сиёсӣ ва идеологӣ ба ҷараёни умумии роҳандозии муносибатҳои байнидавлатӣ таъсир расонданд. Бо вуҷуди ин, Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми мушаххас кардани самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷӣ дар 28 декабри соли 1993 ҶИЭ-ро ба сифати кишвари афзалиятноки форсизабон эълон ва мақоми ин кишварро дар низоми сиёсати хориҷии Тоҷикистон муҳим арзёбӣ кард. Ин иқдом чаҳорчӯбаи сиёсиву ҳуқуқии робитаҳои байнидавлатӣ бо ҶИЭ-ро боз ҳам устувор намуда буд.

2. Иштироки фаъоли Эрон ҳамчун миёнрав дар музокироти байни тоҷикон ва дастгирии башардӯстонаи он омилҳои калидие буданд, ки эътимоди Тоҷикистонро ба ин кишвар тақвият доданд ва заминаи ҳамкории наздики байни ду кишварро фароҳам оварданд.

3. Пас аз барқарор шудани сулҳ дар Тоҷикистон ҶИЭ талош намуд, то рушди фаъолонаи муносибатҳои худро бо Тоҷикистон дар соҳаҳои гуногун тақвият диҳад. Ин барои Теҳрон муфид буд шарикии устувор ба Тоҷикистон кӯмак мекард, ки Эрон ба як бозигари муҳим дар Осиёи Марказӣ табдил ёбад ва исбот кунад, ки тарсҳои рақибонаш дар бораи «густариши идеологӣ-мазҳабӣ»-и Эрон беасосанд. Дар ниҳоят, дигар бозигарони минтақа маҷбур шуданд, ки нуфузи Эронро дар Тоҷикистон ҳамчун як далели воқеӣ эътироф кунанд ва манфиатҳои онро ба назар гиранд.

4. Равобити Тоҷикистону Эрон айни замон бар асоси чаҳорчӯбаи мустаҳками меъёрӣ-ҳуқуқӣ асос ёфта, муколамаи фаъоли сиёсӣ ва сафарҳои

мутақобилаи роҳбарони ду кишвар имкон доданд, ки ҳамкорӣ, бахусус дар масъалаҳои амниятӣ ва иқтисодӣ, ба сатҳи нав бирасад.

1.2. Шароит ва вижагиҳои таҳаввули робитаҳои сиёсиву дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон дар ибтидои асри XXI

Оғози асри XXI марҳилаи нав ва муҳим барои рушди робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои минтақа ва ҷаҳон арзёбӣ мешавад. Шуруъ аз 31-уми декабри соли 2002 Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тақвияти ҳамкориҳои манфиатбахш бо кишварҳои хориҷӣ сиёсати «дарҳои кушод»-ро эълон кард. Ҷумҳурии Тоҷикистон, тибқи арзишҳо ва суннатҳои аҷдодии худ, ҳамкорӣ ва доштани равобити ҳасанаро бо ҳамаи кишварҳои ҷаҳон дар мадди аввал гузошт.

Бо эълон гардидани сиёсати «дарҳои кушод», як гоми муҳим ва хеле ҷиддӣ дар ростои барқарорсозии ҳамкориҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва тиҷоратӣ бо кишварҳои хориҷӣ бардошта шуд. Сиёсати «дарҳои кушод» иқдоми муҳим дар рушди ҳамкориҳои дуҷонибаи судманди Тоҷикистон дар низоми нави равобити байналмилалӣ арзёбӣ мешавад. Бояд таъкид намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаббусҳои ояндасози Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳадафҳои асосӣ расида, таъмини ҳифз ва пешбурди манфиатҳои давлатиро дар сатҳи байналмилалӣ ҳимоят намуда, сатҳҳои ҳамкориро тақвият бахшида, манофеи иқтисодиву иҷтимоии Тоҷикистонро тибқи тавозуни байналмилалӣ иҷро намудааст.

Ташаббусҳо ва корномаҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба манфиатҳои на фақат Тоҷикистон, балки тамоми ҷаҳон хизмат мекунад. Таҳлилҳо нишон додааст, ки низоми нави муносибатҳои байналмилалӣ то андозае тағйир ёфта, бозигарони нав дар арсаи сиёсат омадаанд, ки ин раванд ба тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ таъсири назаррас гузоштааст.

Дар ин марҳала, сиёсати «дарҳои кушод» барои Тоҷикистон воситаи мутобиқсозии манфиатҳои миллӣ бо тағйироти низоми ҷаҳонӣ буд ва муносибат бо Эрон дар ҳамин доираи сиёсии мазкур ҷойгоҳи хос касб намуд.

Гузашта аз ин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо аз минбарҳои созмонҳои ҷаҳонӣ масъалаи пешгирии низоъҳо ва ҳалли масъалаҳоро бо роҳи мусолиматомез таъкид кардааст. Ҳамин аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари ташаббускор ва фаъол дар роҳи таъсиргузор будан дар ҳалли масъалаҳои башарӣ дар олам ном баровардааст [107, с. 17]. Дар низоми робитаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои сиёсиву дипломатӣ бо ҶИЭ дар ибтидои асри XXI мақоми афзалиятнокро соҳиб шуд. Сабаби асосии аҳаммияти ин ҳамкориҳоро, пеш аз ҳама, дар мутӯштаракоти фарҳангӣ, забонӣ ва таърихӣ метавон арзёбӣ кард.

Дар таърихи равобити ҶИЭ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон оғози қарни нав бо як силсила рӯйдодҳои муҳим тавсиф мегардад. Ин давраи рушди бемайлони муносибатҳои ду кишвар дар тамоми соҳаҳои ҳаётан муҳимми иқтисодиёт, сиёсат, илм ва фарҳанг арзёбӣ мешавад. Бо ишора ба ин воқеият, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми табрикотии солинавии худ дар соли 2001 изҳор дошта буд: «Дар асри оянда низ таҳкими робитаҳои ҳаматарафа бо мамлакатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Эрон, Чин, Ҳиндустон ва дигарон асоси сиёсати хориҷии моро ташкил хоҳад дод» [181].

Ин марҳила бо табодули ҳамкориҳои Эрон ва Тоҷикистон ба сатҳи нав – аз алоқаҳои илмиву фарҳангӣ ба густариши равобити техникию иқтисодӣ хос аст. Агар дар солҳои 90-уми асри XX дар равобити ду кишвар таваҷҷуҳи бештар ба ҷанбаи идеологӣ, таблиғи арзишҳои фарҳангиву маънавӣ дода шуда бошад, пас аз истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон авлавиятҳои равобити ду кишвар тағйир ёфтанд.

Дар оғози асри XXI ва бар асари ҳодисаи моҳи сентябри соли 2001 дар ИМА баамаломада, минтақаи Осиёи Марказӣ зери таваҷҷуҳи кишварҳои ғарбӣ қарор гирифта, вуруди фаъолонаи ИМА ба ин минтақа ба мушоҳида

расид. Ҳузури низомии ИМА ва кишварҳои Ғарб дар минтақа оғоз ёфт, ки барои муддати номуайян дар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ мустақар шуда буд ва ҳадафи асосии онҳо муборизаи муштарак бар зидди терроризми байналхалқӣ дар симои ҳаракати «Толибон» ва дигар ташкилотҳои террористӣ буд. Табиист, ки ҳузури фаъолонаи кишварҳои Ғарб, бахусус ИМА, дар минтақаи Осиёи Марказӣ боиси нигаронии ҶИЭ гардид. ҶИЭ бо роҳандозии равобити гуногунҷанба бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, бахусус бо Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар якҷоягӣ бо шарикони худ Русия ва Чин саъй мекард, ки нуфузи ИМА-ро дар минтақа ба ҳадди ақал расонад. Дар соҳаи иқтисод ҶИЭ ният дошт, ки дар сохтмони иншооти энергетикӣ, бунёд ва тавсеаи зерсохторҳо ҷиҳати азхуднамоии фазои бозории кишварҳои Осиёи Марказӣ фаъолона ширкат варзад. Ин нақшаҳои стратегии ҶИЭ то андозае муваффақона дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардид. Дар ин қарина, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳандозии сиёсати «дарҳои кушод» равобити худро бо Эрон, як самти муҳим дар сиёсати берунӣ арзёбӣ мекард.

Рушди ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ, пеш аз ҳама, аз таҳкими робитаҳо дар сатҳи олӣ, яъне сафару боздидҳо ва мулоқотҳои чандкаратаи сарони давлатҳо вобастагӣ дошт. Дар ҷамъбасти ин қисмати таҳлил, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар моҳҳои ноябри соли 2000, июни соли 2003, сентябри соли 2007 ва феврали соли 2008 ба Эрон сафар карда, президентҳои Эрон Сайид Муҳаммад Хотамӣ дар моҳи апрели соли 2002, Маҳмуди Аҳмадинажод солҳои 2008, 2009, 2011, Ҳасани Рӯҳонӣ дар моҳи сентябри соли 2014 ба Тоҷикистон сафар карда буданд. Дидорбинии роҳбарияти олии кишварҳо ҳангоми сафарҳои расмӣ ба рушди муносибатҳои ҷонибҳо мусоидат намуданд [37, с. 78].

Ба таври мушаххас, дар барқияи табрикии Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 11-уми феврали соли 2005 ба муносибати солгарди Инқилоби исломии Эрон ба Раисҷумҳури кишвари дӯсту шарик Сайид Муҳаммад Хотамӣ чунин иброз доштаанд: «Тағйирот ва таҳаввулоти хеле ҷолибе, ки солҳои охир дар муносиботи дӯстонаи Тоҷикистон ва Эрон

рӯй доданд, далели равшани саъю эҳтимом ва кӯшишҳои муштараки роҳбарият ва мардумони мо барои эҳё ва рушди равобити ҳасана байни ду кишвар дар тамоми сатҳҳо ва заминаҳост» [14].

Дар доираи равобити байнипарлумонӣ дар ин давра моҳи марти соли 2001 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. Убайдуллоев ва дар моҳи ноябри соли 2007 Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон С. Хайруллоев аз ҶИЭ дидан намуданд. Дар доираи ин боздидҳо санадҳо, созишномаҳои зиёди байнидавлатӣ ва байниҳукуматӣ баста шуданд, ки заминаи ҳуқуқии ҳамкориҳои тарафайнро ташкил медиҳанд. Зимни сафарҳои сатҳи олӣ ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, то равобити ду кишварро бештар ба маҷрои иқтисодӣ равона созанд.

Дар рафти мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти ҶИЭ Сайид Муҳаммад Ҳотамӣ, ки 16-уми июни соли 2003 баргузор гардид, масоили калидии муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷониба, ҳамчунин, вазъи минтақа ва ҷаҳон баррасӣ гардиданд.

Сафари расмии Президенти ҶИЭ Саид Муҳаммад Хотамӣ ба шаҳри Душанбе 11-уми сентябри соли 2004 ба вуқуъ пайваст. Дар доираи ин сафар, ҷонибҳо доираи васеи масъалаҳои ҳамкории дуҷонибаро дар соҳаҳои иқтисодӣ ва илмиву фарҳангӣ баррасӣ намуданд. Чунин вохуриву дидорбиниҳои роҳбарони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ-ро дар саҳнаҳои гуногуни байналхалқӣ, ба монанди симпозиум ва конфронсҳои байналхалқӣ мушоҳида намудан мумкин аст. Масалан, «Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 15-уми сентябри соли 2005 дар шаҳри Ню-Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико бо Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Маҳмуди Аҳмадинажод мулоқот кард. Зимни мулоқот масъалаҳои таҳкими муносибатҳои гуногунҷанбаи Тоҷикистону Эрон муҳокима гардиданд» [4-М., с. 20-26].

Дар ин мулоқот робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ аз давраи бунёд мавриди матраҳ қарор дода шудааст. Аз анҷоми мулоқот чунин

бармеояд: «Аз рӯзҳои аввали оғози робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Исломии Эрон дар муносибатҳои ҷонибҳо пешравиҳои куллан чашмрас мушоҳида карда мешавад, ки аз он ҷонибҳо қаноатмандии хешро дар тамоми вохуриҳои сатҳи олӣ иброз медоштанд ва зарурияти тавсеаи бештари ҳамкориҳоро таъкид мекарданд» [4-М., с. 20-26].

Бо гузашти тақрибан 30 соли ҳамкориҳо дар қолаби шартномаҳои муҳимму саривақтӣ суратгирифта тарафҳо ба комёбиҳои чашмраси таърихӣ ноил гардидаанд. Яке аз масъалаҳои ҳалталаб ва саривақтӣ дар муносибатҳои ду кишвари ҳамзабону ҳамфарҳанг, ба имзо расидани зиёда аз 180 санад арзёбӣ мегардад, ки ҳолат ва дурнамои ҳамкориҳои ду кишварро муайян намудааст [23, с. 7].

Таҷрибаи мулоқотҳо нишон медиҳад, ки дипломатияи сатҳи олӣ дар муносибатҳои ду кишвар вазифаи муҳаррики сиёсӣ ва ҳамзамон, вазифаи кафолати иҷрои санадҳои қаблан имзошударо ба уҳда дошт.

Зимни сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҶИЭ 28–29 ноябри соли 2008 Эронро шарики стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ намуд. Дар рафти муносибатҳои дуҷонибаи судманд роҳбарони ду кишвари бо ҳам дӯст дар шаҳрҳои гуногун, ба монанди Истанбул, Ню-Йорк, Пекин, Кувайт, Бишкек ва дигар шаҳрҳо мулоқот гузаронидаанд. Дидору мулоқотҳои мазкур имкон фароҳам овард, ки равобити ду кишвари бародарро боз ҳам наздик созанд. Ҳачунин, раванди мазкур имкон фароҳам овард, то аз соли 2000 равобити судманди дуҷониба дар чаҳорчӯбаи кишварҳои форсизабон ташаккул ва рушд намояд.

Таъкид ба ёдоварист, ки Афғонистон дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон ва Эрон ҷойгоҳи махсусро касб кардааст. Роҳбарияти Эрон борҳо изҳор кардааст, ки идомаи ҷанг дар Афғонистон барои ҳамсоякишварҳо ва минтақа паёмади ногувор дорад. Муҳаққиқи эронӣ М. Шабобӣ масъалаи мазкурро баррасӣ намуда, қайд кардааст: «Субот дар қаламрави Афғонистон барои кишварҳои Осиёи Марказӣ ва иштироки фаъоли Созмони ҳамкории иқтисодӣ

таъсири назарраси худро мерасонад, ки ин низ барои робитаҳои минтақавии ду ҷониб таъсири назаррас дорад» [132, с. 45].

Илова бар ин, равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ дар доираи кишварҳои форсизабон низ роҳандозӣ мегардад. Гурӯҳи махсус оид ба ҳамкориҳои дуҷонибаи судманд дар чаҳорчӯбаи муайяншуда байни се кишвар – Эрон, Афғонистон ва Тоҷикистон таъсис дода шуд, ки минбаъд ба раванди ҳамкориҳо дар самти иқтисод ва тиҷорат таъсири мусбати худро расонид. Сафарҳои расмии Сарвари давлати Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба кишварҳои дигари форсизабон ба густариши равобити кишварҳои ба ҳам наздик такони тоза бахшид.

Соли 2006 нишасти сарони кишварҳои форсизабон баргузор гардид ва дар он масоили тавсеа ва рушди равобити кишварҳо мавриди баррасӣ қарор гирифт. Дар ин нишасти сарони кишварҳои Тоҷикистон, Эрон ва Афғонистон роҳҳои беҳтар намудани равобити кишварҳо дар соҳаҳои сохтмони корхонаҳои коркарди пахтаи хом, нассоҷӣ, бунёди коргоҳҳои муштарак, устувор намудани ҳамкориҳоии гидроэнергетикӣ, кишоварзӣ, дорусозӣ ва сайёҳӣ арзёбӣ шуданд.

Тавре ки борҳо таъкид карда шуд, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ аз амният ва субот дар минтақа пуштибонӣ мекунанд. Маҳз сафарҳои расмию кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд, ки ба рушди муносибатҳои кишварҳои форсизабон ва таъмини сулҳу субот дар ин фазо таъсири назарраси худро расонид.

Метавон гуфт, ки маҳз сарвари давлати мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, яке аз ташаббускорони асосии рушди ҳамкориҳо бо Эрону Афғонистон буд. Тавре ки дар китоби «Эмомалӣ Раҳмон – бунёнгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистон» таъкид шудааст: «Бо ибтикор ва нақши фаъоли Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи Эрон ва Афғонистон ба зарурати ҳамкориҳои муштараки се кишвари ҳамзабон афзоиш ёфт. Роҳбари Тоҷикистон борҳо ба ин нукта ишора карда буд, ки ҳамкориҳои се кишвари

ҳамреша ба нафъи рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва рифоҳу амнияти кулли минтақа аст» [24, с. 114-115].

Идеяи таъсиси комиссияи муштарак оид ба ҳамкорӣ байни Тоҷикистон, Эрон ва Афғонистон дар нишасти соли 2006 дар шаҳри Душанбе ба миён омад. Чор сол пас, дар мулоқоте дар шаҳри Теҳрон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин нишастҳоро «анъанаи арзишманд ва суннати нек» барои давлатҳое номид, ки бо забони муштарак ва робитаҳои иттифоқӣ пайванданд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати ҳамоҳангии наздики роҳбарони се кишварро барои амалӣ кардани ташаббусҳои муҳимми таърихӣ таъкид карда, қайд карданд: «Мо бахусус сохтмони роҳи оҳани Тоҷикистон–Афғонистон–Эрон ва хатти 500 кВт–и Тоҷикистон–Мазори Шариф–Ҳирот–Машҳадро барномаҳои афзалиятноки ҳамкории сеҷониба бо ҷалби васеи сармоягузории хориҷӣ арзёбӣ менамоем» [24, с. 115].

Таҳлилу омӯзиши масъалаи мазкур нишон медиҳад, ки пайваста суръат пайдо кардани равобит миёни кишварҳои форсизабон аз муштаракоти таърихиву фарҳангӣ ва забонии онҳо сарчашма мегирад ва ба ҳамин хотир ҳамеша дар ҳолати рушд аст. Дар ин замина, муҳаққиқ М. Ҳ Қаззозӣ чунин андеша баён менамояд: «Ҷашнгирии идҳои миллӣ, аз ҷумла Наврӯз ба тақвияти равобити Тоҷикистон, Эрон ва Афғонистон муҳиммият дорад. Ҷиҳати тақлили ҷашни байналмилалии Наврӯз дар 25-уми марти соли 2012 сарони кишварҳои Тоҷикистон, Афғонистон ва Эрон дар шаҳри Душанбе ҷамъ омаданд» [90, с. 238]. Дар ҳошияи ин ҷашни ҷаҳонӣ дар Душанбе роҳбарони се давлати ҳамҷавор масоили ҳамкориҳои муштаракро муҳокима намуда буданд. Дар ин вақт ҳамкориҳои се кишвари ҳамзабону ҳамҷавор дар самтҳои судманди шартномаҳои иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар мадди аввал қарор дода шуд. Инчунин, тарафҳо дар ростои суръат бахшидан дар соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ, аз қабили равандҳои ҳамгироӣ, бартараф намудани ҳар гуна низоъҳои хушунатомез ва ҳарчи зудтар хомӯш кардани ҷанги шаҳрвандӣ дар Афғонистон ба қарорҳои мушаххас ноил гардиданд [25, с. 78].

Донишманди эронӣ Маҳдии Қаззозӣ дар умури равобити Тоҷикистону Эрон бисёр бамаврид ва мантиқӣ зикр менамояд, ки маҳз равобити сеҷонибаи кишварҳо имкон фароҳам меорад, то умумияти миллии ҳар се ҷониб рушд намояд. Ӯ чуни ақида дорад: «Маҳаки муносибатҳои байни ҳамдигарии се давлатро дар ҳавзаҳои гуногуни ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ идеяи «умумияти ориёӣ» ташкил медиҳад, ки бештар хислати фарҳангӣ-тамаддунӣ дорад, на ҷанбаи сиёсӣ» [130, с. 19]. Донишманди мазкур ба ин назар аст, ки дар даврони истиқлол таҳкурсии асосии равобити се кишвари ҳамзабону ҳамфарҳанг аз мавқеъгирии Эрон вобастагии амиқ дорад, чунки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои азнавсозии бахшҳои муҳимми давлатӣ ва баромадан аз буҳронҳои мавҷудаи кишвар машғул аст ва дар Афғонистон , буҳрони сиёсӣ, барҳурди манфиатҳо дар байни қавмҳо мушоҳида мегардад, ки ҳар яке ба мушкилоти дохилии худ машғул мебошанд [130, с. 19-20].

Маҳз ҳамин гуна мавқеъгирӣ дар низоми нави муносибатҳои байналмилалӣ барои рушди соҳаҳои иқтисодӣ, фарҳангу маориф, энергетика, сохтмон ва ғайра манфиатовар буда, минбаъд барои рушду такомули ҳар ду ҷониб мусоидат хоҳад кард. Дар баробари сафарҳои расмӣ ва кории дуҷониба, инчунин, сафари кории Президенти вақти Эрон Ҳасани Руҳонӣ дар чаҳорчӯбаи нишасти давлатҳои аъзои СҲШ аз 10 то 12 -уми сентябри соли 2014 сурат гирифт, ки он барои ба мувофиқа расидани ҷонибҳои манфиатдор шароити бештар фароҳам овард. Ҳасани Руҳонӣ дар доираи ин сафари худ бо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мулоқот анҷом дода, дар баробари масъалаҳои мубрам ба вазъи буҳронии Афғонистон таваҷҷуҳи махсус доданд. Қайд намудан ба маврид аст, ки ин аввалин сафари расмии Президенти ҶИЭ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз интихоб шуданаш ба мансаби президентӣ буд.

Дар вохурӣ бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Ҳасани Руҳонӣ чунин қайд намуданд: «Осиёи Марказӣ минтақаи хеле ҳассос аст. Мо изҳор медорем, ки субот ва амнияти Тоҷикистон ин субот ва амният Эрон аст» [151]. Дар ин вохуриву нишастҳо ҳашт санади

муҳим миёни ҷонибҳо ба имзо расонида мешавад. Созишномаҳои ҳамкорӣ, асосан, дар соҳаҳои фарҳанг, маориф, иқтисодиёт ва тандурустӣ буданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи ҳамоиши панҷуми Машварати ҳамкорӣ ва чораҳои эътимод дар Осиё (CICA) 15-уми июни соли 2019, ки дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, бо Президенти ҶИЭ Ҳасани Руҳонӣ гӯфтушунид анҷом доданд. Дар мулоқот, тарафҳо доир ба «ривоҷи ҳамкориҳои тиҷоратӣ, сармоягузорӣ, фарҳангу маориф, тандурустӣ, илму техника, соҳаҳои инфрасохторию коммуникатсионӣ, инчунин вазъи Афғонистон ва ҷаҳонро баррасӣ намуданд. Инчунин, Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон пешниҳод намуд, ки Тоҷикистон метавонад аз имкониятҳои бандари «Чобаҳор» барои манфиатҳои иқтисодии худ истифода намояд» [161].

Муносибатҳои байнипарлумонӣ низ миёни ду кишвар дар ҳоли рушдёбӣ қарор дошта, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардида истодаанд. Робитаҳои судманд дар ростои намояндагӣ байни Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси шурои Исломии ҶИЭ ҳайати таъсисдодаи байнипарлумонӣ ва нақши он дар идоракунӣ ва расидан ба ҳадафҳои муайян барои ду кишвар муассир арзёбӣ мешавад [53].

Мулоқоту вохуриҳо миёни Вазоратҳои корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ дар рушди ҳамкориҳо миёни кишварҳо нақши муҳим доранд. Масалан, ҳангоми вохурии Вазирони корҳои хориҷии Тоҷикистон ва Эрон Сироҷиддини Муҳриддин ва Муҳаммадҷавод Зариф дар 1-уми июни соли 2019 дар Теҳрон Ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Эрон «Оид ба усул ва чорчӯбаи ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаи амният» ба имзо расид, ки як қадами муҳим дар ростои мубориза бар зидди ифротгароӣ маҳсуб мегардид [148].

Далели мустаҳкамии муносибатҳои дуҷонибаву бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ ҳамоҳангӣ ва мутобиқати мавқеъҳои роҳбарони кишварҳо дар ҳалли масоили байналхалқӣ ва глобалӣ арзёбӣ мешавад. Ҷониби Тоҷикистон кумакҳои кишвари бо мо дӯст ва бародари Эронро

қадрдонӣ намудааст ва барои вусъат бахшидани муносибатҳо садоқати худро нишон додааст. Барои мисол, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҳримҳое, ки ИМА бар зидди Эрон равона кардааст, ҳамроҳ нашудааст. Дар мулоқотҳои сатҳи байналмилалӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарами Эмомалӣ Раҳмон дар масъалаи ҳамроҳ шудани ҶИЭ ба СҲШ бо сарварони кишварҳои аъзои созмон мулоқот намуда, дастгирӣ намуд.

Бояд гуфт, ки 7-9-уми майи соли 2007 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҶИЭ сафари корӣ анҷом дод. Дар рафти мулоқот бо ин ашхоси баландпояии Эрон, ки ҳар яке ба сохторҳои муҳимми кишвари Эрон таъсиргузор мебошанд, дар самтҳои ҳаётан муҳим, аз қабили бунёди роҳҳо, нақбҳо, тиҷорати сатҳи минтақавию байналмилалӣ 6 санади муҳимми ҳамкорӣ ба имзо расид.

Дар навбати худ, 4-5-уми июни соли 2010 Раисҷумҳури Эрон Маҳмуд Аҳмадинажод ба Душанбе ташрифи расми оварда, бо Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мулоқоти судманд анҷом доданд. Дар рафти ин сафар 6 санади муҳим ба имзо расид. Дар ҳамин сол Маҳмуд Аҳмадинажод бо ҳайати расмӣ ҷиҳати иштирок дар конференсияи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» ба Тоҷикистон омад, ки дар рафти ин сафар бо Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мулоқот намуд.

Дар солҳои баъдӣ низ як силсила сафарҳои сарони кишварҳо ба Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст, ки яке аз онҳо ин сафари сарварони давлатҳои Эрон ва Афғонистон дар соли 2012 мебошад. Дар рафти ин сафар ҳар се ҷониб ба тасвиби як қатор созишномаи муҳим даст ёфтанд, ки аз онҳо, ин пеш аз ҳама, «дар самти амнияти минтақавӣ, сулҳи сартосарӣ дар Афғонистони ба мо ҳамсоя ва рушди ҳамкориҳои иқтисодиву сиёсӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ арзёбӣ мешавад, ки муҳим ва қобили таваҷҷуҳ маҳсуб мегардид» [29, с. 79].

30-юми августи соли 2012 муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои иштирок дар ҷаласаи 16-уми сарони кишварҳои узви Ҷунбиши адами тааҳҳуд ба шаҳри Теҳрон сафар намуданд. Эмомалӣ Раҳмон дар ин сафар бо Роҳбари

олии Ҷумҳурии Исломии Эрон Оятуллоҳ Сайид Алӣ Ҳусайнӣ Хоманаӣ мулоқот анҷом дода, аз ҳамкориҳои самарабахши кишварҳо изҳори қаноатмандӣ намуданд. Эмомалӣ Раҳмон қайд намуд: «Робитаҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва иҷтимоии ду давлат бо баэътиборгирии тақозои замона ва захираву имкониятҳои мавҷуда, рушд хоҳанд ёфт» [171].

Бояд таъкид кард, ки формати сеҷонибаи Тоҷикистон, Эрон ва Афғонистон бештар аз як механизми фарҳангӣ буд ва он имкони пайвастани лоиҳаҳои нақлиётӣ, энергетикӣ ва амниятиро низ ба миён гузошт.

Ҳамзамон, дар муносибатҳои байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ баъзе аз сардиҳо низ мушоҳида мегардид, вале бо сафарҳои расмӣ ва боздиду мулоқотҳои сарони кишварҳо ин карахтӣ бартараф гардид. Барои намуна, яке аз ин сафарҳо, ки аз ҷониби Президенти ҶИЭ Ҳасан Руҳонӣ тобистони соли 2014 сурат гирифта буд, арзёбӣ мешавад. Ҳасан Руҳонӣ дар ин сафар дар ҷаласаи сарони кишварҳои узви СҲШ иштирок намуда, бо Тоҷикистон барои рушди ҳамкорӣ таъкид намуда буд.

Раванди ҳамкориҳои ду кишварро дар доираи силсиласафарҳо, махсусан, сафарҳои расмию корӣ, иштирок дар ҷаласаҳои муҳим бо гузашти 30 соли истиқлол мушоҳида кардан мумкин аст. Дар ин раванд чандин шартнома баста шудааст, ки дар маҷмуъ, беш аз 200 санад дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ, сармоягузорӣ, маориф, фарҳанг, илм ва монанди инҳоро баста шуд.

Сафарҳои доимии дуҷониба ва бисёрҷонибаи сарони кишварҳо ба ҳолати ҳамкориҳои манфиатбахш таъсиррасон буда, ба ин васила, дурнамои ҳамкориҳои иқтисодии ҳар ду кишварро дар сатҳи баланд қарор медиҳад. Барои дар сатҳи баланд нигоҳ доштани ҳамкориҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва фарҳангии ду кишвар нақши ҳайати байниҳукуматӣ ва байнипарлумонӣ низ хеле назаррас аст.

Тақвияти ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ-ро дар чаҳорчӯбаи созмонҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ низ мушоҳида кардан мумкин аст. Масалан, барои қабул ва эътирофи ташаббусҳои ояндабинонаи Ҷумҳурии

Тоҷикистон дар СММ, СҲИ, СҲШ ва дигар созмонҳои байналмилалӣ якдилона дастгирӣ ёфта, роҳро барои рушди низоми иқтисодиву тиҷоратӣ мекушояд.

Дар рафти ҳамкориҳои манфиатбахш Эрон дар СҲШ аз соли 2005 нақши нозирро мебозид ва баъд аз воридгардӣ ба ин созмон муносибатҳои худро боз ҳам бештар намуд. Тибқи таҳлилҳои коршиносон, пеш аз воридгардии ҶИЭ, Ҳиндустону Покистон ба СҲШ барои амнияти минтақа метавонад паёмадҳои манфӣ ва мусбати худро дошта бошад.

Манбаҳои муҳимми энергетикии кишвари Эрон лоиҳае арзёбӣ мегардад, ки дар доираи он барои аъзои СҲШ манфиатовар буда, барои интиқол ва ҳамкориҳо дар ин самт муҳим арзёбӣ мешавад.

Дигар ин ки равобити таърихии Эрон бо Афғонистон, ки ба умқи таърих мерасад, барои кишварҳои аъзои СҲШ имкониятҳои муҳим аз қабили тамос ва ҳалли мушкилотҳои ҷойдошта дар ин самт муҳим ва қобили тавақҷуҳ арзёбӣ мешавад. Барои намуна, ҳолати кунунии Афғонистон, ки аз соли 2014 то ин дам печида шудааст, созмони мазкурро тақозо менамояд, ки дар доираи ҳайати СҲШ ба алоқа баромада мушкилоти ҷойдоштаро ҳал намояд: «Яке аз масъалаи муҳим, ворид гаштани Ҷумҳурии Исломии Эрон ба узвияти ин созмон метавонад мусбат бошад ва масъалаҳои меҳварӣ ҳалли худро ёбанд» [80, с. 156].

Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ дар доираи СҲИ низ назаррас аст. Бо ба узвияти ин созмони бонуфуз қабул шудани Озарбойҷон, Афғонистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистону Эрон мавқеи байналхалқӣ ва минтақавии худро боз ҳам устувор кард: «Муассисони СҲИ ба тавсеаи он манфиатдор буданд, зеро кишварҳои нави узв на танҳо бозорҳои нав маҳсуб меёбанд, балки имкони пешбурди манофеи худро дар фазои васеи геостратегӣ низ доранд» [165].

Ҷумҳурии Исломии Эрон, ки дар СҲИ ҳамчун давлати калидӣ шинохта мешавад, аз амали ин созмон манфиатдор аст. Дар чаҳорчӯбаи ин созмон ҶИЭ ба Афғонистон бештар кумаки молӣ расонида, тули солҳои охир беш аз

2000 коргоҳу корхонаи хурду калон сохта ва ҳам бозсозӣ намудааст: «Моҳи январи соли 2003 ҳайати вакилони ҳукуматии Афғонистон бо сардории вазири савдо М. Козимӣ ба Ҷумҳурии Исломии Эрон сафар кард, ки дар рафти он байни Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон ду созишномаи тиҷоратӣ ва транзитӣ ба имзо расид» [115, с. 90].

Вусъати раванди ҷаҳонишавӣ, печида гардидани вазъи сиёсии минтақаҳо, рақобатҳои геоиқтисодӣ, «бархӯрди тамаддунҳову фарҳангҳо» зарурати онро ба миён меоварад, то Тоҷикистон ва Эрон робитаҳои худро густариш диҳанд. Дар баробари робитаҳои дуҷонибаи судманд бо кишварҳои минтақа ва ҷаҳон, инчунин, арзишҳои суннатии худро ҳифз менамояд.

Шароити муосир нишон медиҳад, ки то кадом андоза бархурди идеологии мазҳабҳо дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ мушоҳида мегардад. Ҳамин аст, ки ҶИЭ ҳамчун кишвари ташаббускор ва фаъоли Созмони ҳамкории исломӣ ҷиҳати дар амал татбиқ намудани ҳадафҳои худ ва муттаҳидсозии ҷомеа, бартараф кардани парокандагии дунёи исломро яке аз масъалаҳои меҳварии худ мепиндорад. СҲИ наздики 57 давлатро дар доираи худ фаро гирифта ва яке аз бонуфузтарин созмонҳои байналмилалӣ арзёбӣ мегардад, ки масъалаҳои мубрами минтақа ва ҷаҳонро мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

Бонки исломии рушд, ки аз ниҳодҳои бонуфузи СҲИ мебошад, дар рушди иқтисоди миллии Тоҷикистон саҳми назаррас дорад ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ки дар ростои Тоҷикистон қабул мегардад, аз ҷониби Эрон ҳамеша дастгирӣ меёбад. Дар ин ҷода яке аз маҷроҳое, ки ба самти бонкдорӣ, соҳаи нақлиёт, кишоварзӣ, тандурустӣ ва низоми молия сармоягузорӣ карда мешавад, роҳандозӣ гардидааст.

Рушди минбаъдаи ҳамкориҳои Тоҷикистону Эрон то соли 2015, асосан, дар сатҳи қобили қабул ва рушдёбанда қарор дошт. Дар ин муддат сафарҳои расмию кории сарони кишварҳо ва вазирони умури хориҷии тарафҳо сурат гирифтааст, ки барои тавсеаи самтҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва фарҳангии ҳар ду ҷониб таъсири мусбат гузоштааст.

15-уми июни соли 2019 дар шаҳри Душанбе ҳамоиши панҷуми Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё баргузор гардид, ки дар он намояндагони 27 кишвари узв ва 15 кишвари нозир, аз ҷумла намояндагони созмонҳои байналхалқӣ – СММ, ҶДА, СБМ, САҲА ва дигарон иштирок доштанд. Дар ҳошияи ин ҳамоиш раисҷумҳурӣ Эрон Ҳасани Руҳонӣ бо Эмомалӣ Раҳмон мулоқоти расмӣ анҷом дода, равобити кишварҳояшонро баҳои баланд доданд. Тавре ки дар матбуоти расмӣ иттилоъ дода мешуд: «Руҳонӣ дар навбати худ изҳор дошт, ки ба далели наздик будани суннат ва урфу одатҳои ду миллат худро дар Тоҷикистон чун дар ватанаш эҳсос мекунад» [189].

1-уми июни соли 2019 вазирони хориҷии ду кишвар Муҳаммадҷавод Зариф бо Сироҷиддин Муҳриддин дар шаҳри Теҳрон мулоқот анҷом дода буданд. Зимни суҳбат масъалаҳои муҳимми давлатӣ, аз қабили ҳамкориҳо дар соҳаи иқтисодиёт, сиёсат, тиҷорат ва илму фарҳанг мавриди гуфтугӯи тарафҳо қарор гирифт. Дар анҷоми мулоқот «Ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Эрон оид ба усул ва чаҳорчӯби ҳамкории дуҷониба дар соҳаи амният» имзо карда шуд [189].

Натиҷаи талошҳои пайгиронаи роҳбарият ва равобити мустаҳками Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ буд, ки аз соли 2019 муносиботи дӯстона миёни ду кишвар тадриҷан рӯ ба инкишоф ниҳоданд. Ба андешаи мо: «Гувоҳи рӯ ба беҳбудӣ овардани муносибатҳои дӯстонаи миёни ин кишварҳо, аз ҷониби Тоҷикистон дастгирӣ ёфтани номзадии Ҷумҳурии Исломии Эрон ба узвияти Созмони ҳамкории Шанхай арзёбӣ мешавад. Ҳамзамон, дар рушду тавсеаи равобити ду кишвари дӯсту бародар ва ба марҳилаи нави ҳамкориҳои созанда ворид гаштани он, боздиди расмии дуҷониба такони тоза бахшида, ҷиҳати ҳамкориҳои пайваста ва густурдатари халқҳои бародари тоҷику эронӣ замина гузошт» [5-М, с. 63].

Соли 2019 муносибатҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ пурмаҳсул ва шоҳиди рӯйдодҳои муҳим буданд. Дар ин росто аз сафарҳои

расмии Раисҷумҳури Эрон Ҳасани Руҳонӣ ба Душанбе ва вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон ба Теҳрон, имзои Ёддошти тафоҳуми амниятӣ, сафари Котиби Шурои амнияти Тоҷикистон ба Теҳрон, баргузории иҷлосияи навбатии Комиссияи муштарак роҷеъ ба ҳамкории тиҷоратӣ, иқтисодӣ, техникӣ ва фарҳангӣ дар Теҳрон, таҷдиди парвозҳои мустақим байни Душанбею Машҳад ва Душанбею Теҳрон, баргузории намоишгоҳи ихтисосии Эрон дар Душанбе, сафари устондори Хуросони Разавӣ ба Душанбе, оғози марҳилаи дуюми сохтмони нақби «Истиқлол», пуштибонии Тоҷикистон дар Кумитаи сеюми Маҷмааи умумии СММ аз Эрон ба муқобили қатъномаи эиддиэронӣ анҷом дода шуданд.

Бозгашти тадриҷии муносибатҳо ба фазои муътадил нишон медиҳад, ки пайвандҳои таърихиву фарҳангӣ ва манфиатҳои геоиқтисодӣ дар ниҳоят нисбат ба ихтилофҳои муваққатӣ устувортар баромаданд.

Мушоҳидаҳои таҳқиқоти анҷомдода, дар асоси маводди расмӣ ва адабиёти мавҷуда, нишон медиҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҶИЭ дар чоряки аввали асри XXI дар самтҳои ҳаётан муҳим ба созишҳои муҳим ва рӯзмарра ноил гардидааст. Ҳамин тариқ:

1. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ибтидои асри XXI дар робитаҳои байнидавлатӣ бо ҶИЭ на танҳо робитаҳои иқтисодиву сиёсӣ ва фарҳангиро таҳким бахшид, балки масоили дохилии Афғонистонро ҳамчун яке аз мавзуъҳои калидӣ ба миён гузошт. Дар ҳамин замина наздикшавии кишварҳои форсизабон бо такя ба муштаракоти забониву фарҳангӣ ба мушоҳида расид.

2. Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ ҳамкориҳои судманди худро дар доираи созмонҳои минтақавӣ, ба монанди СҲИ, СҲИ, СҲШ идома дода, барои татбиқи шартномаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангие, ки қабул гардидааст, чораҳои судманд андешидаанд.

3. Равобити густардаи Тоҷикистону Эрон дар самти амнияти минтақавӣ натиҷаҳои самарабахш ба бор оварданд, ки дар натиҷа сатҳи ифротгароӣ,

терроризм ва гардиши ғайриқонунии маводди нашъаовар дар минтақа нисбатан коҳиш ёфтааст.

Ҳамин тариқ, таҳаввули муносибатҳои сиёсиву дипломатии Тоҷикистон ва Эрон дар ибтидои асри XXI аз як хатти содаи болоравӣ иборат набуд. Аз марҳалаҳои наздикшавӣ, эҳтиёткорӣ, танзими манфиатҳо ва барқарорсозии эътимод гузашта, ниҳоят ба зарурати ҳамкории амалгароёна дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, амниятӣ ва фарҳангӣ расид.

БОБИ II. ҲАМКОРИҲОИ ИҚТИСОДИВУ ИҶТИМОИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН ДАР ҚАРИНАИ СИЁСАТИ «ДАРҲОИ КУШОД» (СОЛҲОИ 2003–2021)

2.1. Рушди ҳамкориҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон ҳамчун омили татбиқи амалии сиёсати «дарҳои кушод»

Ҳамкориҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва тиҷоратӣ аз муҳимтарин бахшҳои муносибот миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ ба ҳисоб меравад. Ҳамкориҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ на ҳамчун маҷмуи рӯйдодҳои ҷудогона, балки ҳамчун раванди таърихии гузариш аз робитаҳои рамзӣ ва фарҳангӣ ба ҳамкориҳои институтсионалӣ, сармоягузорӣ ва лоиҳавӣ таҳлилу баррасӣ мешаванд. Чунин тарзи баррасӣ имкон медиҳад, ки сиёсати «дарҳои кушод» дар таҷрибаи муносибатҳои Тоҷикистону Эрон бо нишондиҳандаҳои воқеии тиҷорат, энергетика, нақлиёт ва сармоягузорӣ пайванд дода шавад.

Яке аз омилҳои муҳимми сиёсати «дарҳои кушод» ҷустуҷӯ ва роҳандозии самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва тиҷоратӣ бо кишварҳои шарик мебошад. Масъалаи мазкур дар «Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо чунин шакл матраҳ гардидааст: «Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати «дарҳои кушод», сулҳхоҳона ва беғараз буда, зимни татбиқи он, Тоҷикистон омодааст бо ҳамаи кишварҳои дуру наздик робитаҳои дӯстона ва эътирофи манфиатҳои тарафайнро, дар асоси эҳтироми ҳамдигар, баробарӣ ва ҳамкориҳои мутақобилан судманд густариш диҳад» [1]. Дар ин росто, омӯзиши маводду далоили мавҷуда нишон медиҳад, ки чӣ гуна ҳамкориҳои иқтисодиву тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ дар даҳсолаҳои аввали асри XXI таҳаввулоти ҷиддиро аз сар гузаронд. Бояд қайд намуд, ки аз ибтидои асри XXI ин робитаҳо хислати муназзам ва ҳадафмандона гирифта, бештар ба татбиқи лоиҳаҳои бузурги ҳамкорӣ ва барқарор кардани мувозинат дар ҳамкориҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва тиҷоратии ду кишвар равона шуда буд.

Масоили сиёсати иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар банди 2.6-и Консепсияи мазкур чунин баён гардидааст: «Бо дарназардошти мавқеи

геополитикии Ҷумҳурии Тоҷикистон, имкониятҳои табииву демографӣ ва сатҳи тараққиёти иқтисодию иҷтимоии он, сиёсати хориҷии кишвар ба таври воқеъбинона ва амалгароёна ба роҳ монда мешавад. Он бо эҳтиёҷоти иқтисодии давлат робитаи узвӣ пайдо намуда, таҳкиму тавсеаи ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми робитаҳои иқтисодии ҷаҳонӣ ва дастгирии сиёсю дипломатии манфиатҳои иқтисодии онро ҳадафи худ қарор медиҳад» [1].

Барои тақвияти гуфтаҳои боло, зарур дониста шуд, то чанде омор аз таърихи устуворшавии робитаҳои ду кишвар оварда шаванд. Тавре маълум аст, ҶИЭ бо дарназардошти имкониятҳои васеи тавсеаи робитаҳои дерина бо халқҳои Осиёи Марказӣ аз ҷумлаи аввалинҳо шуда соҳибихтиёрии ин кишварҳоро ба расмият шинохт ва робитаҳои дипломатии худро бо онҳо роҳандозӣ намуд. Ин иқдом, аз як тараф барои коҳиши таъсири манфии инзивои иқтисодии Эрон аз ҷониби давлатҳои Ғарб кумак мекард, аз ҷониби дигар, Эрон аз он хавф дошт, ки бесуботӣ ва низову ихтилофоте, ки раванди дастёбии ин кишварҳоро ба истиқлолияти давлатӣ ҳамроҳӣ хоҳад кард, сабаби нооромӣ ва мураккаб шудани вазъият дар сарҳадҳои шимолии Эрон мегардад.

Таҳлили масъалаи мазкур нишон медиҳад, ки дар солҳои аввали устувор шудани робитаҳои байниҳамдигарии Эрон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, яъне солҳои 1991-1992 рушди робитаҳои тиҷоратӣ ва содироти мол нақши афзалиятнок дошт. Баъд аз фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ бозигарони минтақавӣ, аз қабили Туркия ва Эрон аз оғози солҳои 90-ум кӯшиш намуданд, ки мавқеъ ва нуфузи худро нишон диҳанд ва дар фазои сиёсии ин минтақа мавқеи пешвоӣ дошта бошанд. Дар ин замина, кишварҳои зикршуда низ барои ташвиқу тарғиб ва густариши арзишҳои фарҳангӣ ва динию мазҳабии худ низ талош намудаанд. Мо ба ин назар тарфдорем, ки роҳбарияти онвақтаи ҶИЭ бо дарназардошти вазъияти ҳассоси ба амал омада, ба хулосае омад, ки ягона омили наздикшавӣ бо кишварҳои минтақа афзалият додан ба рушди ҳамкориҳои фарҳангӣ буда метавонад. Бесабаб

набуд, ки соли 1995 вазири корҳои хориҷии ҶИЭ Алиакбар Вилоятӣ чунин изҳор намуда буд: «Асоси ғоявии сиёсати хориҷии кишварро дар муносибат бо кишварҳои пасошуравии Осиёи Миёна усули эълоннамудаи мутафаккири машҳури эронӣ – Алии Шариатӣ «бозгашт ба худ» ташкил медиҳад. Ин таъбир маънои онро дошт, ки Эрон кишварҳои минтақаро меросбари фарҳанги умумии дар тӯли қарнҳо дар минтақа ташаккулёфта медонист» [5-М, с. 59].

Ҳангоми сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Теҳрон 18-уми июли соли 1995 Ёддошти тафоҳум байни Вазорати иқтисод ва робитаҳои иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати ҷиҳоди созандаи ҶИЭ ба имзо расид, ки дар он омадааст: «Ҷониби Эрон омодагии худро барои мубодилаи таҷриба дар рушди деҳот ва машваратҳои техникӣ дар робита ба сохтмон ва саноати деҳот таъкид кард. Дар бораи мубодилаи ҳайатҳои коршиносон дар соҳаҳои пахтакорӣ, парвариши гандум, коркарди пилла, беҳтар кардани сифат ва парвариши занбӯри асал ва татбиқи лоиҳаҳои муштарак дар ин самтҳо ба мувофиқа расид» [13]. Тибқи моддаи аввали ин Ёддошт, ду кишвар уҳдадор шуданд, ки барои рушди муносибатҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва техникӣ дар асоси омӯзиш ва қонунҳои мавҷудаи худ ҳарчи бештар шароит фароҳам оваранд. Дар он, инчунин, ҳамкориҳо дар истифодаи имкониятҳои истеҳсолии ташкилоту муассисаҳо, ширкатҳои махсуси иқтисодии ду кишвар муайян шуд. Ҳамзамон, дар асоси банди 10-уми ин Ёддошт чунин омадааст: «Ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки корҳои марбут ба пармакуниро дар конҳои ояндадор, ба монанди Кашакум, Ренган, Ялгизак ва Супетайи Шарқӣ барои гузаронидани корҳои муштараки геологӣ анҷом медиҳанд» [13].

Дар Ёддошти тафоҳум, ки миёни Вазорати иқтисод ва робитаҳои иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати ҷиҳоди созандаи ҶИЭ 9-уми майи соли 1997 ба имзо расид, чунин масоил матраҳ гардиданд: «Сохтмони корхонаҳои мурғпарварии Кофарниҳон, Душанбе, Хуҷанд, Кӯлоб, таъсиси маркази омӯзишӣ барои духти либос, ҷалби мутахассисон ба

Эрон, дар шаҳри Душанбе сохтани як маҷамааи истеҳсоли курпа, сохтмони корхонаи қубурҳои полиэтиленӣ, масъалаҳои марбут ба чорводорӣ, тибби бойторӣ, обхезӣ, захираҳои табиӣ, боғдорӣ ва истеҳсоли маводди ғизоӣ» [13].

Ҳамин тавр, муносибатҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ дар доираи сафарҳои расмии сарони давлатҳо ва ҳукуматҳои ду кишвар сол аз сол рушд намуд.

Аз 10 то 13 ноябри соли 1998 ҳайати эронӣ таҳти роҳбарии Вазири ҷиҳоди кишоварзии Эрон М.С. Киё ба Душанбе ташриф оварданд. Дар рафти мулоқот се кумита – оид ба баррасии масъалаҳои ҳамкории иқтисодӣ, техникӣ ва фарҳангӣ таъсис дода шуд. Онҳо таъкид карданд ва розӣ шуданд, ки барои бартараф кардани ҳама монеаҳои мавҷуда дар роҳи татбиқи ҳамкории қаблан мувофиқашуда талош хоҳанд кард.

Дар мавриди ҳамкории кишоварзӣ ин нуқтаро метавон қайд кард, ки Тоҷикистон ва Эрон чунин ба мувофиқа расиданд: «Фаъолияти корхонаи мурғпарварии Кофарниҳон, ба кор андохтани корхонаҳои мурғпарварӣ дар Хуҷанд, Чиптура ва Хонобод (Кӯлоб) баррасӣ шуда, барои имзои шартномаҳои зарурӣ чораҳо андешида шуданд. Ҷумҳурии Тоҷикистон розӣ шуд, ки иқтидори заруриро барои Созмони иқтисодии «Остони Қудси Разавӣ» ё дигар муассисаҳои Эрон дастрас кунад. Ҷониби Эрон омодагии худро барои фурӯши қубурҳои полиэтиленӣ ба Тоҷикистон изҳор дошт» [13].

Ҷонибҳо, инчунин, омӯзиши кӯтоҳмуддати мутахассисони тоҷикро дар соҳаи тибби байторӣ, чорводорӣ, моҳидорӣ, хоҷагии ҷангал ва идоракунии чарогоҳҳо ва паррандапарварӣ, бо назардошти изҳороти омодагии ҷониби Эрон, дар давоми се моҳ пас аз имзои созишнома, баррасӣ карданд. Тибқи ин Ёддошти тафоҳум, ҷониби Тоҷикистон рӯйхати коршиносонро, ки аз ҷониби Эрон пешниҳод шудааст, барои мусоидат ба ҳамоҳангсозии зарурӣ пешниҳод хоҳад кард.

Ҷумҳурии Тоҷикистон омодагии худро барои содироти пахта, абрешим, алюминий, пашм ва трансформаторҳои баркӣ ба ҶИЭ изҳор дошт. Ҳачунин, аз ҶИЭ даъват кард, ки барои роҳандозии хатти бастабандии намак дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳо андешад. Ҷониби Эрон розӣ шуд, ки аз ин ташаббус пуштибонӣ кунад ва қайд кард, ки дар давоми се моҳи оянда назари худро дар бораи Тоҷикистон баён хоҳад кард.

Бо дарназардошти аҳаммияти низоми бонкӣ барои тақвияти ҳамкории иқтисодии байни ду кишвар, ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, то дар давоми ду моҳ пас аз имзои Ёддошти тафоҳум чораҳо андешанд, то ҳисоби махсусро васеъ ва фаъол созанд ва монеаҳои мавҷударо дар ин самт бартараф кунанд. Бо амалӣ гардидани ин созишнома, ҷониби Тоҷикистон эълон кард, ки раиси Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зудӣ барои равшан кардани тафсилоти қарз ба ҶИЭ сафар хоҳад кард.

Ҷонибҳо, инчунин, ба созишномаҳое, ки байни Вазорати меҳнат ва шуғли Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати таовун, кор ва рифоҳи ҶИЭ барои таъмини сохтмони маркази шуғл ва корхонаи муштарак дар Душанбе ҳарчи зудтар ба даст омадаанд, ишора карданд.

Тарафайн ба созишномаҳои бадастомада байни Вазорати меҳнат ва шуғли аҳолии Тоҷикистон ва Вазорати меҳнати ҶИЭ дар бораи таъмини сохтмони маркази шуғл ва як корхонаи муштарак дар Душанбе ҳарчи зудтар таъкид карданд.

Дар Ёддошт зарурати таъсиси қатораи мусофирбари Душанбе–Машҳадро, бо дарназардошти рушди сайёҳӣ байни ду кишвар, қайд карданд. Ҷониби Эрон татбиқи ин фармонро бо татбиқи қарорҳои ахири ҷаласаи роҳи оҳани Созмони ҳамкории иқтисодӣ алоқаманд кард ва розӣ будани худро барои роҳандозии қатораи мусофирбари Алмаато–Истанбул, ки татбиқи ин муқаррароторо таъмин мекунад, изҳор дошт. Аммо, вақт нишон дод, ки ин муқаррароти Ёддошт ҳанӯз амалӣ нашудааст.

Ҷонибҳо ба корҳои ҷустуҷӯи геологӣ, ки аз ҷониби ширкати «Рунош-Деҷ» дар конҳои нафти Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешаванд, махсусан таъкид карданд ва ба мувофиқа расиданд, ки барои суръат бахшидан ба татбиқи ин лоиҳаҳо чораҳои зарурӣ андешида шаванд. Бар асоси таҳқиқоте, ки аз ҷониби ширкати «Рунош-Деҷ» ҳангоми сохтмони

корхонаи коркард ва моеъ кардани газ дар кони «Хоҷасартез» анҷом дода шуданд, муайян гардид, ки дар давоми як моҳ пас аз имзои Ёддошти тафоҳум, ширкат муқаррароти шартномаро бо Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон хоҳад кард.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ширкати «Рунош-Деҷ» дастур додааст, ки агрегати тозакунии гази «Хоҷасартез»-ро ҳарчи зудтар ба кишвар расонад. Ҷониби Тоҷикистон бо дархости харидорӣ ва насби лулаҳои газ барои интиқоли газ аз «Хоҷасартез» ба «Сарбанд» бо нархҳои дастрас ба ҷониби Эрон мурочиат кардааст. Ширкати «Рунош-Деҷ» бо истиқболи ин пешниҳод тасмим гирифт, ки лоиҳаро ба ҷониби Тоҷикистон пешниҳод кунад. Тоҷикистон дар мавриди ба кор андохтани корхонаи битуми нафтӣ дар ноҳияи Колхозобод (ҳоло Ҷалолиддини Балхӣ) ҳамкорӣ дархост кардааст. Ҷониби Эрон аз ин пешниҳод пуштибонӣ карда, пешниҳод кард, то онро дар аввалин имконият баррасӣ хоҳад кард. Дар мавриди лоиҳаи корхонаи радиатории ноҳияи Данғара, ки аз ҷониби корхонаи муштараки «ТоҷИрон» таҳия ва ба кор андохта мешавад, ба мувофиқа расид, ки ҷонибҳо бояд барои суръат бахшидан ба анҷоми он талошҳои заруриро анҷом диҳанд.

Бар асоси дархости нави ҷониби Тоҷикистон, барои татбиқи лоиҳаи техникии банақшагирифташуда, чунин қарор қабул шуд: «Ҷонибҳо барои татбиқи лоиҳаи техникии банақшагирифташуда, дар доираи дастгирии молиявии лоиҳа, бо таносуби 15% пешпардохти арзиши лоиҳа аз ҷониби Тоҷикистон ва 85% маблағгузории Эрон дар шакли таҷҳизот ва ашёи хом, шароити зарурӣ барои татбиқи лоиҳаи ҷудо кардани меваҳо аз консентрати сурма дар корхонаи маъдан ва коркарди маъдани Анзоб фароҳам оварда мешавад» [13]. Ҷониби Тоҷикистон пешниҳод кард, ки ҶИЭ сохтмони як нерӯгоҳи хурди барқи обиро дар минтақаи кӯҳии Мастчоҳ ва ноҳияи Рашт ба анҷом расонад. Мувофиқа ҳосил шуд, ки ҷониби Тоҷикистон зимни бездиди раиси Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасии ҷониби ҶИЭ маълумот дар бораи лоиҳаҳои худро пешниҳод хоҳад кард. Сипас, дар давоми

се моҳ пас аз имзои Ёддошти тафоҳум, ҷониби ҶИЭ андешаҳои худро дар бораи татбиқи лоиҳаҳо эълон хоҳад кард.

Аз 13 то 15-уми декабри соли 1998 дар рафти сафари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳри Теҳрон Ёддошти тафоҳумро дар бораи созишномаи ҳамкории иқтисодӣ ва техникӣ барои таъмин ва тақвияти муносибатҳо ба имзо расониданд. Ҷониби ҶИЭ розигии худро дар бораи ба Тоҷикистон додани 25 млн доллари амрикоӣ барои содироти молу хидматрасониҳои техникӣ-муҳандисӣ иброз дошт. Қарор дода шуд, ки ин маблағ чунин тақсим карда шавад: «Тоҷикистон ва Эрон барои густариши ҳамкорӣ дар бахши нерӯи барқ ва кушодани як нерӯгоҳ ба мувофиқа расиданд. Барои сохтмони «Сангтӯда» аз Ҷумҳурии Исломии Эрон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағи 12,5 миллион доллари ИМА ҷудо мешавад. Созишномаи амалисозии дахлдор байни ширкати «Сонир» ва ширкати «Барқи Тоҷик» баста мешавад» [13].

Ҷонибҳо, ҳамчунин, аз таъсиси корхонаи истеҳсоли ранг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва густариши ҳамкорӣ дар бахши роҳи оҳан пуштибонӣ карданд ва ба мувофиқа расиданд.

Аз 31-ум октябр то 3-юми ноябри соли 2000 дар шаҳри Теҳрон форуми ҳамкории озод ва мутақобила баргузор гардид, ки анъанаҳои муштарак, робитаҳои бародарона ва муносибатҳои самимии ду кишварро ифода мекард. Дар ин мулоқот тарафҳо Ёддошти тафоҳумро барои ҷаласаи сеюми Комиссияи муштараки ҳамкории иқтисодӣ, техникӣ ва фарҳангӣ имзо карданд. Дар татбиқи Ёддошт, ҷонибҳо зарурати иҷрои созишномаҳои қаблиро таъкид карданд ва хостори бартараф кардани монеаҳои мавҷуда шуданд. Онҳо инчунин ба рушди дарозмуддати муносибатҳои дуҷонибаи иқтисодӣ, тиҷоратӣ, низомӣ, саноатӣ, кишоварзӣ ва фарҳангӣ байни ду кишвар таъкид карданд: «Дар соҳаҳои ҳамкории бозорӣ, бонкдорӣ ва нақлиётӣ, ҷонибҳо дар бораи иштироки фаъоли пудратчиёни эронӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи шартномаҳои имзошуда фаъолият мекунанд, ба мувофиқа расиданд. Дар ин замина, ҷониби Тоҷикистон бо дархости ҳамкорӣ

дар тендерҳо барои сохтмони шоҳроҳи Шоғун–Зиғар–Хостав–Шикев, шоҳроҳи Кӯлоб–Қалъаи Хумб–Мурғоб ва нақби Анзоб дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Эрон мурочиат кард» [13].

Дар мавриди ҳамкории саноатӣ ва техникӣ, ҷониби Тоҷикистон аз анҷоми сохтмони иншооти гази «Хоҷа Сартез» изҳори сипос карда, аз Эрон хоҳиш кард, ки дар сохтмони лӯлаи гази «Хоҷа Сартез – Сарбанд» ва ба истифода додани корхонаи битум дар ноҳии Ҷалолиддини Балхӣ ҳамкории худро анҷом диҳад.

Тибқи банди дуюми ҳамин Ёддошт, ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки дар соҳаҳои истихроҷи маъдан, нафту газ, дӯзандагӣ, нассоҷӣ, хӯрокворӣ, тибӣ, кишоварзӣ, муҳандисии мошинсозӣ ва таҷҳизоти баркӣ ҳамкориро бештар кунанд. Дар Бойгонии ВКХ ҶТ, чунин омадааст: «Ҷониби Тоҷикистон аз ҷониби Эрон хоҳиш намудааст, ки ҳамкории заруриро дар сохтмони корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти мевагӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, сохтмони корхонаҳои коркарди чарм ва пашм ва истеҳсоли маҳсулоти чармӣ дар Данғара, Панҷ, Ҳисор ва Хуҷанд ва густариши саноати нассоҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намояд» [13]. Ҷонибҳо пешрафти татбиқи созишномаҳоеро, ки дар ҷаласаи дуюми Комиссияи муштараки ҳамкории иқтисодии ду кишвар ба имзо расонида буданд, таъкид карданд. Тоҷикистон аз Эрон хоҳиш кард, ки бо ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ба кор андохтани корхонаи қаннодии «Ширин» дар Душанбе, корхонаи бастабандии намак ва корхонаи истеҳсоли нӯшобаи меваҳо ва мураббо ҳамкорӣ кунад. Ҷониби Эрон розӣ шуд, ки ширкатҳои Фонди собиқадорон ва ширкати «Эрониён» ин масъаларо баррасӣ хоҳад кард.

Ҷониби Тоҷикистон инчунин аз ҷониби Эрон хоҳиш кард, ки бо «Тоҷикматлубот» дар сохтмони корхонаи коркарди чарм ва корхонаи хушксозии мева ҳамкорӣ кунад.

Тоҷикистон ва Эрон ба мувофиқа расиданд, ки дар нерӯгоҳи барқи обии Сангтӯда бар асоси созишномаҳои ба даст омада байни ҷониби Тоҷикистон

ва ширкати эронии «Сонир» бо истифода аз хатти қарзии Эрон ба Тоҷикистон ҳамкорӣ кунанд. Тафсилоти ин ҳамкорӣ дар созишномаҳое, ки мустақиман байни ҷонибҳо имзо шудаанд, муайян карда мешавад. Онҳо, ҳамчунин, дар сохтмони НБО Роғун ва нерӯгоҳҳои хурди барқӣва истихроҷу истифодаи ангишт ба мувофиқа расиданд.

Дар гузориши Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи рушди ҳамкориҳои иқтисоди миёни Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ чунин омадааст: «Дар равобити иқтисодии ҳар ду кишвар дар айни ҳол баъзе дурнамоҳо кушода мешаванд. Имконоти ҷалби сармояҳои ин кишварҳо барои сохтмони чунин объектҳои муҳим, мисли роҳи автомобилии Кӯлоб–Дарвоз, НБО-и Сангтуда пайдо шуданд» [127, с. 5].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар равобити тиҷоратӣ ва иқтисодии Тоҷикистон ва Эрон Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ нақши муҳим дошт, ки фаъолияти худро дар ибтидои асри XXI хеле фаъол карда буд. Дар ҷаласаҳои комиссияи байниҳукуматӣ масъалаҳои танзими робитаҳои тиҷоративу иқтисодӣ, мувофиқ ва ба ҳам наздик кардани шароити молиявию боҷгирӣ ва хироҷгузориҳою бартараф кардани монеаҳои дар роҳи рушди ҳамкориҳо бавуҷудомада баррасӣ карда мешуданд [5-М., с. 60].

24-29-уми апрели соли 2002 ҷаласаи чоруми Комиссияи муштараки ҳамкории иқтисодӣ ва техникӣ байни ду кишвар дар шаҳри Душанбе баргузор гардид. Дар кори ҷаласа Вазири ҷиҳоди кишоварзии Эрон М. Ҳуҷҷатӣ иштирок ва суханронӣ намуданд. Дар ҷамъбасти қарори муштарак қабул гардид. Дар қарор дар бораи қарзе, ки Эрон ба Тоҷикистон медиҳад, мувофиқа ба даст омад. Ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки маблағ ва шартҳои қарз дар оянда байни бонкҳои пешбари ҳарду кишвар муҳокима ва муайян карда мешаванд.

Ҷониби Тоҷикистон изҳори умедворӣ кард, ки лоиҳаи насби таҷҳизоти сохтмонии роҳ аз ҷониби ширкати «Сонеъ» ва ширкати эронии «Руношдеҷ» амалӣ карда мешавад. Ҳамчунин, аз ширкатҳои эронӣ хоҳиш карда шуд, ки

дар лоиҳаҳои истихроҷи ангишт, истеҳсоли маҳсулоти нафтӣ, сохтмони лӯлаи газ ва барқарорсозии корхонаи битум иштирок кунанд. Ширкати эронии «Хепко» омодагии худро барои баррасии шартномаи қаблан имзошуда бо Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои фурӯши 16 намуди гуногуни таҷҳизоти сохтмонии роҳ изҳор дошт. Ҷониби Тоҷикистон низ омодагии худро барои иштирок баён кард. Ҷониби Эрон (Ширкати хидматрасонии техникӣ ва муҳандисии Эрон), бар асоси таҳқиқоти пешакӣ ва шартномаи имзошуда бо Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сохтмони корхонаи истеҳсоли зардоб (ҳалли масъала дар дохили низоми интиқоли доруворӣ)-ро оғоз мекунад ва дар ин бора ба ҷониби Тоҷикистон хабар медиҳад [13].

Ҷониби Тоҷикистон аз ҷониби Эрон даъват кард, то дар сохтмони корхонаи истеҳсоли нахи селлюлоза аз нахи пахта, татбиқи лоиҳаи истеҳсоли маъдани бор дар ноҳияи Мурғоби ВМКБ, антрасит дар кони Назарайлоқ, стронтсий дар наздикии Кӯлоб, оҳан, висмут ва тилло дар наздикии шаҳри Хуҷанд иштирок кунад.

Ҷониби Эрон изҳор дошт, ки бо ширкатҳои дахлдор дар бораи пешниҳоди хидматрасонии техникӣ ба Тоҷикистон суҳбат хоҳад кард ва дар давоми се моҳ пас аз гирифтани маълумоти техникию иқтисодӣ, ҷониби Тоҷикистонро аз натиҷаҳои он огоҳ хоҳад кард. Тибқи маводди Бойгонии ВКХ ҶТ, ҷониби Тоҷикистон дар навбати худ аз ҶИЭ хоҳиш кардааст, ки дар сохтмони иншооти зерин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок кунад: «Иншооти коркарди меваю сабзавот ва шарбатҳо дар зарфҳои Тетро-Пак ва асептикӣ; иншооти коркарди намаки ошӣ, йодноккунӣ ва бастабандӣ дар халтаҳои махсус; иншооти коркарди тухмӣ ва истеҳсоли равған дар зарфҳои пластикӣ; корхонаи зарфҳои шишагӣ; иншооти истеҳсоли шакар аз лаблабуи қанд; ва корхонаи қаннодӣ» [13]. Ҷониби Эрон розӣ шудааст, ки ин лоиҳаҳоро ба ниҳодҳои дахлдори Эрон ирсол кунад ва дар давоми се моҳ ҷониби Тоҷикистонро аз натиҷаҳо огоҳ созад.

Ҷаласаи панҷуми Комиссияи байниҳукуматӣ дар шаҳри Теҳрон 5-7-уми июни соли 2004 баргузор гардид ва дар он протоколи ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон ба имзо расиданд [37, с. 79].

Шакли дигари роҳандозии ҳамкориҳои муштарак баргузории намоишгоҳҳои гуногун, аз ҷумла намоиши маҳсулоти саноативу кишоварзӣ мебошад, ки ҳам барои муаррифии дастовардҳои саноативу кишоварзии ду кишвар роҳ мекушояд ва ҳам байни соҳибкорону содиркунандагони маводди зарурӣ ҳамкории зичро таъмин мекард. Масалан, 9-13-уми декабри соли 2004 Намоишгоҳи сеюми маҳсулоти саноатии Эрон дар шаҳри Душанбе дар маҷмааи давлатии «Кохи Борбад» баргузор шуд, ки дар ҷараёни он мулоқоти соҳибкорони тоҷику эронӣ низ сурат гирифт. Ин чорабиниҳо нишон медоданд, ки ширкатҳои давлатию хусусии ҳар ду кишвар барои тавсеаи ҳамкориҳои иқтисодии судманд манфиатдор ҳастанд. Гомҳои бардошташуда эътимод ва садоқатмандии ҷонибҳои ҳамкориро тақвият дода, фазои мусоидро барои сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар фароҳам меовард.

Ҳангоми дидорбинӣ ва сафарҳои расмии роҳбарони кишварҳо, аз ҷумла соли 2002 Саид Муҳаммад Хотамӣ аз Душанбе, соли 2003 муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз Теҳрон, соли 2006 муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз Теҳрон масоили ҳамкориҳои гуногунҷабҳаи Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ мавриди баррасӣ қарор дода шуданд, ки дар оянда ба рушди ҳамкориҳои ҷонибҳо мусоидат намудааст. Дар ин миён сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба ҶИЭ махсус бояд қайд намуд. Ҳангоми баргузории мулоқотҳои сатҳи баланд якчанд созишномаҳо ба имзо расонида шуданд, ки ҳамкориҳои мутақобилаи ҳарду кишварро ба сатҳи сифатан баланд бардоштанд. Аз ҷумла: «Созишнома дар бораи сода кардани қарзҳои бонкӣ, Ёддошт дар соҳаи стандартҳо, нақлиёт, интиқоли бор, энергетика ва сиёсати хориҷӣ, Созишнома дар бораи татбиқи лоиҳаи сохтмони нерӯгоҳи барқи обии Сангтӯда-2, Протоколи иловагӣ ба Ёддошти тафоҳуми

мутақобила ва ҳамкорӣ дар татбиқи ин лоиҳа, Эъломияи муштарак дар бораи рушди муносибатҳо ва ҳамкории байни Эрон ва Тоҷикистон» [80, с. 155].

1 майи соли 2002, зимни сафари кории Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон, Саид Муҳаммад Хотамӣ, ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, як қатор созишномаҳо ба имзо расиданд, ки яке аз онҳо «Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкории дуҷонибаи иқтисодӣ ва молиявӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Эрон буд» [87].

Дар банди чоруми Ёддошт гуфта мешавад, ки барои сармоягузорӣ дар беҳтар кардани НБО-и «Сангтӯда» дар асоси пешниҳоди Вазорати иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ниёз ба қарз ба маблағи 180 млн доллари ИМА ва дар робита ба он, ки беҳтар кардани ин лоиҳа боиси афзоиши истеҳсоли алюминий дар давраи зимистон мегардад, ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд: хусусиятҳои техникӣ ва иқтисодии лоиҳа, бо назардошти он, ки ҳаҷми асосӣ ва фоизи сармоягузорӣ дар беҳтар кардани нерӯгоҳ тавассути фурӯши алюминий, маҳсулоти алюминийи истеҳсолшуда дар Корхонаи алюминийи Тоҷикистон дар хориҷа баргардонида мешаванд, таҳия карда мешаванд.

Ҳангоми сафари расмии раисҷумҳурӣ Эрон Маҳмуд Аҳмадинажод дар охири моҳи июли соли 2006 ба Душанбе 6 санад муҳимми иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба имзо расонида шуд: «Изҳороти муштарак дар бораи рушди ҳамкории дуҷониба, Ёддоштҳо дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи адлия, меҳнат, амнияти иҷтимоии аҳолӣ ва тиҷорати озод, Барномаи ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ барои соли 2006 ва Созишнома дар бораи тиҷорати имтиёзнок» [80, с. 158].

Таҳлили маълумоти мавҷуда дар ин мавзуъ имкон медиҳад, ки динамикаи муомилоти молии байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ дар даҳсолаи аввали асри XXI пайгирӣ карда шавад. Масалан, «агар дар соли 2002 ҳаҷми муомилоти молӣ байни ду кишвар 44,0 млн долларро ташкил дода бошад, ин нишондод дар соли 2012 ба 240 миллион доллар баробар гардид. Дар давоми муносибатҳои дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон кишвари мо ба ин кишвар алюминий, пахта,

маҳсулоти кишоварзӣ ва ғайраро содир намудааст. Аз Эрон молҳои саноатӣ, маҳсулоти кимиёвӣ, равғани растанӣ, нафт, масолеҳи бинокорӣ ва ғайра ворид мешуд» [5-М., с. 61].

Бояд таъкид намуд, ки ба рушди ҳамкориҳои дуҷониба, пеш аз ҳама мавқеи устувор ва манфиатдории мақомоти роҳбари давлатҳои мусоидат намуданд. Аз ҷумла, дар рафти мулоқот ва боздидҳои Сарварони ду давлат – муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон (2003) ва Саид Муҳаммад Хотамӣ (2002) мавқеъҳои ҷонибҳо дар бобати татбиқи яке аз лоиҳаҳои бузургтарини сармоягузориҳои Эрон дар Тоҷикистон – сохтмони НБО-и «Сангтӯда-2» мусбат буд. Арзиши лоиҳаи мазкур 220 млн долларро ташкил дода, аз он 180 млн-ро Эрон ва 40 млн-ро Тоҷикистон сармоягузорӣ намуда буданд. Сохтмони неругоҳ, ки дар соли 2014 анҷом шуд, сатҳи амнияти энергетикии кишварро боз ҳам боло бурда, барои содироти қувваи барқ шароит фароҳам овард.

Раиси ҶИЭ Ҳасани Руҳонӣ ҳангоми сафари расмӣ ба Тоҷикистон зикр намуда буд: «Ба анҷом расидани сохтмони неругоҳи «Сангтӯда-2» на анҷоми кор, балки оғози ҳамкории густурдаи иқтисодии Эрону Тоҷикистон, ба вижа дар бахши энерҷӣ, мебошад» [59, с. 117]. Ҳамчунин, ба боварии махсус иброз намуда буд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ равобити худро дар пояи дӯстиву бародарӣ рушду нумуъ дода, барои дар оянда татбиқ намудани нақшаҳои нав тадбирҳои назаррас хоҳад гузошт.

Ҳамин тавр, таҳлили рафт ва самтҳои ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистону Эрон ин нуктаи назарро тақвият медиҳад, ки Эрон дар иқтисодиёти кишвари мо маблағгузориҳо ба соҳаҳои гуногун равона кардааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои иқтисодии худро бо Эрон дар доираи СҲИ низ ба роҳ монда, ҳамкориро бо ҶИЭ дар сиёсати худ афзалият бахшида, қарорҳое, ки аз ҷониби Эрон қабул мегардад, дастгирӣ мекунад [130, с. 19].

Тибқи таҳлили коршиносони равобити байналмилалӣ, дурнамои робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ дорои заминаҳои мусбати рушд мебошад. Назарсанҷиҳо ва таҳлили коршиносон бар ин аст, ки идомаи робитаҳо дар дурнамои наздик ба манфиати ҳар ду ҷониб арзёбӣ мешавад, ки инро ҳар ду тараф бидуни шак қабул доранд. ҶИЭ ба он умед мебандад, ки дар умури корҳои хориҷии худ дар қаламрави Осиёи Марказӣ як такягоҳе барои ҳалли мушкилоти ҷойдошта дорад ва барои ҳамкориҳои судманд тадбирҳои назаррас меандешад.

5-8-уми июни соли 2004 ҷаласаи Комиссияи муштараки тиҷоратӣ ва иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ дар фазои дӯстона ва ҳамдигарфаҳмӣ баргузор гардид. Дар ҷаласа, пеш аз ҳама ҳамкориҳо дар самти энергетика, махсусан Ёддошти тафоҳум дар бораи сохтмони НБО-и «Сангтӯда-2» мавриди баррасӣ қарор гирифта, қайд гардид: «Ҷониби Тоҷикистон омодагии худро барои содироти то 2 млрд кВт/соат нерӯи барқ ба Ҷумҳурии Исломии Эрон аз моҳи май то сентябр изҳор медорад ва аз Эрон хоҳиш кард, ки мутахассисони тоҷикро дар самти банақшагирӣ, тарҳрезӣ ва сохтмони обанборҳо ва нерӯгоҳҳои барқӣ, идоракунии захираҳои об ва кӯмак дар масъалаҳои марбут ба обёрӣ, гидроэнергетика ва лоиҳаҳои оби нӯшокӣ омӯзонад» [13]. Ҷониби Эрон розӣ шуд, ки ҳашт мутахассиси бахши энергетикаи Тоҷикистонро омӯзонад ва инчунин қайд карда шуд, ки ширкати эронии «Олум Так» омодагии худро барои истеҳсоли чӯбҳои филиззӣ ва симҳои барқӣ дар Тоҷикистон омода аст. Ҳамчунин, Вазорати нафти ҶИЭ омодагии худро барои ҳамкорӣ дар содироти нафти хом ва маҳсулоти нафтӣ, инчунин хидматрасонии техникӣ ва муҳандисӣ дар конҳои нафти Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳор дошт.

Онҳо қайд карданд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои имкониятҳои назарраси саноатӣ, асосан дар истеҳсоли алюминий, маҳсулоти саноати сабук, саноати маъдан ва кимиё мебошад. Дар робита ба ин, онҳо ба мувофиқа расиданд, ки таъсиси корхонаҳои муштарак байни соҳибкорони эронӣ ва тоҷик ё корхонаҳоеро, ки 100% сармояи эронӣ доранд, дар соҳаи

маъдан, нассоҷӣ, масолеҳи сохтмонӣ ва дигар бахшҳо ташвиқ кунанд. Бо истинод ба протоколи ҷаласаи чоруми Комиссияи муштараки ҳамкории иқтисодӣ ва тиҷоратӣ, «онҳо имконияти таъсиси корхонаҳои муштаракро дар соҳаи коркарди нахи пахта ва истеҳсоли маҳсулоти тайёри нассоҷӣ барои содирот ба кишварҳои хориҷӣ, шиша ва зарфҳои шишагии сохтмонӣ, пластикӣ, коркарди мармар ва санг, коркарди аввалияи алюминий ва истеҳсоли маҳсулоти алюминий, истеҳсоли сим ва кабел, масолеҳи сохтмонӣ, коркарди пӯст ва маҳсулоти чармӣ» қайд карданд [13]. Ҳамчунин, «ҷонибҳо ба татбиқи Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкории саноатӣ байни Вазорати саноат ва маъданҳои Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Вазорати саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 29 майи соли 2004 ба имзо расид, таъкид карданд ва Тоҷикистон омода аст, ки шароити мусоид фароҳам оварад. Ифтитоҳи дафтари фурӯши «Эрон Худрав» дар Тоҷикистон эълон шуд» [13].

Дар рафти музокирот чандин масъалаҳои муҳим, аз ҷумла: «Пешниҳоди Тоҷикистон оид ба сармоягузорӣ ба истихроҷи ангишт, истеҳсол ва ҷустуҷӯи маъдани оҳан ва висмут, пешниҳоди ҷониби Эрон дар хусуси додани маълумоти иловагӣ дар бораи захираҳои маъданӣ, имкониятҳо ва таҷриба дар бахшҳои истихроҷи маъдан ва саноат, шароити бозор ва талабот, мавҷудияти инфрасохтор барои сармоягузорӣ ва дастрасӣ ба ин маъданҳо. Ҳамзамон, Созмони амнияти иҷтимоии Ҷумҳурии Исломии Эрон матни лоиҳаи Ёддошти тафоҳумро дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаҳои саноат, хизматрасонӣ, тандурустӣ ва сохтмон ба ҷониби Тоҷикистон пешниҳод кард баррасӣ гардиданд» [13].

Ҷаласаи шашуми Комиссияи муштарак оид ба ҳамкории тиҷоратӣ, иқтисодӣ, техникӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ 12-14-уми июли соли 2005 дар шаҳри Душанбе баргузор гардид. Дар он қарор карда шуд: «Кумитаеро аз намояндагони вазоратҳои иқтисод ва тиҷорат, стандартҳо, Агентии сиёсати зиддимонополӣ ва дастгирии тиҷорат, Созмони сармоягузорӣ ва кумаки техникии Эрон, ниҳодҳои гумрукӣ ва палатаҳои

савдои ду кишвар барои баррасӣ ва ҳалли мушкилоти сармоягузорон ва тоҷирон дар ҳарду кишвар ташкил кунанд» [13].

Ҷонибҳо қайд карданд, ки Тоҷикистон дар истеҳсоли маҳсулоти алюминий, маҳсулоти саноати сабук, истихроҷи маъдан, маводди кимиёӣ ва масолеҳи сохтмонӣ, аз ҷумла семент имкониятҳои зиёди саноатӣ дорад. Аз ин рӯ, ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки байни бозорёбони эронӣ ва тоҷик дар бахшҳои дар боло зикршуда таъсиси корхонаҳои муштаракро ташвиқ кунанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон омодагии худро дар бораи сохтмони корхонаҳои муштарак дар чунин соҳаҳо изҳор дошт: «Истеҳсоли маводди шустушӯйӣ; шиша ва зарфҳои шишагии сохтмонӣ; маҳсулоти пластикӣ ва алюминий; истеҳсоли сим ва кабел» [13]. Дар робита ба ин, ҷониби Эрон хоҳиш кард, ки сармоягузорони эрониро барои татбиқи ин пешниҳодҳо ташвиқ кунанд. Тарафҳо пешрафти созишномаи ибтидоии байни ширкати эронии «Чарми Муғон» ва ҷониби Тоҷикистонро дар бораи омодагии онҳо барои таъсиси корхонаҳои муштарак дар соҳаи коркарди чарм ва пӯст, инчунин, истеҳсоли пойафзол бо истифода аз имконоти корхонаҳои «Интерфер» дар Душанбе, истеҳсоли чарм ва корхонаҳои пӯст тасдиқ карданд. Корхонаи пӯсти ноҳияи Данғара ва корхонаи истеҳсоли пойафзол дар Душанбе ризоияти худро баён карда, таъкид карданд, ки музокирот то қабули қарори ниҳоӣ идома ёбад.

Дар рафти ин сафари корӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Эрон дар соли 2006 чандин ҳуҷҷати муҳимми ҳамкорӣ ба имзо расид, ки ба рушди ҳамкориҳои иқтисодии ду кишвар таъсири назаррас расонид, ки аз онҳо ин: «Аҳднома оид ба содагардонии низоми қарздиҳии бонкӣ», «Шартнома доир ба нақлиёту боркашонӣ, энергетика, «Эъломияи муштарак оид ба рушди муносибатҳо ва ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон» [80, с. 159-160].

Раванди вохурии мазкур дар баррасии масъалаи иқтисодиёт низ афзалиятнок буданд. Дар ин замина, ба масъалаҳои муҳим, аз ҷумла, дар самти тиҷорат, нерӯи барқ, роҳсозӣ ва ҳалли масъалаҳои марбут ба ҳамкории

дуҷониба дар арсаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ гуфтугуҳо ва мубодилаи афкор сурат гирифт.

Соли 2006 Маҳмуд Аҳмадинажод Президенти ҶИЭ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф оварда, қайд намуда буданд: «Тули 15 соли равобит миёни Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ беш аз 150 қарордод имзо шудааст ва шумораи онҳо пайваста афзоиш меёбад. Аммо бо омилҳои гуногун лоиҳаи мазкур аз фаъолияти худ бозмонд. Гузашта аз ин, ҳангоми боздиди Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҶИЭ дар моҳи майи соли 2007, як силсила шартномаву созишномаҳо ба имзо расиданд, ҳамкориҳои мутақобилан судмандро ба марҳилаи нав бароварданд» [81, с. 152-160].

Ҳамкории «ТАЛКО» ба ширкатҳои эронӣ дар бахши ашёи хом, логистика ва таъминоти саноатӣ бештар хусусияти амалӣ дошт ва на танҳо масъалаи истеҳсол, балки масъалаи дастрасӣ ба бандарҳо ва занҷираи таъминотро низ фаро мегирифт. Ҳамчунин, ширкати «ТАЛКО» барои истихроҷи кокс дар кишвари Эрон ҷиҳати интиқоли он тавассути бандарҳои ҶИЭ муҳим буда, ба он таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардидаст. Аз раванди ҳамкориҳо бармеояд, ки ширкати «ТАЛКО» омодагиашро ҷиҳати иштирок дар сармоягузорӣ ва татбиқи лоиҳаҳои муштарак изҳор намуда, истифодаи бандари «Аббос»-ро ҳамчун роҳи воридот ва содироти маҳсулот муҳим мешуморад [43, с. 204-205].

4-уми январи соли 2010-ум ШСХК «Барқи Тоҷик» ва ширкати «Фароб» созишномаеро барои таҳияи лоиҳаи сохтмони НБО «Айнӣ» имзо карданд: «Бар асоси ин созишнома, асосноккунии техникӣ ва тарҳрезии нерӯгоҳи барқи обии «Айнӣ» бо иқтидори 170 МВт дар дарёи Зарафшон, инчунин сохтмони он бо сармоягузории Ҷумҳурии Исломии Эрон анҷом дода мешавад. Қарор буд, ки агрегати аввали НБО «Сангтӯда-2» то охири соли 2009 ба кор андохта шавад» [108].

Муҳаққиқи тоҷик В. Ниятбеков чунин изоҳор намудааст: «Ҷумҳурии Исломии Эрон то соли 2010 ба Ҷумҳурии Тоҷикистон чой, маҳсулоти

шоколадӣ, шакар, қаҳва, масолеҳи рангбор, қолин, мебел, автомобил, нафт ва маҳсулоти нафтӣ, сафолӣ, таҷҳизоти электрикӣ, либос, инчунин, резина ва масолеҳи онро интиқол медод. Аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Исломии Эрон пахта, алюминий ва маснуоти алюминӣ, металлҳои сиёҳ ва маснуоти металлӣ ва шиша содир карда мешуд» [80, с. 152].

Аз таҳлили маълумоти мавҷуда бармеояд, ки дар тавсеа ва рушди ҳамкориҳои ду кишвар нақши роҳбарони ду давлат, бахусус, боздидҳо ва мулоқотҳои расмиву корӣ онҳо, аз ҷумла, сафарҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҶИЭ рӯзҳои 26-27-уми марти соли 2011 (ҷиҳати иштирок дар ҷашни байналмилалии Наврӯз), рӯзҳои 24-25-уми июни соли 2011 (ширкат дар Конфронси байналмилалӣ оид ба муборизаи ҷаҳонӣ бо терроризм), сафари расмии Президенти ҶИЭ Маҳмуд Аҳмадинажод ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рӯзҳои 4-5-уми сентябри соли 2011, 24-26-уми марти соли 2012 (иштирок ба сеюмин ҷашни байналмилалии «Наврӯз» ва Конфронси байналмилалии ҳамкории иқтисодӣ бо Афғонистон–RECCA), ҳамчунин, мулоқотҳо дар Душанбе, Теҳрон ва 6-уми июни соли 2012 дар Пекин дар ҳошияи ҷаласаи сарони давлатҳои аъзои СҲШ хеле бориз мебошад. Аз ҷумла, зимни мулоқоти сарони ду давлат – Эмомалӣ Раҳмон ва Маҳмуди Аҳмадинажод, ҳамчунин музокироти расмӣ бо иштироки ҷонибҳо дар таърихи 24-уми марти соли 2012 дар доираи сафари Президенти ҶИЭ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон масоили мубрами ҳамкориҳои дуҷониба ва минтақавии ду кишвар дар бахшҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва тиҷоратӣ, энергетика, саноат, боркашонӣ, илму техника, технология, кишоварзӣ, маориф ва фарҳанг муҳокима шуда буданд.

Аз ин ҷиҳат, энергетика дар муносибатҳои ду кишвар танҳо соҳаи техникии ҳамкорӣ набуда, балки ба унсури муҳимми таъмини суботи иқтисодӣ, амнияти энергетикӣ ва болоравии иқтидори истеҳсолии Тоҷикистон табдил ёфт.

Ҳамкориҳои миёни Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Палатаи тиҷорат, саноат ва маъдани ҶИЭ дар рушди муносибатҳои иқти-

содиву тиҷоратӣ ва сармоягузории ҳар ду кишвар назаррас арзёбӣ мегардад. Дар ин масъала дар Бойгонии Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин маълумот ҷой дорад: «Бо даъватаи Палатаи тиҷорат, саноат ва маъдани ҶИЭ 12 нафар тоҷирону соҳибкорони тоҷик аз 24 то 31-уми майи соли 2012 ба Хуросони шимолии ҶИЭ сафар намуданд, ки дар натиҷаи он 107 созишномаву тафоҳумномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расиданд. Ҳамзамон, Палатаи тиҷорат, саноат ва маъдани ҶИЭ хоҳиш кардааст, ки ҳайати соҳибкорону тоҷирони эронӣ иборат аз 22 нафар дар моҳи сентябр аз Тоҷикистон дидан намоянд» [10].

Соҳибкорони эронӣ аз минтақаҳои озоди иқтисодии Тоҷикистон дидан намуда, ба сохтмони корхонаҳои саноатӣ, комплекси агросаноатӣ изҳори омодагӣ карданд. Ҳамин тавр, дар ҳамоиши «Иқтидори минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар рушди вилояти Хатлон», ки моҳи октябри соли 2012 баргузор гардид, намояндагони 17 вилояти пешрафтаи Эрон иштирок намуданд. Ҳайати кории эронӣ дар ин ҳамоиши иштирок намуда, тибқи ҷадвали таъсисдода, ба шаҳру навоҳии кишвар сафар намуданд. Тибқи шартномаҳои ҳосилгардида, мутахассисони эронӣ, ки ба ин минтақаҳо сафарбар шуда буданд, мебоист дар кори ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти мошинсозӣ, мотосикл, асбобҳои гармкунии баркӣ, маснуоти плостикӣ ба мутахассисони тоҷик кумак мекарданд. Дар ин сафар, ҷиҳати ҳамкорӣ байни минтақаҳои озоди иқтисодии болозикр, Эрону Тоҷикистон санадҳои ҳамкорӣ ба имзо расониданд. Аҳдномаҳои ба имзо расида, дар баробари ҷалби мутахассисони эронӣ ҷиҳати омӯзондани мутахассисони маҳаллӣ, ҳамчунин, фароҳам овардани шароити мусоидро барои сармоягузориҳо ба миён гузошта буданд.

Маҳз дар ҳамин давра ҳамкориҳо дар самти энергетика ба соҳаи афзалиятноки ҳамкориҳои байнидавлатӣ табдил ёфт, ки ба эҷоди хатҳои интиқоли энергетикӣ ва пайваст кардани кишвари мо ба бозорҳои ҷаҳонии энергетикӣ вобастагӣ дошт. Баъди фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ кишварҳои қудратманди Ғарб, пеш аз ҳама, ИМА ба маҳдуд кардани манобеи Эрон дар Осиёи Марказӣ талош намуданд. Эрон дар ҳамсоягии Осиёи Марказӣ яке аз

беҳтарин ва босамартарин масирҳои дастрасӣ ба бозорҳои ҷаҳониро дар соҳаҳои гуногун дар даст дошт, вале ба далели сиёсатҳои ИМА, аз имкони баҳрабардории муносиб маҳрум шуда буд. Вазъияти ба миён омада на танҳо Эрон, балки ҷумҳуриҳои Осиёи Марказиро дар шароити душвори иқтисодиву молӣ ва транзитӣ қарор медод.

Дар таҳлили таърихии масъала, муносибатҳои дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ дар сатҳи баланд ба роҳ монда шудааст. Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаи интиқоли молу коло, нерӯи барқ, бунёди роҳҳо, сохтмони иншоот ва нақбҳову нерӯгоҳҳо ва ғайра қарордодҳои муфид ва ояндадор баста шудааст, ки дар маҷмуъ, беш аз 200 санади ҳамкориро дар бар мегирад.

Аз лиҳози маблағгузорӣ Эрон барои Тоҷикистон мавқеи назаррасро соҳиб аст, ки ин дар даврони истиқлолияти давлатӣ мушоҳида мешавад. Тибқи таҳлилҳои бадастомада, дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI наздики 100 шартнома дар сохторҳои мухталиф ба имзо расидааст. Тибқи назарсанҷиҳо, дар кӯтоҳтарин муддат лоиҳаҳои муҳим низ ба имзо хоҳад расид. Ҳамчунин, тибқи қарордодҳои ҳосилшуда эҳтимол меравад, ки нерӯгоҳи барқи обӣ дар рӯди Зарафшон бо иқтидори 150 МВт сохта, ба истифода дода шавад. Ҳамчунин, нерӯгоҳи барқи обии «Искандардарё» бо иқтидори 22 МВт ифтитоҳ мегардад. Дар назар буд, ки дар вилояти Хатлон низ бо маблағи 500 млн доллари ИМА маблағгузорӣ шавад. Дар ин замина, ҷонибҳо ба қароре омада буданд, ки бо сармоягузории эронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон минтақаи коркарди нафт ифтитоҳ ёбад.

Аз раванди ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи тарафҳо мушоҳида мешавад, ки Эрон барои иқтисоди Тоҷикистон сармоягузории зиёдеро ба роҳ мондааст. Яке аз нишонаҳои наздикшавии равобити ҳамсони Эрону Тоҷикистон доштани умумияти фарҳангӣ, забонӣ ва динӣ маҳсуб мегардад. Маҳз доштани решаҳои хешутаборӣ ва дорои фарҳанги муштарак ва ғании ду ҷониб аст, ки дар сиёсати хориҷии ду кишвар нақши муҳим мебозад. Самти мазкурро дар робитаҳои сеҷонибаи назарраси Тоҷикистон, Эрон ва

Афғонистон низ баръало мушоҳида мешавад. Ҳар се ҷониб то ин дам ба иҷрои чандин тарҳҳои муҳимми ҳамкориҳо, махсусан, барои сохтани роҳи оҳан кӯшиш кардаанд, ки хатти ин роҳ ба Қирғизистон ва аз Эрон ба Чин рафта мерасад. Ба ин васила, мушоҳида мешавад, ки ҳамбастагӣ, ҳамрайӣ ва наздиксозиву дар амал татбиқ намудани равобити фарҳангӣ, яке аз иқдомоти махсуси ҶИЭ маҳсуб мегардад. Ниҳоди махсус, ки барои як қатор лоиҳаҳо, ба монанди садову симо, Дафтари хабаргузории Эрон, шуъбаи Бонки тиҷорат ва Дафтари намояндагии Ҳилоли Аҳмари Эрон фаъолият доранд, барои ҳамбастагӣ фаъолияти худро ба роҳ мондааст.

Маҷмуи воридоти мол байни Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ тавре муҳаққиқ З. Сайидзода қайд кардааст: «Дар соли 2015 183,4 млн доллари ИМА-ро дар бар гирифта, маҷмуи содирот низ ба 60 млн ва ҳаҷми воридот ба 123,4 млн доллари ИМА рост меояд, ки ин аҳаммияти назарраси иқтисодӣ дорад» [59, с. 116].

Аз ҳисоботи ҷаласаи 12-уми Комиссияи муштарак бармеояд, ки ҷаласаи мазкур рӯзҳои 14-15-уми ноябри соли 2017 дар шаҳри Душанбе баргузор гардидааст. Зимни баргузории вохуриҳои дуҷониба ҷониби Тоҷикистон (Усмонали Усмонзода – вазири энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон) қайд намуданд: «Баргузории мунтазами ҷаласаҳои Комиссияи муштарак барои вусъат бахшидани робитаҳои иқтисодиву иҷтимоии ҳар ду ҷониб таъсири мусбӣ хоҳад гузошт. Ҷониби Эрон (Ризо Ардокониён – Вазири нерӯи ҶИЭ) низ изҳори қаноатмандӣ намуда, қайд намуданд, ки ҳамкориҳои деринаи байни Тоҷикистону Эрон баёнгари робитаҳои судманди ду кишвар мебошанд» [12].

Тарафҳо дар фазои дӯстона масъалаи густариши ҳамкориҳои иқтисодӣ, бозоргонӣ, фаннӣ (техникӣ), илмӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, ташкил намудани кумитаҳои пайгирӣ ва вусъат бахшидани ҳамкориҳоро дар доираи Комиссияи мазкур баррасӣ намуданд. Аз натиҷаи ҷаласа чунин маълум мегардад: «Тарафҳо ба мувофиқа расиданд, ки ҷиҳати густариш додани ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ, дар ҳамоишҳои тиҷоратию сармоягузорӣ ва дар

намоишгоҳҳои байналмилалию ихтисосӣ иштирок намоянд, ширкатҳо ва созмонҳои худро баҳри ташкили корхонаҳои муштарак, марказҳои тиҷоратӣ ва намояндагиҳои доимӣ ва дафтарҳои намояндагӣ дар қаламравҳои кишварҳои якдигар ба манзури фаъолгардонии муносибатҳои иқтисодӣ ва сармоягузорӣ ташвиқ намоянд» [12]. Дар асоси ин қарордод, Утоқи бозоргонӣ, саноеъ, маъодин ва кишоварзии Машҳад омодагии худро барои баргузор намудани намоишгоҳи ихтисосии ҶИЭ дар шаҳри Душанбе дар соли 2018 баён намуд.

Дар банди 2.2-и қарори ҷаласаи мазкур чунин омадааст: «Тарафҳо ҳавасмандии худро баҳри ҷалби сармоягузориҳо ва амалигардонии лоиҳаҳои муштараки сармоягузорӣ иброз намуда, ҷиҳати ҳимояи онҳо чораҳои мушаххасро амалӣ хоҳанд кард. Бо ин мақсад, Тарафҳо ба мувофиқа омаданд, ки мақомоти дахлдори ду кишвар маводи зарурирро оид ба фазои сармоягузорӣ, минтақаҳои озоди иқтисодӣ, табодули доимии иттилоот ва самтҳои афзалиятноки ҳамкорӣ омода намуда, ба якдигар манзур менамоянд» [12]. Дар банди 3-и ба соҳаи саноат бахшида шуда, чунин зикр гардидааст: «Тарафҳо ҳамкории корхонаҳои давлативу ғайридавлатии худро ҷиҳати истихроҷ ва коркарди маъдани оҳан ва сангҳои ороишӣ, дар соҳаи саноати хӯрокворӣ, коркарди меваю сабзавот, намаки ошӣ, истеҳсоли собун, коркарди чигити техникӣ ва истеҳсоли равғани растанӣ, коркарди нахи пахта, пӯст, пашм ва пилла то маҳсулоти ниҳоӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуданд» [12].

Дар таърихи 2-3-юми декабри соли 2019 ҷаласаи 13-уми Комиссияи муштарак дар шаҳри Теҳрон баргузор шуд. Дар доираи Комиссияи мазкур барои баррасии масъалаҳо чор гурӯҳи корӣ ташкил шуда, дар он масъалаҳои: «Фаъолгардонии ҳамкориҳо дар соҳаҳои тиҷорат, сармоягузорӣ, саноат, нақлёт, энергетика, нафту газ, об, кишоварзӣ, маориф ва илм, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, гумрук, бонкдорӣ, суғурта, геодезия, геология, алоқа, коммуникатсия ва технологияи иттилоотӣ, телевизион ва радио, фарҳанг, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, варзиш ва ҷавонон ва ҳамкориҳои ҳуқуқӣ»

мавриди баррасӣ қарор гирифт [12]. Ҳамзамон дар ҷараёни сафари корӣ Вазири энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз маркази танзимгарии низоми энергетикии ҶИЭ боздид ба амал оварда, ба имкониятҳои низоми энергетикӣ ва робитаҳои энергетикии Эрон бо кишварҳои Ироқ, Покистон, Афғонистон, Озарбойҷон, Туркия, Арманистон ва Туркманистон дар самти содироту воридоти нерӯи барқ, шиносоӣ пайдо намуд. Инчунин, бо роҳбарияти ширкатҳои «SATKAB» ва «MAPNA», ки дар бахшҳои лоиҳакашӣ ва истеҳсоли таҷҳизотҳои нерӯгоҳҳои барқи обӣ ва ҳароратӣ, марказҳои барқу гармидиҳӣ ва нерӯгоҳҳои шамолӣ фаъолият доранд, мулоқотҳо анҷом дод [12].

Ҷаласи 14-уми Комиссияи муштараки Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ 7-8-уми июни соли 2021 дар шаҳри Душанбе баргузор гардид ва дар он баъзе ёддошту созишномаҳо қабул гардид. Аз ҷумла, ёдоштҳои тафоҳуми ҳамкорӣ дар соҳаҳои фарҳанг ва меҳнат, варзиш ва ҷавонон, кор ва омӯзишҳои техникӣ-касбӣ, сайёҳӣ ва Созишномаи истирдоди маҳкумшудагон [12] ба имзо расонида шуданд.

Бештари содироти Ҷумҳурии Тоҷикистонро пахта, ашёи хом, махсусан, алюминий, маҳсулоти сохтмонӣ дар бар мегирад, ки ин яке аз комёбиҳои чашмрас дар муносибатҳои ҷонибҳо маҳсуб мешавад.

Дар зер ҷадвали гардиши мол миёни Тоҷикистон ва Эрон оварда мешавад:

Ҷадвали 1. Динамикаи интихобии гардиши мол миёни Тоҷикистон ва Эрон*

Сол / давра	Нишондиҳанда	Мазмун ва шарҳи таҳлилӣ
1996	Содироти Тоҷикистон ба Эрон – 1,714 млн доллар; воридот – 10,462 млн доллар	Марҳилаи аввал бештар ба тиҷорати маҳдуд ва омӯзиши имкониятҳо хос буд
2000	20,0 млн доллар	Коҳиши муваққатӣ дар пасманзари мушкилоти пасобуҳронӣ
2003	75,1 млн доллар	Фаъолшавии робитаҳои иқтисодӣ дар оғози марҳилаи нав
2007	Зиёда аз 100 млн доллар	Таъсири сафарҳои сатҳи олӣ ва санадҳои иқтисодӣ

* Ҷадвали мазкур аз рӯйи маводи ҷамъовардаи муаллиф тартиб дода шудааст.

2013	292,2 млн доллар	Яке аз нишондиҳандаҳои баландтарини давраи таҳқиқ
2015	183,4 млн доллар [136]	Оғози пастшавӣ дар шароити таъсири омилҳои сиёсӣ
2017	63 млн доллар [136]	Нишондиҳандаи поёни давраи сардии нисбӣ

Аз таҳлили ҷадвал бармеояд, ки гардиши мол миёни ду кишвар бо нишондиҳандаҳои гуногун асос ёфтааст. Агар соли 1996 содирот аз Ҷумҳурии Тоҷикистон 1,714 млн долларро ташкил карда бошад, пас гардиши мол дар соли 2000 ба 20 млн доллар расидааст. Омори гардиши мол миёни ду кишвар дар соли 1999 ба 23,9 млн расида буд. Дар соли 2000 то андозае камтар шудааст. Аммо аз соли 2005 ба баъд рӯ ба афзоиш ёфтааст. Дар соли 2007 беш аз 100 млн долларро ташкил намуд. Шумораи баландтарини гардиши мол миёни ду кишвар ба соли 2013 рост меояд. Дар ин сол гардиши мол миёни ду кишвар ба 292,2 млн доллар расидааст. Вале дар солҳои баъдӣ гардиши мол миёни ду кишвар рӯ ба камшавӣ овардааст. Агар дар соли 2015 ин рақам 183, 4 млн доллар бошад, пас дар соли 2017 ба 63 млн доллари ИМА расидааст. Чунин коҳиши гардиши мол ба сард гардидани равобити ҷонибҳо асос ёфтааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бо беҳтар гардидани сатҳи муносибатҳо миёни ду кишвар гардиши мол низ рӯ ба афзоиш ёфтанд.

Бояд гуфт, ки 18-уми сентябри соли 2021 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати ҶИЭ созишнома дар бораи ҳамкориҳои иқтисодӣ ва техникӣ ба имзо расониданд. Дар созишнома масоили талаботи ҳамкории байниҳамдигарӣ, таъсиси гурӯҳи кории муштарак оид ба иҷрои созишномаҳо, ҳалли баҳсҳо, тағйиру иловаҳо ба созишномаҳои қаблӣ, эътибор пайдо кардан ва қатъ кардани созишномаҳо, ки ба густариши ҳамкории иқтисодӣ нигаронида шудааст, мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

Ҳамкориҳои иқтисодии Эрон ва Тоҷикистон, бахусус баъд аз эълони сиёсати «дарҳои кушод» дар доираи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ низ ба роҳ монда шуда, сол то сол вусъати тоза пайдо кард. Чунин ҳамкориҳо

дар доираи СММ, СҲИ, СҲИ, СҲШ, ҳамзамон дар чаҳорчубаи кишварҳои форсизабон – Афғонистон, Тоҷикистон ва Эрон роҳандозӣ гардидаанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ дар чаҳорчӯбаи СҲИ бомуваффақият ҳамкорӣ мекунанд. Аз ҳисоби маблағҳои ҷудокардаи ин Созмон солҳои 2008-2010 дар 7 ноҳияи ҷумҳурӣ 9 мактаб ва 1 беморхона сохта шуд. Ҳамчунин, дар ҷумҳурӣ шуъбаи Бонки рушди исломӣ низ амал мекунад, ки ба аҳолӣ бо шартҳои имтиёзнок қарз пешниҳод мекунад.

Бояд зикр намуд, ки Тоҷикистон ва Эрон дар чаҳорчӯбаи формати сеҷонибаи кишварҳои форсизабон – Тоҷикистон, Эрон ва Афғонистон низ ҳамкорӣ мекунанд. Яке аз қадамҳои устувор дар самти ҳамкориҳои судманд ин ифтитоҳи ҳамкориҳои ҷонибҳо, ки аз моҳи июли соли 2006 ба тавофуқ расидаанд, бунёди маркази баҳамоии се кишвари ҳамзабон дар шаҳри Кобули Афғонистон маҳсуб мегардад. Ҳамчунин, бо гузашти ду сол санаи 29-уми июли соли 2008 ҷиҳати дар сатҳи баланд ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманди сеҷониба ҳайати махсуси ба ҳамоии тарафҳо бунёд карда шуд. Инчунин, марҳила ба марҳила ҳамкориҳои ҷонибҳо тақвият ёфта, 5-уми августи соли 2010 Шартномаи бунёди ҳайати корӣ дар ростои ҳамкориҳои муҳимми сеҷониба дар шаҳри Теҳрони ҶИЭ ба ифоқа расонида шуд.

Боиси ёдоварист, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ дар доираи СҲШ низ равобити сиёсӣ, иқтисодӣ, гардиши ғайриқонунии маводди нашъаовар, масъалаҳои ҳифзи муҳити зист, технологияҳои иттилоотию иртиботӣ ва масъалаҳои илмиву фарҳангӣ ба роҳ мондааст. Дар симои Тоҷикистон, ки узви СҲШ аст, Эрон ҳамеша бо нияти узвият дар ин созмони бонуфузи байналмилалӣ пуштибони худро мебинад.

Аз таҳлилу баррасии масъали мазкур натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ дар тули 30 соли истиқлоли кишвар дар ҳоли рушд қарор дошта, ба дастовардҳои ҳаётан муҳим ноил гардидаанд. Тиҷорати мутақобила ҳамасола афзоиш меёбад, Эрон ба муҳимтарин бахшҳои иқтисоди миллии Тоҷикистон, махсусан энергетика сармоягузорӣ мекунад.

Эрон барои ворид кардани сармоя ба Осиёи Марказӣ ҷиҳати беҳбуди зербинои он, аз зарфият ва тавоноии бештаре бархурдор аст. Таҳаввулот дар минтақаи Осиёи Марказӣ манофеъ ва масъалаҳои амнияти ИМА-ро ба таври мустаким мавриди таҳдид қарор намедиҳад, вале дар замони дигаргунӣ дар тавозун ва таодули ҷуғрофиёи сиёсии минтақа барои тавозуни стратегӣ дар ҷануби Осиё ва Ховари Миёна паёмадҳои муҳимме дар бар хоҳанд дошт.

Мусаллам аст, ки кишварҳои абарқудрат ва бозигарони минтақавӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ, ҷиҳати тарҳрезии лоиҳаҳои рӯёрӯии худ талошҳои зиёд менамоянд. Дар минтақаи мазкур се лоиҳаи муҳим, аз қабили лоиҳаҳои русии «Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё», лоиҳаи чинии «Камарбанди иқтисодии Роҳи Абрешим» ва лоиҳаи амрикоии «Осиёи Марказии Бузург» дар роҳи амалишавӣ қарор дошта, барои ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ шароит фароҳам меоранд.

Айни ҳол, Чин равобити худро бо ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ асоси лоиҳаи «Як камарбанд – як роҳ» тавсеа дода, дар ин росто ҷиҳати рушди соҳаҳои муҳим кӯшишҳо идома дорад. Бар асоси ин лоиҳа, ҷониби Чин кӯшиш бар он доранд, ки «Роҳи бузурги абрешим»-ро аз нав эҳё кунанд ва бо ҳамин, доду гирифти иқтисодии кишварҳои дар ин роҳ буда, боз ҳам мустаҳкам гардад. Ҳамчунин, лоиҳаи мазкур бунёди роҳҳои нақлиётӣ, роҳҳои оҳан, сохтани иншооти моддию маишӣ дар минтақаи мазкурро фаро гирифтааст. Лоиҳаи мазкур дар ростои татбиқи мақсадноки худ ба бунёди роҳҳо ва махсусан, роҳи оҳан ва пайваст намудани минтақаҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ авлавият медиҳад. Чин, тибқи консепсияи сиёсати хориҷии худ, ҳеҷ гоҳ намехоҳад, ки минтақаи Осиёи Марказӣ ба буҳрони сиёсӣ ва ба ҳарҷумарҷ гирифтор шавад. Зеро ин раванд барои амнияти он низ хатарзо мебошад. Гузашта аз ин, абарқудратҳо ва бозигарони сатҳи минтақавӣ ва байналмилалӣ талош менамоянд, то мавқеи Чин дар минтақа маҳдуд гардад.

Таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи сиёсиву иқтисодии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар шароити бархурди қудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, як муаммои сарбастаро мемонад. Дар раванди бархурди манфиатҳо як амали ноҷо аз

ҷониби ин ё он абарқудрат метавонад ба амнияти минтақа халал ворид созад. Тавре муҳаққиқон пешгӯйӣ мекунанд, бархурди манфиатҳои геополитикии кишварҳои қудратманди ҷаҳониву минтақавӣ ба вазъи амнияти кишварҳои минтақа таъсир мерасонад, ки ин боиси эҳё ва ҷоннокшавии низоъҳои дохилиминтақавӣ мегардад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба мавқеи геополитикии худ дар минтақаи Осиёи Марказӣ ҷойгоҳи намоёнро касб кардааст. Аз ин рӯ, Чин, Русия ва ИМА ҷиҳати ҳамкориҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ ба Тоҷикистон таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд. Ба ин васила, мушкилотҳое, ки дар раванди ҳамгироии иқтисодӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ, аз қабили мушкилоти иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, геополитикӣ, ҳарбию амниятӣ вуҷуд доранд, бо мурури замон дигаргун шуда, кишварҳои минтақаро ба ҷустуҷӯи роҳҳои самараноки ҳалли онҳо водор мекунанд. Вале мушкилоти берунаи минтақа, ки ба масъалаи мутобиқат ва созиши сиёсати кишварҳои абарқудрати ҷаҳонӣ, амсоли Русия, ИМА, Чин, Эрон, Ҳиндустон ва Ҷопон ҳамоҳанганд, ҳанӯз ҳам ҳассос ва ҷиддӣ боқӣ хоҳад монд. Аз ҷониби дигар, қазияи Афғонистон чун омили таҳдидкунандаи амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ боиси нигаронӣ хоҳад буд. Муҳимтар аз ҳама, масъалаи пиёдасозии манфиатҳои геополитикии кишварҳои абарқудрат ва бархурди онҳо дар минтақа нигаронкунанда мебошад, зеро манофеи онҳо комилан ба ҳам мутобиқ нестанд ва вобаста ба самтгирӣ, хоҳиш ва талоши худ, метавонанд паёмади манфиро эҷод кунанд. Дар ин миён ИМА ва Русия чун иштирокдори асосӣ ва рақиби якдигар дар тамоми масъалаҳо шинохта шудаанд.

Дар шароити ҳозира барои рушди ҳамкориҳо бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Эрон дурнамо ва имкониятҳои васеъ вуҷуд дорад. Ҳамоно, мавқеи геостратегии Эрон дар рушди робитаҳои тиҷоратии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва дастёбӣ ба бозорҳои ҷаҳонӣ тавассути қаламрави Эрон ва бандарҳои халиҷи Форс аҳаммияти худро гум нахоҳад кард. Дар сурати коҳиш ё аз байн рафтани таҳримҳои иқтисодӣ ва истифодаи бештари захираҳои табиии ҳавзаи баҳри Каспий, кишварҳои минтақа имконияти

истифодаи зарфиятҳои инфраструктурии нақлиётии Эронро барои рушди иқтисодӣ ва татбиқи лоиҳаҳои бузурги минтақавӣ ва байниминтақавӣ пайдо мекунанд. Ҳамчунин мустаҳкам шудани мақоми Эрон дар Созмони ҳамкории Шанхай барои рушди муносибатҳои иқтисодӣ ва тиҷоратии Эрон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ шароити беҳтареро ба миён орад.

Ҳамкориҳои иқтисодиву иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ-ро дар ибтидои асри XXI метавон чунин натиҷагирӣ кард:

1. Дар низоми робитаҳои байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ ҳамкориҳои иқтисодиву иҷтимоии ду кишвар ба мақоми афзалиятнок баромад. Инро метавон дар масъалаи ба ҳам омадани ниёзи кишвари мо, ки аз оташи ҷанги шаҳрвандӣ берун шуда, барои барқарор кардани алоқаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ бо кишварҳои ҳамҷавор эҳтиёҷ дошт, мушоҳида кард.

2. Агар дар солҳои аввали истиқлоли давлатӣ ҳамкориҳои ду кишвар бештар дар самти расондани кумакҳои башардӯстона аз ҷониби Эрон ба кишвари мо ва ҳамчунин, ба роҳ мондани алоқаҳои дипломатию тиҷоратӣ ба назар мерасид, пас дар ибтидои асри XXI миқёс, мундариҷа ва зерсохтори ҳамкориҳои иқтисодӣ хислати тамоман дигар гирифтанд. Дар ин давра ҷониби Эрон диққати бештарро ба таҳкими ҳамкорӣ ва амалӣ намудани лоиҳаҳои калонҳаҷм дар соҳаҳои иқтисодӣ, инфрасохтори нақлиётӣ ва энергетикӣ равона кардааст.

3. Барои амали намудани созишномаҳои ба имзорасида ва татбиқи лоиҳаҳо, ҷонибҳо комиссияҳои байниҳукуматӣ таъсис дода, ҳамчунин, барои рушди ҳамкориҳо ва ҷалби сармоягузоро намоишгоҳҳо ташкил карданд, ки фаъолияти онҳо дар устувории равобити ду кишвар заминаи муҳим гузоштааст.

4. Ҳар ду кишвар дар пешбурди ҳамкориҳои иқтисодиву тиҷоратӣ аз имкону зарфиятҳои чунин иттиҳодҳои боунуфузи ҳамгароӣ, назири Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва Созмони ҳамкории Шанхай таваҷҷуҳи хос равона мекарданд.

2.2. Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон дар самти татбиқи лоиҳаҳои муштараки байнидавлатӣ ва минтақавӣ

Лоиҳаҳои муштараки байнидавлатӣ натиҷаи мувофиқаҳои дипломатӣ набуда, балки воситаи амалии ҳалли масъалаҳои стратегии Тоҷикистон – раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, таҳкими истиқлолияти энергетикӣ, рушди саноат ва пайвастшавӣ ба шабакаҳои минтақавии нақлиётиву иқтисодӣ мебошанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди раҳоӣ аз ҷанги шаҳрвандӣ, касби субот ва ваҳдати миллӣ, эҳёи иқтисоди миллӣ имкон пайдо кард, ки самтҳои асосӣ ва ҳадафҳои стратегии рушди худро мушаххас намуда, сиёсати хориҷӣ ва робитаҳои байнидавлатии худро бо кишварҳои наздику дур баҳри иҷрои ҳадафҳои стратегӣ равона намояд. Дар даҳсолаи дувуми асри XXI дар низоми ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистон ва Эрон авлавият ба ҷалби имкониятҳои иқтисодиву технологӣ ва инвеститсионии Эрон дар раванди иҷрои ҳадафҳои стратегии кишвари мо – раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, дастёбӣ ба истиқлолияти энергетикӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва рушди босуръати саноатикунонӣ равона мешуд. Механизми муҳимми амалисозии ин ҳамкориҳо равобити ду кишвар дар татбиқи лоиҳаҳои муштараки байнидавлатӣ ва минтақавӣ буд.

Яке аз мушкилоти асосие, ки баъд аз фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ дар Тоҷикистон ба миён омад, масъалаи раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ буд. Масалан, роҳи заминии шимолу ҷануби кишвар дар фасли зимистон комилан баста буд. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз набудани роҳҳои нақлиётии мусоид танқисӣ мекашид. Маълум аст ки Тоҷикистон кишвари кӯҳистон аст ва қисматҳои шимолу ҷануби мамлакат бо ҳамдигар ва бо пойтахт робитаи нақлиётии хуб надоштанд. Бо мақсади таъмини алоқаи доимии байни минтақаҳо дар тамоми сол бо маркази ҷумҳурӣ, сохтмони нақби «Анзоб» аҳаммияти калон дошт. Дар иртибот ба ин масъала, ҳар ду ҷониб ҷиҳати сохтмони нақби «Анзоб», ки 5 км тул мекашид, манфиатдор буданд. Баъди

касби истиқлоли давлатӣ, ҳукумати кишвар масъалаи мазкурро дар мадди аввали сиёсати хориҷии худ қарор дода, барои бунёди нақби «Истиқлол» («Анзоб») бо ҶИЭ ба тавофуқ расид, ки лоиҳаи мазкур аз ҷониби Эрон пешниҳод шуда буд. Дар бунёди нақби мазкур Эрон 31,2 млн доллари амрикоӣ сарфа кардааст, ки аз ин миқдор 10 млн ба таври хайрия ва 21,2 млн доллар қарз ба ҳисоб рафта, саҳми Тоҷикистон 7,8 млн долларро ташкил додааст. Доир ба ин масъала Х. Додихудоев чунин қайд кардааст: «Шароити мураккаби ҷуғрофӣ хароҷоти сохтмони нақби панҷ километриро, ки дар баландии 2650 метр аз сатҳи баҳр мегузарад, асосан муайян кард» [80, с. 157].

Тавре маълум аст, омили нақлиётӣ дар ин ҷо мавқеи калидӣ дорад, зеро он масъалаи тиҷорат, транзит, дастрасӣ ба бозорҳо ва коҳиши вобастагии коммуникатсиониро дар муттаҳид мекунад.

Тибқи созишномаи байнидавлатӣ, сохтмони нақб дар соли 1999 шуруъ гардида, соли 2006 анҷом ёфт. Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими кушодашавии нақби «Истиқлол» («Анзоб») дар мавриди аҳаммияти стратегии ин иншоот чунин қайд карданд: «...Ин марҳилаи аввали баромадан аз бунбасти нақлиётӣ мебошад. Рӯзҳое, ки мо барои аз як минтақаи кишвари худ ба минтақаи дигари худ гузаштан аз қаламрави давлати ҳамсоя садҳо километрро тай мекардем, гузаштанд» [77, с. 32].

Санаи 25-уми июли соли 2006 бо сафари рами Президенти ҶИЭ Маҳмуди Аҳмадинажод ба Тоҷикистон ташриф оварданд. Дар ҳамин рӯз мулоқоти сарони давлатҳои ба ҳам дӯсту наздик баргузор гардид. Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз сатҳу сифати ҳамкории ду кишвари дӯст изҳори қаноатмандӣ карда, иштироки мутахассисони эрониро дар сохтмони нақби «Анзоб» («Истиқлол»), НБО «Сангтуда-2» ва чанд лоиҳаи дигар намунаи хуби ҳамкории иқтисодӣ номид. Қайд гардид, ки татбиқи лоиҳаҳои стратегии Тоҷикистон дар соҳаи гидроэнергетика ва сохтмони роҳҳо барои ҳамаи кишварҳои минтақа аҳаммияти муҳим дорад

Маҳмуд Аҳмадинажод низ таъкид карда буд: «Мо мехоҳем Тоҷикистонро, ки кишвари аз ҷиҳати фарҳангӣ ва забонӣ ба мо пайванди дорад, ҳамчун як давлати қавӣ, шукуфон ва худмустақил бубинем» [27].

Дар кушодашавии нақби «Анзоб» Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти ҶИЭ Маҳмуди Аҳмадинажод рӯзи 26-уми июли соли 2006 иштирок ва суханронӣ намуданд. Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳозирин ва тамоми мардуми Тоҷикистонро бо ифтитоҳ ва ба истифода додани ин нақб табрик гуфта, онро нишонаи мусбати рушди ҳамкориҳои пурсамари Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ ва идомаи сиёсати созандаи ҳукумати Тоҷикистон дар ҳалли мушкилоти коммуникатсионӣ номид. Президенти ҶИЭ сохтмони нақби «Истиқлол», НБО «Сангтӯда-2» ва дигар лоиҳаҳои дар Тоҷикистон татбиқшавандаро намунаи дурахшони кумак ба Тоҷикистон номид. Ӯ омодагии кишвари худро барои идома ва густариши ҳамкории гуногунҷабҳа бо Тоҷикистон дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ тасдиқ кард.

Дар муносибатҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ лоиҳаи таъсиси корхонаи муштараки «ТоҷИрон» оид ба истеҳсоли трактороҳо дар заминаи корхонаи «Ҳумо»-и Душанбе ва корхонаи тракторсозии Табрез таваҷҷуҳи коршиносонро ҷалб кард. Х. Додихудоев хулосаҷои худро аз тащлили ин созишнома чунин овардааст: «51 дарсади саҳмияҳо ба ҷониби Эрон, 49 дарсади саҳмияҳо ба корхонаи тоҷикистонии «Ҳумо» тааллуқ дошт. Саҳми Ҷумҳурии Исломии Эрон 10 млн доллари ИМА ташкил медод. Дар ибтидо истеҳсоли 1000 трактор дар як сол бо васеъшавии минбаъдаи истехсолот пешбинӣ шуда буд. Ҷонибҳо ният доштанд, ки маҳсулоти тайёрро дар бозори дохилии Тоҷикистон ва ҳам берун аз он ба фуруш гузоранд» [80, с. 153]. Тибқи созишномаи мазкур, ҷониби Эрон дар Душанбе корхонаи «ТоҷИрон»-ро сохт, аммо он фаъолият накард. Ҷониби Тоҷикистон бошад, барои содироти гӯшти гӯсфанд ба Эрон омодагии худро изҳор дошт.

Лоиҳаи муҳимми ҳамкорие, ки аз ҷониби Эрон барои Тоҷикистон роҳандозӣ гардидааст, ин пеш аз ҳама, маблағгузорӣ дар ҳаҷми 60 млн

доллари амрикоӣ барои хариди мошинҳои сабукрав мебошад. Ин масъала дар ҷаласаи ҳафтуми Комиссияи муштараки Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ, ки рӯзҳои 3-7-уми майи соли 2008 дар Теҳрон баргузор гардид, баррасӣ гардидааст. Дар банди 1 Қарори ҷаласа дар боби ҳамкорӣ дар заминаҳои саноатӣ, маъданӣ ва хизматрасонии техникӣ омадааст: «Тарафи тоҷикистонӣ зимни ибрози алоқамандии худ барои сохтани хатти истеҳсоли мошини сабукрави «Саманд» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон намуд., ки ба мақсади ниҳоӣ намудани Тафоҳумномаи имзошудаи байни ширкатҳои «Эрон Худрав»-и ҶИЭ ва СТАЛКО»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон (барои харидории 2000 мошини «Саманд») дар муддати ду моҳ иқдом намояд» [9]. Лоиҳаи мазкур низ дар амал татбиқ гардид ва маблағи 30 дарсад аз арзиши аслӣ арзонтар (тақрибан, 55,5 ҳазор доллари амрикоӣ) ба Ҷумҳурии Тоҷикистон фурухта шуд.

Дар ин давра ҳамкориҳои ду кишвар дар самтҳои дигар низ тақвият ёфтанд. Масалан, ҷиҳати бунёди иншоотҳои ҳаётан муҳим ва ворид сохтани масолеҳи сохтмонӣ мушкилоти зиёд ба миён омада буданд. Ширкатҳои эронӣ дар Тоҷикистон объектҳои хурду калони масолеҳиро сохтанд, ки яке аз онҳо корхонаи истеҳсоли семент дар Тоҷикистон бо зарфияти 1 млн тонна буд ва барои амалӣ гардидани ин лоиҳа ҷониби Эрон 140 млн доллар ҷудо карда буд.

Аз ин дидгоҳ, робитаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ на танҳо нишондиҳандаи гардиши мол, балки меъёри воқеии эътимоди сиёсӣ ва қобилияти ҷонибҳо барои татбиқи қарорҳои байнидавлатӣ ба шумор мерафт.

ҶИЭ ҷиҳати расидан ба чунин ҳадафи муҳимми стратегӣ, аз қабили дастёбӣ ба истиқлолияти энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши боризи худро гузошта истодааст. Дар канори боздидиҳои расмии Сайид Муҳаммад Хотамӣ ва муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар солиҳои 2002–2003 як қатор тавофуқномаҳо дар ҷодаи ҳамкориҳо дар соҳаи энергетика, аз ҷумла, бунёди НБО «Сангтӯда-2» ба тасвиб расида буданд.

Ҳамин тариқ, 11-уми июни соли 2005 байни Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ дар бораи сохтмони НБО «Сангтӯда-2» созишнома ба имзо мерасад. Арзиши лоиҳавии сохтмони НБО-и мазкур 220 млн доллари арикоиро ташкил медод, ки аз ин миқдор 170 млн доллар ҷониби Эрон ва боқимондаро ҷониби Тоҷикистон сармоягузорӣ мекард. Иқтидори лоиҳавии нерӯгоҳи барқи обии «Сангтӯда-2» 220 МВт буда, ин нерӯгоҳ метавонад ҳар сол як млрд кВт/с нерӯи барқ тавлид намояд.

Дар маросими оғози сохтмони НБО «Сангтӯда-2», ки 20 феврали соли 2006 баргузор гардид, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикисстон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, вазири нерӯи ҶИЭ С. П. Фаттоҳ, Вазири энергетика ва оби Афғонистон А.М. Исмоил иштирок ва суханронӣ намуданд. Бо талоши коргарону мутахассисони ҳар ду кишвар, дар сентябри соли 2011 агрегати аввал ва 10-уми сентябри соли 2014 агрегати дуюми НБО «Сангтӯда-2» бо иштироки Президенти ҶИЭ Ҳасан Руҳонӣ ба истифода дода шуданд. Ба кор даромадани ду чархаи НБО «Сангтӯда-2» вазъи таъмини аҳолии минтақаҳои ҷумҳуриро бо нерӯи барқ хеле беҳтар гардонд. Доир ба ин масъала М. М. Дулоев чунин овардааст: «Татбиқ ва бунёди НБО «Сангтӯда-2» дар бахши энергетикӣ ва равобити иқтисодии ду кишварро метавон яке аз гомҳои муҳимми ҳамкориҳои ду кишвари форсизабон арзёбӣ кард. Ғайр аз ин, лоиҳаҳои сохтмони неругоҳҳои барқи обии хурду миёна тартиб дода шуданд, ки дар доираи онҳо оид ба ҷойгиршавии ояндаи ин неругоҳҳо дар дарёи Варзоб тадқиқоти пешакӣ гузаронда шуд» [84, с. 116].

Ба андешаи коршиносони соҳа: «Ҳамкорӣ дар соҳаи энергетика яке аз самтҳои афзалиятнок на танҳо дар равобити дуҷонибаи Тоҷикистону Афғонистон, балки Тоҷикистону Эрон аст. Эрон, ки то соли 2014 ба бунёди НБО «Сангтӯда-2» машғул буд, омодагии худро барои бунёди шабакаҳои интиқоли барқ, аз ҷумла, хатҳои дар боло зикршуда таъйид кард» [145]. Ёдовар бояд шуд, ки 26-уми марти соли 2012 дар шаҳри Душанбе сарварони се давлати форсизабон – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, Президенти ҶИЭ Маҳмуд Аҳмадинажод ва Президенти Ҷумҳурии

Исломии Афғонистон Ҳомид Карзай ба «Ёддошти ҳусни тафоҳум байни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Афғонистон ва ҶИЭ дар хусуси сохтмони хатти роҳи оҳан, интиқоли энергия (нафт, газ ва барқ) ва об» [145] имзо карданд. Ин Ёддошт дурнамои васеи тавсеаи ҳамкориҳои се кишвари ҳамҷаворро дар соҳаҳои сохтмони роҳи оҳан, интиқоли энергетика ва об мушаххас сохта буд.

Дар амалӣ намудан ва қабули лоиҳаҳо миёни Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ саҳми баргузории чорабиниҳои муштарак назаррас мебошанд. Масалан, ҷаласаи нуҳуми Комиссияи муштарак, ки рӯзҳои 26-29-уми майи соли 2012 дар шаҳри Теҳрон баргузор гардид, ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистонро вазири энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон Гул Шералӣ роҳбарӣ мекард. Пас аз музокиротҳои дуҷониба ва қабули қарорҳои дахлдор, тарафҳо боз як қатор масъалаҳои баҳсталабро баррасӣ намуданд. Аз ҷумла, ҳарчӣ зудтар ҷудо намудани маблағи 62,9 млн доллари амрикоӣ аз ҷониби Бонки Содиротии Эрон барои пурра ва дар муҳлатҳои пешбинигардида ба истифода додани НБО «Сангтӯда – 2», ба анҷом расонидан ва пешниҳод намудани асосноккунии техникӣ – иқтисодии ХИБ-и 500 кВт «Тоҷикистон – Афғонистон – Эрон» аз ҷониби Эрон, оғоз намудани корҳои сохтмонии НБО-и «Айнӣ», сохтмони НБО-ҳои хӯрд, аз ҷумла «Нушори боло», «Ғуломон» дар ноҳияи Тоҷикобод, «Язғулом – 1» дар ноҳияи Ванҷ, «Оқсу – 1» дар ноҳияи Мурғоб, «Пештова – 2» дар ноҳияи Балҷувон ва се нерӯгоҳ дар ноҳияҳои Ховалинг, Муъминобод ва Шуробод, масъалаҳо вобаста ба истеҳсоли трактарҳои чорчарха ва коҳиш додани нархи аслии онҳо аз ҷониби ширкати «ТоҷИрон» [10] ва масъалаҳои дигар вобаста ба лоиҳакашӣ, сармоягузорӣ ба соҳаҳои гуноугни иқтисодиёти кишвар, мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор гирифтанд.

Дар раванди ҳамкориҳои судманди Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ баргузории як силсила чорабиниҳо, аз қабили намоишҳои молу маҳсулот аҳаммияти махсус доштанд. Масалан, дар соли 2006 намоиши молҳои эронӣ ба воситаи ташкилоти байналмилалии эронии «Машҳад» ва дар ҳамбастагӣ бо ниҳоди дахлдори кишвари мо баргузор карда шуд: «Дар рафти баргузории

ярмарка чандин маҳсулот, аз қабили технологияҳои муосир, ашёи хом, маҳсулоти ниёзи аввал, махсусан, дар соҳаи кимиё, доруворӣ, тиб, соҳаи кишварзӣ, воридоти қолинҳои аълосифат ва дигар молу маҳсулоте, ки дар онҳо Эрон дорои таҷриба ва иқтидори истеҳсолӣ мебошад, ба маърази намоиш гузошта шуд» [168].

Моҳи ноябри солҳои 2009 –2010 дар Маҷмааи давлатии «Кохи Борбад»-и шаҳри Душанбе ярмаркаи бузурги ҶИЭ баргузор гардид, ки он аз ҷониби вазоратҳои дахлдори ду кишвар ба низом дароварда шуда буд. Дар рафти ин намоиши ташкилотҳои бузурги кишвари Эрон ширкат намуданд. М. М. Дулоев ин масъаларо таҳлил карда гуфтааст: «Дар намоиш наздики 60 ташкилоти соҳаҳои гуногун иштирок намуданд. Намоишгоҳ аз тарафи ду ширкати бонуфузи кишварҳо, ба монанди «Суруши Хуросон» ва «Гроу Интернешнл» ташкил карда шудаанд» [85, с. 138-144].

Бори чорум намоишгоҳи ҶИЭ дар соли 2011 баргузор шуда, дар он ширкати «Машҳад» аҳаммияти амалии онро ба иштирокдорон муаррифӣ намуд, ки ин низ бисёр муҳим ва саривақтӣ буда, дар замони рушди Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол арзёбӣ шуд. Дар он маҳсулот аз бахшҳои гуногуни иқтисоди Эрон: маҳсулоти саноати сохтмонӣ, таҷҳизоти бастабандӣ, маҳсулоти кишоварзӣ ва хӯрокворӣ, таҷҳизоти мелиоративӣ ва истеҳсоли равғани рустанӣ, системаҳои шамолдиҳӣ, таҷҳизоти тиббӣ, молҳои рӯзгор ва ғайра ба намоиш гузошта шуд. Тибқи таҳлилҳо ва назарсанҷиҳое, ки ба даст омад, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба баргузории намоишгоҳҳои Эрон бисёр ҳавасманд буда, Эрон бошад, барои таблиғ ва паҳн сохтани маҳсулоти болозикри худ таваҷҷуҳи хос зоҳир менамояд: «Дар намоишгоҳ 27 ширкати эронӣ ширкат намуданд, ки ин ҳама ба манфиатҳои иқтисодии ду кишвари бо ҳам дӯст мебошад» [85, с. 138].

Фаъолгардии ҳамкориҳои судманд дар байни ширкатҳои муҳим аз ду ҷониб, ки манфиатҳои зиёди иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоиро ба бор оварда буд, ба соли 2012 рост меояд. Дар ярмаркаи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, беш аз 20 ширкат, аз

ҷумла, аз Чин, Эрон, Туркия, Олмон иштирок доштанд. Ҷумҳурии Тоҷикистонро ширкатҳои «Сомон–Душанбе» ва «Регар–кабел», «Изол», «Боғ», «Хурокворӣ» ва ғайра муаррифӣ карданд. Ширкатҳои туркии «Akfix», «Ahmet Yar», «Istikbal/Stilla» ва ширкатҳои чинии «Юлистар» ва «Санбао» ҳам дар намоишгоҳ намояндагӣ мекарданд, ки барои бозори Тоҷикистон навтаъсис буданд ва самараи хуб ба бор оварданд: «Дар намоишгоҳи мазкур бештар ширкатҳои муштараки эрониву итолиёвӣ ширкат намуда, маҳсулоти муҳимми худро ба маърази тамошо гузоштанд. Аз ин миён ширкати фаронсавӣ низ ба номи «Schneider elektrik» маҳсулоти худро ба намоиш гузошт, ки ба он таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шуд» [166].

Дар рӯзи таҷлили кормандони соҳаи саноату нассоҷӣ дар шаҳри Душанбе 7-умин намоиши калон баргузор шуд, ки дар он ҳамоиши сатҳи байналмилалии «Интерлегпром-2013» гузаронида шуд. Дар ин чорабинӣ маркази иртиботи доираҳои тиҷоратӣ, бо иштироки ҳайати тиҷории дохиливу хориҷӣ ширкат намуданд, ки масъалаҳои муҳим мавриди баррасӣ қарор гирифт. Намоиши бонуфузе, ки гузаронида шуд, тарафҳоро ба ҳам шинос намуда, иштирокдоронро афзоиш дод. Ҳадафи асосии баргузории маҳсулотҳои муҳимми соҳаҳои гуногуни кишвар, пеш аз ҳама, ба майдони рақобатпазирӣ ворид сохтани маҳсулоти истеҳсолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити кунунӣ ба ҳисоб мерафт, ки ин низ аҳаммияти амалӣ дошт. Дар ин намоишгоҳ зиёда аз 50 ширкати далатҳои ҷаҳон иштирок ва маҳсулотҳои худро пешкашӣ тамошобинон намуданд. «Ҳадаф аз баргузории ярмаркаи мазкур, пеш аз ҳама, тақвияти ҳамкориҳои судманд дар соҳаҳои саноати пахта ва нассоҷӣ, таъмини аҳолӣ бо ҷойи кори домӣ мебошад» [140].

Аз нигоҳи таърихӣ, чунин намоишгоҳҳо вазифаи миёнаравиро иҷро мекарданд, онҳо робитаҳои расмии давлатиро ба сатҳи соҳибкорӣ, муаррифии маҳсулот ва ташаккули эътимоди бозорӣ интиқол медоданд.

Бо ҳамин наҳв, дар даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон иқдоми муҳим ва муосир, ки барои тақвияти ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ дар соли 2017 гузаронида шуд, аз

ҳама муҳим арзёбӣ мегардад. Тавре М. М. Дулоев овардааст: «Дар ярмаркаи намоиши доимамалкунандаи Эрон бо унвони «Алмос» масолеҳи сохтмонӣ, ғизо, дорусозӣ, қолин ва пойафзор пешниҳод карда шуд ва дастикам 20 ширкати эронӣ дар он ширкат карданд» [85, с. 139].

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ бо иштироки ширкатҳои сохтмонии Эрон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъзе коргоҳу корхонаҳои саноатӣ сохта ба истифода дода шуданд. Дар ин корхонаҳо, асосан, ашёи хом коркард мешуданд. Масалан, дар соли 2009 сохтмони ҶДММ «Неку Хуҷанд» дар бо ҶСП «Хуҷанд-Инвест-Коттон» ва ширкати эронии «Неку Групп» оғоз гардид, ки дар як сол 2500 тонна пахтаро коркард мекард. Дар маросими кушодашавии корхонаи мазкур Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштирок ва суханронӣ намуда, чунин қайд карданд: «Бо пурра ба кор даромадани ин корхона ҳудуди 170 нафар сокинони ин минтақа бо ҷойи кори доимӣ таъмин гардида, иқтидори истеҳсолии солонаи он тақрибан ду ҳазор тонна нахоҳад буд» [188].

Дар доираи муносибатҳои мутақобила миёни Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ ва ҷалби сармоягузорӣ дар сохтмони корхонаҳои саноатӣ дар Тоҷикистон 28-уми декабри соли 2012 дар шаҳри Душанбе корхонаи истеҳсоли сӯзандорӯ «Ориё-Суранҷ Медикал ЛТД» бо иқтидори истеҳсолии 120 млн дона сӯзандору ва таъмини беш аз 80 ҷойи кории нав сохта, ба истифода дода шуд, ки маҳсулоти истеҳсолкардаи корхонаи мазкур метавонад талаботи дохили ҷумҳуриро бо сӯзандору таъмин намояд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 160 ширкати эронӣ фаъолият доранд, ки ба зиёд шудани гардиши мол миёни Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ мусоидат мекунанд. Масалан, соли 2014 гардиши мол миёни Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ зиёда аз 228 млн доллари амрикоиро ташкил додааст. Ҳамчунин, дурнамои ҳамкориҳои Тоҷикистону Эронро метавон чунин шарҳ дод: «Сохтмони роҳи оҳан дар ҳудуди Тоҷикистон, ҳамзамон сохтмони роҳи оҳани минтақавӣ, ки ҳудуди панҷ кишвар – Афғонистон, Тоҷикистон, Қирғизистон, Чин ва Эронро – мегузарад

мавқеи хосса дорад. Ин лоиҳа дар болоравии тиҷорат миёни кишварҳои минтақа ва рушди иқтисодии онҳо аҳаммияти бағоят муҳим дорад» [168].

Эрон ҷиҳати ноил шудан ба сатҳи баландтари ҳамкориҳо дар соҳаи ҳамлу нақли роҳи оҳан чандин тадбир дар бораи содироти хокаи алюминий ва нафти хом аз ҶИЭ ба Ҷумҳурии Тоҷикистонро тавассути роҳи оҳан амалӣ намуд. Зимни мулоқоти сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҶИЭ Э. Неъматулло дар Теҳрон бо муовини директори ширкати роҳи оҳани Эрон Э. Муҳаммадӣ ҷонибҳо хоҳиши фаъол кардани ҳамкориҳои Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Қазоқистонро нишон доданд: «Моҳи декабри соли 2016 мақомоти расмии Эрон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Қазоқистон барои роҳандозии роҳи оҳани муштарак мулоқот анҷом доданд. Илова бар ин, бо ибтикори Ҷумҳурии Исломии Эрон барои пайваст кардани Осиёи Марказӣ ва Қафқоз барои осон кардани ҳамлу нақли молҳо байни Осиё ва Аврупо тадбирҳо андешида шуданд» [153].

Таъсиси шабакаи ягонаи роҳи оҳан ба таври ҳамешагӣ зери назорати мақомотҳои дахлдори ҷумҳуриҳои манфиатдор буда, натиҷаҳои он зимни сафари моҳи декабри соли 2016 Раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон Ҳасани Руҳонӣ ба Қирғизистону Қазоқистон инъикос ёфтааст [170]. Дар мулоқоти раисҷумҳури Эрон Ҳасани. Руҳонӣ ва Президенти Қирғизистон Алмазбек. Атамбоев дар Чин рӯзҳои 5-7-уми январи соли 2017 мавзуи баҳс тарҳи долони роҳи оҳан миёни Эрон ва Чин буд. Э. Т. Меҳдиев ин масъаларо таҳлил карда гуфтааст: «Бо вуҷуди ихтилофи назар дар масоили сиёсӣ, дар моҳи ноябри соли 2016 Теҳрон ва Душанбе ба ҳам Ёддошти тафоҳумро дар бораи тавсеаи ҳамкориҳо дар соҳаҳои тиҷоративу иқтисодӣ, технологӣ, фарҳангӣ ва илмӣ имзо карда буданд» [93, с. 12].

Молҳои асосии воридотии Эрон ба Тоҷикистон таҷҳизоти мошинӣ ва техникӣ, маҳсулоти филизгудозии сиёҳ ва плостик, семент, маҳсулоти маишӣ ва хӯрокӣ ба ҳисоб мераванд. Тоҷикистон ба Эрон, асосан, пахта ва алюминий содир мекунад. Бо мақсади таҳкими ҳамкориҳо бо ширкатҳои ҶИЭ ҷиҳати таъсиси корхонаҳои муштараки саноатӣ бояд қайд намуд, ки

айни ҳол бо ҷалби сармояи эронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон корхонаҳои соҳаи саноат таъсис дода шуданд, ки барои расидан ба ҳадафи чоруми миллӣ – саноатикунонии босуръати кишвар нақши назаррас мебозанд. Аз ҷумла, дар шаҳри Душанбе дар ҳамкорӣ бо ширкати «Тракторсозии Эрон»-и шаҳри Табрез, Ҷамъияти муштараки саҳомии пӯшидаи «ТоҷИрон» фаъолият мекунад. Саҳми Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҶСШК «Ҳумо») 49% ва тарафи ҶИЭ (Ширкати «Тракторсозии Эрон») 51%-ро ташкил дода, дар корхонаи зикршуда ҷамъу васли трактороҳои навъи «ТоҷИрон», бо иқтидори 38,75 ва 110 қувваи асп ва мошинолоти гуногуни кишоварзӣ ба роҳ монда шудааст.

Ҳамчунин, дар минтақаи озоди иқтисодии «Данғара» 4 корхонаҳои хурд, аз қабили ҶДММ «Тоҷи Осиё», ҶДММ «Пештоз Пасаргад Тоҷикистон», ҶДММ «Дониш-Тоҷ» ва ҶДММ «Техно Полоиш» бо сад фисад сармоягузории бахши хусусии ҶИЭ фаъолият менамоянд, ки ба истеҳсоли маводди шустушӯй, равғани муҳаррик, бомпӯшҳо, битум ва хизматрасонии логистик машғул буда, бозори дохилиро бо маҳсулоти босифат таъмин мекунад.

Дар баробари ин, ҶДММ «Ноқили Талко» дар ҳамкорӣ бо ширкатҳои эронӣ симҳои пӯлодӣ барои дилаки ноқилҳо, ашёи хоми пластикӣ барои рӯйпӯш намудани ноқилҳо дар асоси шартномаҳои тарафайн харид ва ворид намуда истодааст. Корхонаи мазкур дар 11 моҳи соли 2023 ба маблағи 25,7 млн сомонӣ ноқилҳои лӯч ва ноқилҳои гуногунтамға истеҳсол намудааст, ки назар ба ин давраи соли гузашта 32,4 млн сомонӣ кам мебошад. Суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулот дар ин давра 44,2 % таъмин гардидааст. Сабаби асосии кам гардидани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, сари вақт пардохт нагардидани маблағи маҳсулоти тайёри интиқолёфта аз тарафи сохторҳои ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ»-и ҷумҳурӣ мебошад.

Ҳамзамон, дар доираи Форуми байналмилалии иқтисодии «Кӯлоб-2022» байни Минтақаи озоди иқтисодии «Кӯлоб» ва сармоягузори эронӣ оид ба бунёди корхонаи истеҳсоли милаҳои оҳанин ба маблағи 50 млн сомонӣ

санади нави ҳамкорӣ ба имзо расонида шуд, ки айни ҳол гуфтушунид ва корҳои таблиғотӣ дар ин самт идома дорад.

Ҳамчунин, байни роҳбарияти ҶДММ «Ватан»-и ноҳияи Дӯстӣ ва сармоягузорони эронӣ дар масъалаи таъсиси корхонаи муштараки коркарди санг музокираҳо идома дошта, дастгоҳи сангбурӣ ба маблағи 40 ҳазор доллари ИМА дастрас гардидааст. Айни замон дар кони оҳаксангҳои садафдори «Аруктауи ҷанубӣ»-и ноҳияи Дӯстӣ корҳои қабаткушоӣ гузаронида шуда истодааст.

Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ дар доираи созмонҳои минтақавӣ мақоми махсусро касб кардааст. Аз ҷумла, дар Эрон захираҳои бузургӣ сӯзишворӣ – энергетикӣ маҳфуз аст, ки метавонад лоиҳаҳои бузурги энергетикиро дар доираи СҲШ татбиқ намояд. Эрон дар доираи СҲШ метавонад ба вазъи Афғонистон таъсиррасон бошад. Мутаассифона, вазъияти хеле мураккаби низомӣ-сиёсӣ дар Афғонистон имкони СҲШ-ро дар истифодаи нуфузи худ хеле маҳдуд кард, аъзошавии Эрон ба СҲШ аҳаммияти минтақаи Осиёи Марказиро дар чорчӯбаи консепсияи «Осиёи Марказии Бузург» афзоиш медиҳад.

Рӯзҳои 16-17-уми сентябри соли 2021 дар шаҳри Душанбе, нишасти 20-солагии СҲШ баргузор гардид. Дар нишаст сарони ҳамаи давлатҳо аъзо иштирок ва суханронӣ намуданд. Президенти Чин – Си Ҷинпин, сарвазири Ҳиндӯстон – Нарендра Модӣ ва Президенти Федератсияи Русия – Владимир Путин дар ҷаласа аз роҳи онлайн иштирок карданд [175].

Дар саммити Душанбе кишварҳои узви СҲШ ба оғози маросими воридшавии Эрон ба Созмон овоз доданд ва 4-уми июли соли 2023 ба сифати узви комилҳуқуқ пазируфта шуд, баъдан Беларус соли 2024 ба созмон пайваст ва шумораи давлатҳои узви СҲШ ба 10 расид [135]. Шубҳае нест, ки узвияти комил дар СҲШ ҳам барои Эрон ва ҳам Созмон фоида хоҳад овард. Дар баробари манфиатҳо ва бурдҳои иқтисодӣ, муҳимтарин чизе, ки Эрон бо пайвастан ба ин Созмон ба даст меорад, афзоиши обрӯ аст. Тавре В. Х. Сажин мегуяд: «Созмони ҳамкории Шанхай як созмони мураккаб бо

мухолифатҳои муайяни дохилӣ аст, аммо он ҳам барои аъзои созмон ва ҳам барои таҳияи имконоти амниятӣ дар Ховари Миёна ва Осиёи Марказӣ ниҳоят муҳим аст. Албатта, тафовут дар равишҳо ба баъзе масъалаҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ (ҳам дуҷониба ва ҳам минтақавӣ) имконоти СҲШ-ро маҳдуд мекунад. Аз ин ҷиҳат, вурӯди Эрон ба СҲШ аҳаммияти ин созмонро боз ҳам бештар нишон медиҳад» [175].

Ҳамгироии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ дар доираи Созмони ҳамкории иқтисодӣ, ки барои ҳамкориҳои ду давлат майдони васеъ фароҳам оварадааст, махсус бояд қайд кард. ҶИЭ дар доираи ин Созмон ҳамеша кӯшиш бар он мекунад, ки ҳамкориҳои мутақобилан судманди аъзоёни онро рушду тавсеа бахшад.

Мавқеъгирии ҶИЭ дар Созмони ҳамкории исломӣ (СҲИ), пеш аз ҳама, ба муттаҳид кардан, ёрию кумак ва мадад расонидани мусулмонон нигаронида шудааст. СҲИ яке аз бузургтарин ва самараноктарин сохторҳои минтақавӣ буда, ба сармоягузории соҳаҳои роҳҳои нақлиёт, кишоварзӣ, тандурустӣ, маориф ва низоми бонкӣ нигаронида шудааст. Паймонкори генералии лоиҳаи сохтмонӣ Корхонаи муштараки «Роҳи Корвон – Гуҳарруд»-и Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ мебошад. Нерӯгоҳҳои хурди барқӣ, ки иқтидори лоиҳавии ҳар кадоме 8000 кВт/с аст, дар минтақаҳои гуногуни кишвар сохта шуда истодаанд. Арзиши умумии ба нақша гирифтаи ҳашт лоиҳа 10 млн доллари амрикоиро ташкил медиҳад.

Аз натиҷаи омӯзиши масъалаи мазкур чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст:

1. Ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистон ва кишварҳои форсизабон дар солҳои 2000-ум аз марҳалаи омӯзиш ба марҳилаи татбиқи он гузашт. Робитаҳо бо Эрон дар шароити кунунӣ барои Тоҷикистон муҳим буда, дар оянда низ умед меравад, ки дар сатҳи мазкур масъалаҳои муҳим низ ҳалли худро ёфта бошад. Дар ин давраи барои Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи душвор барои барқарор намудани иктисодиёти он маблағҳои калон лозим

буд. Дар чунин шароит Эрон ба яке аз сармоягузорони умда табдил ёфта, дар сармоягузорӣ ба иқтисоди кишвари мо ҷойи дувумро ишғол мекунад.

2. Бо вуҷуди мушкилоти ҷойдошта ва таҳримҳо, Эрон дар сохтмони нақби «Истиқлол», бунёди НБО «Сангтӯда-2» иштирок намуда, дар шарикӣ бо Ҷумҳурии Тоҷикистон ин лоиҳаҳои бузургҳаҷмро ба охир расонидааст, ки ҳамкориҳои минбаъдаи онҳоро дар соҳаҳои инфрасохтори нақлиёт ва энергетика боз ҳам мустаҳкам мегардонад.

3. Тайи ин муддат бо кумак ва иштироки бесвоситаи Эрон баъзе корхонаҳо дар соҳаи саноату сабук ва хӯрокворӣ, аз ҷумла, коркарди нахи пахта, ҷӯроббофӣ, ресандагӣ ба истифода дода шуданд, ки дар рушди саноати сабук ва хӯрокворӣ нақши фаъол гузоштанд.

4. ҶИЭ хостори иштирок дар сохтмони роҳҳои оҳани Тоҷикистон ва минтақа буда, ҷонибдори ҳамкориҳои густурдаи ин самт бо Тоҷикистон мебошад.

Ҷадвали 3. Лоиҳаҳои муҳимми муштараки Тоҷикистон ва Эрон*

Лоиҳа / самт	Вазъ	Маълумоти асосӣ	Аҳаммияти таърихӣ ва иқтисодӣ
Нақби «Истиқлол» / Анзоб	Иҷрошуда, баъдан такмилталаб	Маблағгузории Эрон 31,2 млн доллар; саҳми Тоҷикистон 7,8 млн доллар	Коҳиши бунбасти коммуникатсионӣ ва пайвасти шимолу ҷануби кишвар
НБО «Сангтӯда-2»	Иҷрошуда	Арзиши умумӣ: 220 млн доллар; саҳми Эрон 180 млн ва Тоҷикистон 40 млн; иқтидор 220 МВт	Тақвияти истиқлоли энергетикӣ ва рамзи ҳамкории зерсохтории ду кишвар
Корхонаи «ТоҷИрон»	Қисман иҷрошуда	Ҷамъу васли трактороҳо ва техникаи кишоварзӣ бо иштироки ҷониби эронӣ	Нишонаи гузариш аз тиҷорат ба истеҳсолоти муштарак, аммо бо маҳдудияти бозор
Корхонаҳои саноати сабук ва дорусозӣ	Иҷрошуда/амалкунанда	«Неку Хуҷанд», «Олим Текстил», «Ориё-Суранҷ Медикал ЛТД» ва дигар корхонаҳо	Таъсиси ҷойҳои корӣ ва рушди истеҳсоли дохилӣ
Минтақаҳои озоди	Идомаёбанда	Фаъолияти ширкатҳои эронӣ дар «Данғара»,	Зарфияти ҷалби сармоя ва истеҳсоли

* Ҷадвал дар асоси маводди ҷамъовардаи муаллиф тартиб дода шудааст.

иқтисодӣ		«Кӯлоб» ва дигар самтҳо	маҳсулоти саноатӣ
Роҳи оҳан ва долонҳои транзитӣ	Лоиҳавӣ/музокиротӣ	Долонҳои Тоҷикистон,Афғонистон, Эрон ва дастрасӣ ба бандарҳои «Чобаҳор» ва «Бандар-Аббос»	Коҳиши вобастагӣ аз масирҳои маҳдуд ва афзоиши имкониятҳои содиротиву транзитӣ

Хулоса, ҶИЭ минбаъд низ дар тавозуни қудратҳои минтақавӣ мавқеи муҳимро нигоҳ хоҳад дошт. Ин ба шиддат гирифтани робитаҳои тиҷоратӣ ва иқтисодӣ байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Эрон вобаста аст. Теҳрон иқтидори иқтисодии худро фаъолона афзоиш медиҳад ва ба пешсафии минтақавӣ даъво дорад. Ба андешаи мо, амалияи инзивое, ки аз ҷониби Вашингтон амалӣ мешавад, дар оянда агар равиши амалӣ бартарӣ дошта бошад, қодир нахоҳад буд, ки фоидаҳои эҳтимолии бадастовардаи кишварҳои Осиёи Марказӣ аз ҳамкории онҳо бо Эронро бо назардошти таъсири воқеии геоиқтисодӣ ва геополитикии Эрон дар тавозуни минтақавӣ ҷуброн кунад. Дар маҷмуъ, таҳлили мавод нишон медиҳад, ки ҳамкориҳои иқтисодӣ-иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ дар солҳои 2003–2025 аз як марҳилаи содаи робитаҳои тиҷоратӣ ба сатҳи ҳамкориҳои сохторӣ ва лоиҳавӣ гузаштанд. Барои Тоҷикистон ин ҳамкорӣ воситаи ҷалби сармоя, таҷриба ва роҳҳои нави иртиботӣ буд. Дар ҳамин пайванд Эрон Тоҷикистонро ҳамчун шарики боэътимоди худ дониста, онро дар фазои Осиёи Марказӣ, муҳити кишварҳои форсизабон ва созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ ҳамеша кумак мекард. Аз ҳамин сабаб, дурнамои баъдии ин робитаҳо ба дараҷаи ҳамоҳангсозии манфиатҳои иқтисодӣ, идомаи муколамаи сиёсӣ, истифодаи оқилонаи зарфиятҳои энергетикӣ ва нақлиётӣ, ҳамчунин нигоҳ доштани тавозуни муносибатҳо дар шароити тағйирёбандаи сиёсати минтақавӣ вобаста хоҳад буд.

БОБИ III. ИМКОНИЯТҲО ВА ДУРНАМОИ ТАВСЕАИ ҲАМКОРИҲОИ ФАРҲАНГИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН ДАР ҚАРИНАИ КОНСЕПСИЯИ НАВИ СИЁСАТИ ХОРИҶӢ (2015–2021)

3.1. Вазъи умумӣ ва вижагиҳои робитаҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон дар ибтидои асри XXI

Дар ибтидои асри XXI равобити фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ дар шароите ташаккул ва густариш ёфт, ки низоми муносибатҳои байналмилалӣ, махсусан, дар Осиёи Марказӣ ба марҳалаи нави рақобати сиёсӣ, ҷустуҷӯи шарикони боэътимод ва истифодаи омилҳои нарм таъсир ворид гардида буд. Барои ҶИЭ, ки дар солҳои баъдӣ бо маҳдудиятҳои сиёсиву иқтисодии байналмилалӣ рӯбарӯ мешуд, Осиёи Марказӣ танҳо як самти одии дипломатӣ набуда, ҳамчун фазои дорои пайвандҳои забонӣ, таърихӣ, динӣ ва фарҳангӣ аҳаммияти хос пайдо мекард. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин раванд, ба сабаби умумияти забонӣ, хотираи таърихӣ, мероси адабӣ ва ҷойгоҳи тамаддунии худ мақоми фарқкунанда дошт. Аз ин назар, ҳамкориҳои фарҳангӣ миёни Душанбе ва Теҳронро наметавон танҳо ҳамчун маҷмуи чорабиниҳои фарҳангӣ ё мубодилаи ҳайатҳо арзёбӣ кард. Онҳо ҷузъи муҳимми сиёсати хориҷии ин ду кишвари ҳамзабону ҳамфарҳанг маҳсуб меёфтанд.

Дар таҳлили таърихии ин раванд бояд ба як масъалаи муҳим таваҷҷуҳ кард. Фарҳанги муштараки тоҷику эронӣ на аз давраи истиқлолият оғоз ёфтааст ва на маҳсули сиёсатҳои муваққатии давлатӣ мебошад, балки тули асрҳо идома доранд. Омили мероси муштарак дар муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ аз он ҷиҳат аҳаммият дорад, ки он равобити ду кишварро аз доираи манфиатҳои лаҳзавии сиёсӣ берун мебарад. Ҳангоми таҳлили ин муносибатҳо маълум мегардад, ки забону фарҳанг на танҳо воситаи иртибот, балки воситаи ҳифзи хотираи таърихӣ ва муаррифии ҳувияти миллӣ мебошанд. Дар ин замина, баррасии фарҳанги эронӣ ҳамчун фарҳанги бегона барои минтақаи Осиёи Марказӣ дуруст нест. Баръакс, бахши назарраси

унсурҳои фарҳангии минтақа дар иртибот бо тамаддуни форсӣ-тоҷикӣ, анъанаҳои ориёӣ шакл гирифтаанд. Чунин наздикӣ дар шуури таърихии халқҳои минтақа ҷой дошта, барои густариши муносибатҳои фарҳангӣ заминаи равонӣ ва маънавӣ фароҳам меорад.

Дар таърихи халқҳои форсизабон, махсусан, дар фазои Тоҷикистон, Эрон ва Афғонистон умумияти фарҳангӣ ҳамеша ҳамчун омили ҳамбастагӣ амал кардааст. М. Шакурӣ зимни баррасии робитаҳои фарҳангии форсизабонҳо чунин таъкид менамояд: «Мардуми эронитабори Осиёи Миёна, Афғонистон ва Эрон аз як сарчашмаи фарҳангӣ баҳра гирифтаанд ва қаробати маънавии онҳо яке аз пояҳои тақвияти аслияти тоҷик мебошад» [186, с. 227]. Ин андеша барои фаҳмиши моҳияти равобити Тоҷикистон ва Эрон муҳим аст, зеро он нишон медиҳад, ки робитаҳои муосир танҳо аз зарурати дипломатии пасошуравӣ сарчашма нагирифта, ба заминаҳои амиқи таърихӣ такя мекунанд.

Дар тули таърих, ҳатто пас аз густариши ислом, бисёр ойинҳо ва ҷашнҳои марбут ба даврaҳои қадим, аз ҷумла, Наврӯз ва дигар суннатҳои марбут ба табиат, ахлоқ ва ҳамзистии иҷтимоӣ дар миёни мардум ҳифз гардиданд. Ин идомаи фарҳангӣ нишон медиҳад, ки ҷомеаҳои тоҷик ва эронӣ тавонистанд дар дохили тағйироти бузурги динӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ пайвастагии таърихии худро нигоҳ доранд. Аз ин ҷиҳат, таҳлили ҷашнҳои муштарак дар давраи муосир танҳо маросими зоҳирӣ набуда, шакли таҷдиди хотираи тамаддунӣ ба ҳисоб меравад.

Пайвандҳои фарҳангии тоҷику эронӣ дар баробари умумияти забонӣ, ҳамчунин, дар шаклҳои наздики зиндагӣ, тарзи андеша, муносибат ба адаб, илм, ҳунар ва арзишҳои хонаводагӣ ифода ёфтаанд. Ин умумиятҳо дар тули асрҳо ба ташаккули адабиёти бузурги форсӣ-тоҷикӣ, мактабҳои илмӣ ва анъанаҳои ҳунарии ҷаҳонӣ мусоидат кардаанд. Бо вуҷуди ин, давраи ҳокимияти шуравӣ ба робитаҳои мустақими Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ таъсири маҳдудкунанда расонд.

Новобаста аз ин, дар давраи шуравӣ бо вуҷуди маҳдудиятҳои сиёсӣ, баъзе шаклҳои робитаҳои фарҳангӣ идома доштанд. Ҳамоиши байналмилалӣ дар бораи шеъри форсӣ дар охири солҳои 60-уми асри XX, ки бо иштироки намояндагони Афғонистон, Покистон, Эрон ва Тоҷикистон баргузор гардид, яке аз мисолҳои муҳим ба шумор меравад. Ин чорабиниҳо нишон медоданд, ки адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ҳатто дар фазои сиёсати баста низ тавонист ҳамчун майдони муколамаи фарҳангӣ амал кунад. Дар маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» ва баъзе нашрияҳои дигар ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии кишварҳои форсизабон инъикос мегардид ва онҳо робитаи маънавию фарҳангӣ ва илмии онҳоро нигоҳ медоштанд. Бештари муҳаққиқону донишмандони тоҷику эронӣ дар чорабиниҳои мухталифи илмие, ки дар Тоҷикистону Эрон баргузор мегардиданд, дар замони шуравӣ иштирок ва суханронӣ намудаанд, ки гуфтаҳои болоро тақвият мебахшанд. Масъалаи равобити фарҳангӣ миёни ин ду кишвари ҳамзабону ҳамфарҳангро дар замони шуравӣ профессор Қ. Расулиён ба таври муфассал ба қалам дода, қайд кардааст, ки аксари кулли ин пажӯҳишгарон дар маҷмаъҳои мухталифи илмие, ки дар Эрону Тоҷикистон доир гардиданд, ширкат ва суханрониҳо доштанд. Чунончи, Бобоҷон Ғафуров, Абдуғани Мирзоев ва Камол Айни соли 1966 дар нахустин конгреси ҷаҳоншиносии эронӣ; Абдуғанӣ Мирзоев ва Расул Ҳодизода дар ҷашни 1000 солагии Носири Хусрав; Абдуғани Мирзоев соли 1975 дар ҷашни 1000 солагии Абурайҳони Берунӣ; Акбари Турсунзод соли 1988 дар конгреси байналмилалии 600-уми солгарди вафоти Ҳофизи Шерозӣ; Камол Айнӣ, Лоиқ Шералӣ, Мирзо Мулоаҳмадов, Сафар Сулаймонӣ, Ҷурабек Назриев, Муҳиддин Олимпур соли 1990 дар конгреси ҷаҳонии ҳазораи «Шоҳнома»-и Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ; Абдунабӣ Сатторзода, Камол Айнӣ ва Раҳими Мусулмониён соли 1991 дар конгреси байналмилалии бузургдошти Ҳоҷуи Кирмонӣ [43, с. 14-15].

Ҳамзамон, дар таҳқиқоти анҷомдодаи Қ. Расулиён аз иштироки донишмандон ва аҳли адабу фарҳанги Эрон дар Тоҷикистон сухан меравад. Ӯ қайд кардааст, ки Саъид Нафисӣ, Бадеъуззамон Фурӯзонфар ва Аббос

Форуқӣ соли 1964 дар ҷашни 550 солагии Абдураҳмони Ҷомӣ; Лутфалии Суратгар, Парвиз Ноитили Хонларӣ, Нодири Нодирпур ва Жолаи Исфаҳонӣ соли 1967 дар симпозиуми байналмилалии назми форсизабонон; Алии Сомӣ, Абдулҳасани Деҳқон ва Муҳаммад Ҷавод соли 1968 дар семинари байналмилалии ЮНЕСКО оид ба таърих, бостоншиносӣ ва фарҳанги Осиёи Марказӣ дар аҳди Кушониён; Абулҳусайни Заринкуб, Парвиз Нотили Хонларӣ, Бадри Отабой соли 1971 дар ҷашни 650 солагии Ҳофизи Шерозӣ; Ҳусайни Хидевҷом, Алии Раъди соли 1973 дар ҷашни 1000 солагии Абуррайҳони Берунӣ; Изатулло Нигаҳбон соли 1977 дар симпозиуми байналмилалии «Масоили нажодии таърихи қадими Осиёи Марказӣ»; Маҳмуд Комгоён, Ҳусайни Ҷавошӣ соли 1986 дар семинари байналмилалии «Пешгӯии заминларза ва меъёрҳои барномарезӣ оид ба костани ҳисороти он»; Сосон Сипанто, Муҳаммади Раҷабӣ, Меҳрии Боғирӣ, Муҳаммади Алавӣ, Абулқосими Саркаротӣ соли 1990 дар ҷашни 1400 солагии Борбади Марвазӣ ширкат ва суханрониҳо доштанд [43, с. 16].

Сатҳи робитаҳои илмӣ – фарҳангӣ миёни ду кишвар нишонаҳои муҳим доштанд. Таъсиси Ҷоизаи ба номи Фирдавсӣ дар Эрон ва тақдими он ба донишманди маъруфи тоҷик Бобоҷон Ғафуров аз он далолат мекунад, ки илми таърихнигорӣ ва мероси тамаддунии тоҷикон дар фазои эронӣ қадр мешуд. Баъдан сарфароз гардидани Б. Ғафуров ба унвони доктори фахрии Донишгоҳи Теҳрон далели эътирофи саҳми ӯ дар омӯзиши таърихи халқҳои эронитабор ва тамаддуни тоҷикӣ-форсӣ мебошад. Дар чунин мавридҳо илм ба воситаи дипломатияи фарҳангӣ табдил меёбад, зеро шахсиятҳои илмӣ бо осори худ ҳудудҳои сиёсиро убур карда, хотираи муштаракро зинда нигоҳ медоранд.

Ҳамаи ин аз он шаҳодат медиҳанд, ки Тоҷикистон равобити хориҷии худро бо Эрони шоҳиву ҶИЭ дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ИҶШС амалӣ мекард. Аммо ба сабаби низоми идеологӣ, сарҳадҳои сиёсӣ ва назорати равобити хориҷӣ, мубодилаи иқтисодӣ, илмӣ ва фарҳангӣ равобити ду кишвар – Тоҷикистон ва Эрон тадриҷан маҳдуд гардид. Аз ин рӯ,

барқароршавии робитаҳо пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ маънои эҳёи як муколамаи таърихии дарозмуддатро дошт, ки дар солҳои 20-уми асри XX ба таври сунъӣ канда шуда буд.

Аз ин рӯ, баъд аз соҳибистиқлол шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон эҳёи робитаҳо бо ҶИЭ бештар хусусияти бозгашт ба як майдони табиии фарҳангӣ дошт. Марказҳои фарҳангӣ, намояндагиҳои дипломатӣ, ниҳодҳои илмӣ ва созмонҳои башардӯстона ин заминаро ҳамчун василаи тақвияти ҳамдигаршиносӣ, таҳкими эътимод ва васеъ кардани майдони муколама истифода намуданд. Имкони воқеии густариши ҳамкориҳои фарҳангӣ ва илмӣ миёни Тоҷикистон ва Эрон баъд аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам омад. Дар ин марҳила, ҳамкориҳои фарҳангӣ на ҳамчун соҳаи дуюмдараҷа, балки ҳамчун яке аз пояҳои равобити дуҷониба ташаккул ёфтанд.

ҶИЭ, ки истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба расмият шинохт ва сафоратхонаи худро дар Душанбе ифтитоҳ намуд, пеш аз ҳама, барои рушди муносибатҳои фарҳангӣ ду кишвар талош мекард.

Пас аз барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ ҳамкориҳои васеъи мутақобилаи судманд ба роҳ монда шуданд. Дар ҳамин замина, моҳи июли соли 1992 Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҶИЭ «Таҳофумномаи ҳамкориҳои давлатии дуҷониба»-ро ба имзо расонид, ки баъдтар дар заминаи он, «Протоколи ҳамкориҳои фарҳангии миёни Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати фарҳанг ва иршоди Ҷумҳурии Исломии Эрон» арзи вуҷуд кард.

Ҷиҳати тақвияти ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ чандин бастаи санадҳо ба имзо расидаанд, ки равобити фарҳангии ду кишваро ба танзим медароранд:

- Мувофиқатномаи ҳамкориҳои фарҳанги миёни Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати фарҳанг ва иршоди ҶИЭ (7-уми майи соли 2003 ш. Теҳрон);

- Барномаҳои ҳамкориҳои фарҳангӣ – ҳунарии байни Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати фарҳанг ва иршоди ҶИЭ (6-уми сентябри соли 2003 ш. Душанбе);
- Барномаи мубодилоти фарҳангӣ ва ҳунарӣ Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати фарҳанг ва иршоди ҶИЭ (2-юми декабри соли 2014 ш. Теҳрон);
- Ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ оид ба ҳамкориҳо дар соҳаи мероси фарҳангӣ ва санъати дастӣ.

Ҳамчунин, бо Интишороти байналмилалии «Алҳудо» шартнома оид ба кушодани мағозаи китобфурӯши дар шаҳри Душанбе ба имзо расидааст.

Созишномаи фарҳангии моҳи январи соли 1992, ки тибқи он ҷониби Эрон нашр ва ирсоли китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимиро ба уҳда гирифт, яке аз нахустин иқдомҳои амалӣ дар ин самт буд. Ин иқдом, махсусан, дар шароити душвори солҳои аввали истиқлолият, барои дастгирии низоми маориф ва эҳёи робитаҳои илмӣ аҳаммияти махсус дошт. Тавре муҳаққиқон овардаанд: «Ҷумҳурии Исломии Эрон нашрияҳои сершумори рӯзнома ва маҷаллаҳои илмӣ ва кушодани мағозаҳои китобро сарпарастӣ карда, сафорати он бошад аз барқарорсозии китобхонаҳо дар саросари кишвар, ки дорои мавод дар бораи забон ва адабиёти форсӣ ва шуъбаҳое буданд, ки забони форсиро таълим медоданд, пуштибонӣ мекард. Шуъбаи фарҳанги Сафорати Эрон дар таъсиси Институти омӯзиши фарҳанги тоҷикӣ-форсӣ, маркази китобфурушии «Ал-Ҳудо» ва маҷаллаи «Пайванд» дар пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳим бозидааст» [109, с. 136].

Дар солҳои аввали истиқлолияти Тоҷикистон кушода шудани маркази фарҳангии Эрон дар Душанбе аз рӯйдодҳои муҳим ба шумор меравад. Он яке аз нахустин марказҳои фарҳангии хориҷӣ буд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолият оғоз намуд. Ин воқеият, аз як тараф, нишонаи таваҷҷуҳи Эрон ба Тоҷикистон буд, аз тарафи дигар, эҳтиёҷи ҷомеаи тоҷикро ба барқарор кардани робитаҳои адабӣ, илмӣ ва фарҳангӣ бо ҷаҳони форсизабон нишон медод. Марказҳои фарҳангӣ дар чунин шароит вазифаи танҳо иттилоотӣ

надоштанд. Онҳо дар фазои пасошуравӣ ҳамчун воситаи барқарорсозии иртиботҳои маънавӣ, дастрасӣ ба китоб, баргузории маҳфилҳои илмӣ ва ташкили муколамаи зиёиён хизмат карданд.

Маликиён М. дар таҳқиқоти худ ба масоили робитаҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ваё ҶИЭ диққат дода навиштааст: «Нахустин асари Садриддин Айнӣ, ки ба дасти хонандаи эронӣ расид, повести «Одина» буд» [117]. Ин рӯйдод аз назари таърихӣ муҳим аст, зеро адабиёти муосири тоҷик тавассути осори С. Айнӣ ба муҳити адабии Эрон роҳ ёфт ва барои шинохти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар миёни хонандаи эронӣ замина гузошт. Саъю талоши С. Айнӣ ва баъдан Лоҳутӣ дар густариши робитаҳои адабӣ ва башардӯстона на танҳо аҳаммияти адабӣ, балки аҳаммияти фарҳангӣ-дипломатӣ низ дошт. Онҳо бо забони адабиёт, таърих ва фарҳанг байни ду ҷомеа пулҳои маънавӣ сохтанд.

Равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ дар давраи истиқлолият, асосан, бар пояҳои ҳамзабонӣ, ҳамфарҳангӣ, умумияти динӣ, наздикии таърихӣ ва эҳтироми арзишҳои миллӣ рушд намуд. Тоҷикистон ва Эрон дар гузашта дар як фазои фарохи тамаддунӣ қарор доштанд ва ин воқеият дар сиёсати хориҷии ҳар ду кишвар бе таъсир намонд. Сафарҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҶИЭ дар солҳои 1995, 1998, 2000, 2001 ва солҳои баъдӣ барои таҳкими ин равобит нақши хос доштанд. Дар мулоқотҳои сатҳи олӣ пайваста таъкид мешуд, ки ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Эрон набояд танҳо дар соҳаи фарҳанг маҳдуд гарданд, балки бояд тамоми самтҳои ҳаётан муҳимро фаро гиранд. Ин мавқеъ аз назари таърихӣ муҳим аст, зеро он нишон медиҳад, ки фарҳанг заминаи равобит аст, аммо худи равобит бояд дар шакли ҳамаҷониба ва мутавозин рушд кунад. Аз ҳамин ҷо, робитаҳои фарҳангӣ ба соҳаҳои маориф, илм, санъат, матбуот, сайёҳӣ ва иртибототи ҷамъиятӣ пайваст шуданд.

Ҳамкориҳои илмиву фарҳангӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ аз саҳифаҳои муҳим ва пурсамари равобити ду кишвар ба шумор рафта, равобити намояндагони доираҳои илмӣ, таълимӣ ва ҳунарӣ, инчунин ба

тақвияти муошират мустақим байни ҷомеаҳои касбӣ низ мусоидат кард. Дар чунин раванд зиёиён, донишгоҳҳо, академияҳо, театрҳо, китобхонаҳо ва нашрияҳо ба субъекти мустақили ҳамкорӣ табдил ёфтанд, ки он яке аз вижагиҳои муҳими робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ мебошад.

Ширкати ҳайати Тоҷикистон дар нахустин ҳамоиши байналмилалии «Чашмандози шеъри муосири форсӣ», ки 12-13 октябри соли 2004 дар шаҳри Теҳрон баргузор гардид, намунаи равшани ҳамкорӣ дар муҳити адабӣ буд. Ин ҳамоиш бо даъвати ниҳодҳои фарҳангии ҶИЭ ва мусоидати Ройзании фарҳангии Эрон дар Тоҷикистон баргузор гардида, ҳайати Тоҷикистонро даҳ нафар шоир, мунаққид ва муҳаққиқ бо роҳбарии академик Муҳаммадҷон Шакурӣ намояндагӣ карданд. Ҳузури Фарзона, Шаҳрияи Аҳтамзод, Абдулло Қодирӣ, Хуршеда Атахонова, Матлуба Хоҷаева, Шамсиддини Солеҳ, Умар Сафар, Нуралӣ Нурзод ва Субҳони Аъзамзод нишон медод, ки Тоҷикистон на ҳамчун иштирокдори рамзӣ, балки ҳамчун бахши фаъол ва соҳибмактаби адабиёти муосири форсӣ вориди муколама шудааст. Баррасии беш аз 60 маърӯза дар бахшҳои ҷараёншиносӣ, ҷуғрофиёи шеър, адабиёти татбиқӣ, нақди адабӣ, забоншиносӣ, зебоишиносӣ ва ирфон ба ин ҳамоиш хусусияти илмӣ ва таҳлилӣ бахшид.

Дар соҳаи маориф ва илм равобити ду кишвар мазмуни амалӣ дошт. Донишҷӯёни тоҷик дар донишгоҳҳои Теҳрон, Машҳад, Қазвин, Исфаҳон ва Ҳамадон таҳсил мекарданд. Қисми зиёди онҳо дар бахшҳои забон ва адабиёт таҳсил менамуданд, ки ин интихоби тасодуфӣ набуд. Омӯзиши забон ва адабиёт барои ҳамкории дарозмуддати илмӣ, тарҷумонӣ, дипломатия ва фарҳанг заминаи кадрӣ фароҳам меорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар баробари Эрон ҷиҳати табодули академӣ, ҷалби муҳаққиқону донишҷӯён, магистрон бурсияҳо ҷудо намуда, барои онҳо тамоми шароитҳои мусоидро фароҳам меорад. Чандин унвонҷӯи эронӣ ҳамчун аспирант дар донишгоҳҳои бонуфузи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил намуда, соҳиди унвон ва диплом гардиданд. Махсусан, дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон даҳҳо нафар унвонҷӯи эронӣ зери роҳбарии олимони тоҷик рисолаҳои илмӣ таълиф ва

дифоъ намуданд. Аз ҷумла, дар риштаҳои таърих, филология, фалсафа, сиёсатшиносӣ, иқтисодиёт, технологияи информатсионӣ ва ғайра. Чунин ҳолат аз тақвияти равобити ду кишвар дар самти илму маориф дарак медод.

Барои рушду тавсеа бахшидани саронии давлатҳои форсизабон – Тоҷикистон, Эрон, Афғонистон соли 2006, ки дар пойтахти Тоҷикистон анҷом дода шуд, заминаи мусоид фароҳам овард: «Дар натиҷаи мулоқотҳои анҷомдодашуда, ҷонибҳо барои рушду тавсеаи ҳамкориҳои фарҳангӣ «Комиссияи ҳамкории фарҳангӣ»-ро таъсис доданд» [134].

Ҷумҳурии Тоҷикистон барои эҳёи фарҳанги миллӣ, тамаддуни ориёӣ ва арзишҳои таърихии худ соли 2006 «Соли тамаддуни ориёӣ»-ро ҷашн гирифт. Ин чорабинӣ барои муаррифии мероси ниёгон, нишон додани нақши фарҳанги ориёӣ дар ташаккули маънавияти тоҷикон ва пайвастани он бо мероси умумии халқҳои форсизабон аҳаммияти рамзӣ дошт. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Эрон чунин ҷашнҳо на танҳо ёдоварии гузашта, балки воситаи ташаккули забони муосири ҳамкории фарҳангӣ мебошанд.

Дар мулоқот бо сафири ҶИЭ вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Зулфия Давлатзода изҳор доштанд, ки дар арафаи ҷашнҳои бошукӯҳи 15-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2700 солагии шаҳри Кӯлоби бостонӣ ва Соли тамаддуни ориёӣ бо пешниҳоди вазорати фарҳанг ва кӯмаки молиявии Созмони мероси фарҳангии ҶИЭ албоми «Ёдгориҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва табии Тоҷикистон бо теъдоди 2000 нусха дар шаҳри Теҳрон ба табъ расонида шуда буд, ки далели возеҳи ҳамкориҳои дӯстона мебошад» [12].

Дар асоси тавофуқнома ва вусъати муносибатҳои неки байни ҶИЭ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, дурнамои ҳамкориҳои илмиву техникӣ ва иқтисодиву фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ дар бобати дар сатҳи баланд ба роҳ мондани ҳамкориҳои фарҳангӣ 6-уми феврали соли 2009 дар шаҳри Хуҷанд Маркази фарҳангии Эрон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ифтитоҳ ёфт [9].

Соли 2008 барои равобити фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистону Эрон аҳаммияти хос дошт, зеро 1150-солагии асосгузори адабиёти классикии

форсу тоҷик Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар шаҳрҳои Теҳрон ва Машҳад бо шукуҳу шаҳомати баланд таҷлил гардид. Рӯдакӣ дар ин замина ҳамчун рамзи умумии адабиёти тоҷику форс, сарчашмаи хотираи муштарак ва шахсияти муттаҳидкунандаи ҷаҳони форсизабон баррасӣ гардид.

Дар ҳамон сол баргузор гардидани ҳафтумин ҷаласаи «Комиссияи муштараки ҳамкориҳои тиҷоратӣ, иқтисодӣ, техникӣ ва фарҳангӣ»-и байни Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ низ барои таҳкими робитаҳо аҳаммияти назаррас дошт. Комиссияҳои муштарак, бар хилофи чорабиниҳои якдафъаина, механизми идоракунии пайвастаи ҳамкорӣ ба шумор мераванд. Онҳо имкон медиҳанд, ки масъалаҳои фарҳангӣ дар пайвастагӣ бо маориф, илм, технология, нашриёт, китобхона, синамо ва туризм баррасӣ шаванд. Ҳамин хусусият ба ҳамкориҳои фарҳангӣ шакли муттасил ва давомдор мебахшад.

Силсилаи чорабиниҳои соли 2008, аз ҷумла, маҳфили адабӣ дар Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Теҳрон бахшида ба солгарди Истиқлолияти давлатӣ ва ҷашни Рӯдакӣ, сафари намояндагони Кумитаи байналмилалии имдоди Имом Хумайнӣ ба Тоҷикистон, ҳамчунин, сафари Алиакбар Ашъарӣ ба Душанбе ва имзои Ёддошти тафоҳум байни Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони аснод ва Китобхонаи миллии Эрон, аз густариши равобити байниниҳодӣ гувоҳи медиҳанд. Дар ин раванд, китобхонаҳо ҳамчун маркази нигоҳдории хотира, мубодилаи манбаъҳо ва пайванди илмӣ нақши махсус гирифтанд.

Рӯзҳои фарҳангӣ ва намоишгоҳҳои байналмилалии китоб низ яке аз самтҳои устувори ҳамкории фарҳангӣ ба шумор мераванд. Сафарҳои ҳайатҳои Тоҷикистон ба Намоишгоҳи байналмилалии «Китоби Теҳрон» дар солҳои 2011 ва 2012, иштироки намояндагони Боздиди ҳайатҳои Тоҷикистон аз ёдгориҳои таърихии Теҳрон, Исфаҳон ва Кошон, аз ҷумла, «Кохи Саъдобод», «Кохи Гулистон», «Майдони Нақши ҷаҳон», «Масҷиди Шайх Лутфулло», «Кохи Чилсутун», «Сивусе пул» ва «Боғи Фин», шинохти мустақими мероси моддии Эронро таъмин намуд.

Дар натиҷаи амалӣ намудани қарордодҳои ҳамкориҳои фарҳангии миёни ду кишвар баъзе корҳои назаррас анҷом дода шудаанд. Аз ҷумла, дар Намоишгоҳи байналмилалии «Китоби Теҳрон», ки ҳамасола дар шаҳри Теҳрон баргузор мегардад, намоядагони Вазорати фарҳанг ширкат меварзанд ва ғурфаи Тоҷикистонро ташкил намуда, китобҳои тозанашрро ба маъраз мегузоранд. Намоишгоҳи мазкур ҳамасола моҳи май баргузор мегардад. Ҳамчунин, иштироки намояндагони соҳаи табъу нашри Эрон низ дар Намоишгоҳи байналмилалии «Китоби Душанбе», ки ҳама сола моҳи октябр баргузор мегардад, хеле назаррас мебошад.

Рӯзҳои фарҳанги Эрон дар Тоҷикистон, ки моҳи марти соли 2011 дар шаҳрҳои Душанбе ва Хуҷанд баргузор гардиданд, яке аз рӯйдодҳои бузурги фарҳангии ин давра буданд. Дар ин чорабинӣ беш аз 120 намояндаи фарҳанг ва ҳунари Эрон иштирок намуданд. Дар маросими ифтитоҳ, ки дар Театри опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ баргузор шуд, намоишгоҳи китоб, ҷавоҳирот, ҳунарҳои мардумӣ, филмҳо ва барномаҳои мусиқӣ ба тамошобинон пешниҳод гардиданд. Дар Бойгонии Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: «Дар анҷоми рӯзҳои фарҳанги ҷониби Эрон беш аз 12 ҳазор китобҳои мухталиф, 1500 маҷмуа CD-и компютерӣ ва бозиҳои роёнай, 16 дастгоҳи компютер ба Китобхонаи миллии Тоҷикистон ва китобхонаҳои Тошхоҷаи Асирӣ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Китобхонаи умумии вилояти Бадахшон. Аз ҷумла:

- ба Китобхонаи миллии Тоҷикистон теъдоди 7000 нусха китоб ва 800 баста CD-и компютерӣ;
- ба Китобхонаи Тошхоҷаи Асирии Хуҷанд воқеъ дар вилояти Суғд теъдоди 3000 нусху китоб ва 350 баста CD-и компютерӣ;
- ба Китобхонаи Мир Сайид Алии Ҳамадонии Кӯлоб воқеъ дар вилояти Хатлон теъдоди 1000 нусха китоб ва 150 баста CD-и компютерӣ;
- ба Китобхонаи умумии вилояти Бадахшон теъдоди 1000 нусху китоб ва 150 баста CD-и компютерӣ» [9]. Ин иқдом барои дастрасӣ ба манбаъҳои илмиву адабӣ аҳаммияти назаррас дошт.

Дар доираи Рӯзҳои фарҳанги Эрон чорабинии «Ширу шакар» бо иштироки донишмандони тоҷик баргузор гардид. Ҳамзамон, филмҳои эронӣ, аз ҷумла, «Рустам ва Исфандиёр» ва баъзе филмҳои маъруф ба тамошобинони Тоҷикистон пешниҳод шуданд. Намоиши силсилафилмҳо ва филмҳои ҳунарии эронӣ дар Тоҷикистон, аз ҷумла «Юсуфи паёмбар» барои густариши шинохти ҷомеа бо синамои Эрон таъсир гузошт. Вале аз нуқтаи назари таҳлили илмӣ бояд гуфт, ки синамо танҳо воситаи фароғат нест, он шакли интиқоли арзишҳо, тасаввурот дар бораи таърих, ахлоқ, дин ва қаҳрамон мебошад.

Маросими анҷоми Рӯзҳои фарҳанги Эрон 27-уми марти соли 2011 баргузор шуд. Ҳамзамон, дар Теҳрон ҷашни байналмилалии Наврӯз бо иштироки сарони чандин давлат, аз ҷумла, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, таҷлил гардид. Наврӯз ҳамчун ҷашни умумибашарӣ ва мероси муштараки халқҳои минтақа ба майдони дипломатияи фарҳангӣ баромад. Наврӯз дар равобити Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ ҳамчун унсури муттаҳидкунанда, рамзи идомаи фарҳанг ва воситаи муаррифии арзишҳои сулҳ, ҳамзистӣ ва эҳтироми табиат амал мекунад.

Маҳфили эҷодӣ бахшида ба 70-солагии Лоиқ Шералӣ, ки 13-уми майи соли 2011 дар ҳошияи Намоишгоҳи байналмилалии «Китоби Теҳрон» баргузор гардид, боз як намунаи пайванди адабии ду кишвар буд. Лоиқ Шералӣ дар адабиёти муосири тоҷик на танҳо шоири миллӣ, балки яке аз чеҳраҳои эҳёи худшиносии тоҷикӣ мебошад. Баргузории маҳфили ӯ дар Теҳрон далели он аст, ки адабиёти муосири тоҷик дар фазои эронӣ низ қобили қабул ва омӯзиш мебошад. Ҳамчунин, ҳамоиши «Зодрӯзи Фирдавсӣ – шоире барои ҳамаи ҳазораҳо» дар шаҳри Карач ва ифтитоҳи боғи «Тоҷикистон» дар он шаҳр нишон доданд, ки рамзҳои адабӣ ва фазоҳои шаҳрӣ метавонанд ба воситаи мустаҳкам кардани дӯстии халқҳо табдил ёбанд.

Ифтитоҳи «Хонаи Эрон» дар шаҳри Душанбе 11-уми июли соли 2011 аз иқдомҳои рамзӣ ва амалӣ дар равобити фарҳангии ду кишвар маҳсуб мешавад. Ин марказ дар назди Сафорати Эрон таъсис ёфта, ҳадафи таъсиси он тарғиби таърих ва фарҳанги Эрон, ҳамчунин нишон додани таърихи равобити Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ буд. Бо вуҷуди ин, «Хонаи Эрон»-ро танҳо ҳамчун маркази таблиғи якҷониба арзёбӣ кардан дуруст нест, он бояд ҳамчун майдони дидору гуфтугӯйи зиёиён, ҳунармандон, донишҷӯён ва дӯстдорони фарҳанги ду давлат баррасӣ шавад.

Як хусусияти муҳимми равобити фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ дар он аст, ки ин равобит танҳо тавассути ниҳодҳои давлатӣ сурат нагирифтааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз замони Иттиҳоди Шуравӣ хонаводаҳои эронӣ низ зиндагӣ мекарданд, ки ҳаёти худро бо ҷомеаи тоҷик пайвастанд ва дар фазои фарҳангии он нақши муайян гузоштанд. Ҳузури чунин гурӯҳҳои иҷтимоӣ барои тавъам шудани муносибатҳои ду кишвар мусоидат намуд.

Сафари вазири фарҳанги Тоҷикистон М. Асрорӣ ба Эрон 9-уми майи соли 2013 ва мулоқоти ӯ бо ҳамтои эронии худ барои таҳкими ҳамкориҳои се кишвари форсизабон аҳаммияти махсус дошт. Дар ин мулоқот масъалаи таъсиси Созмони ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳанг ва санъат миёни кишварҳои форсизабон мавриди баррасӣ қарор гирифт. Ин ташаббус нишон медиҳад, ки равобити фарҳангӣ метавонад аз қолаби дуҷониба берун рафта, ба формати васеътари минтақавӣ, яъне ҳамкории Тоҷикистон, Эрон ва Афғонистон пайваст гардад, ки он барои ҳифзи забон, адабиёт, мероси муштарак ва муаррифии фарҳанги форсизабонҳо дар ҷаҳон зарфияти зиёд дорад.

Аз гузориши вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. Орумбекзода ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз натиҷаи иҳтирок дар 29-уми Намоиши байналмилалии «Китоби Теҳрон», ки 8-14-уми майи соли 2016 баргузор гардидааст чунин бармеояд: «Дар Намоиши мазкур гурӯҳи корӣ дар ҳайати Абдуғаффор Абдуҷабборов – сардори шуъбаи робитаҳои байналмилалии вазорат, Гурезов Сафар – директори нашриёти «Адиб», Баҳодур Раҳматов –

муовини директори Энсиклопедияи милли тоҷик, Тоир Раҷабов – корманди масъули интишороти «Эр-Граф» сафари хидматӣ анҷом доданд. Дар ҷараёни сафари худ бо Раиси муъмурияти Намоиши байналмилалии «Китоби Теҳрон» доктор Сайид Аббос Солеҳӣ, Муовини вазири фарҳанг ва иршоди исломии ҶИД доктор Ҳуҷҷатуллоҳ Аюбӣ, Раиси Муассисаи фарҳангии Созмони ҳамкории иқтисодӣ Ифтихор Ҳусейн Ориф мулоқоти корӣ намуда, атрофи густариши минбаъдаи робитаҳои фарҳангӣ, ҳунурӣ, адабӣ, интишоротӣ, имкониятҳои васеи мавҷуда бобати такмили ихтисоси муассисони соҳаҳои китобхона, синамо, чопхона, инчунин масъалаи баргузории Рӯзҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҶИЭ дар моҳи октябри ҳамин сол гуфтугӯ сурат гирифт» [11].

Бояд гуфт, ки бахши дигари робитаҳоро ҳакориҳои синамоӣ ташкил медиҳанд. Ҳанӯз тирамоҳи соли 1990 сафари ҳайати фарҳангии соҳаи синамои Эрон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намоиши филмҳои мустанад аз ҷумлаи чунин рӯйдодҳо буд. Маблағҳои ҷамъшуда барои бозсозии муҷассамаи Абулқосим Фирдавсӣ равона гардиданд. Ҳамчунин, барои бозсозии муҷассамаи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ 14 ҳазор доллари амрикоӣ ҷудо шуд [82, с. 48]. Ин иқдомҳо дар зоҳир ба корҳои ёдгоришиносӣ мансуб бошанд ҳам, дар асл, ба сиёсати хотираи таърихӣ вобастаанд. Бозсозии пайкараҳо ва оромгоҳҳои шахсиятҳои муштарак эҳтиром ба гузашта ва таҳкими пайванди маънавии наслҳои муосирро ифода мекунад. Дар ин замина, саҳми Алиасғари Шеърдӯст низ қобили таваҷҷуҳ аст. Ӯ пеш аз таъйин шудан ба мақоми сафири ҶИЭ дар Тоҷикистон, ҳамчун шахсияти пайвандгари фарҳангҳои тоҷикӣ ва эронӣ фаъолият дошт. Таҳқиқоти анҷомдодаи Алиасғари Шеърдӯст бо номи «Нигоҳе ба назми муосири тоҷик», ҳамчунин, навиштаҳояш дар бораи фарҳангу адабиёти тоҷик ва мероси муштараки форсизабонҳо дар муаррифии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар миёни кишварҳои форсизабон нақши муҳим гузошт. Ба доираи фаъолияти ӯ на танҳо ашъори шоирони тоҷик, балки осори таърихӣ, аз ҷумла, «Тоҷикон»-и академик Б. Ғафуров ва «Тоҷикон дар оинаи таърих»-и муҳтарам Эмомалӣ

Раҳмон низ ворид гардид. Нашри китоби «Эрон дар шеъри тоҷикӣ» бо ҳуруфи кириллӣ дар Тоҷикистон низ як намунаи равшани ҳаракати мутақобилаи адабӣ ва таърихӣ мебошад.

Дар натиҷаи анҷоми сафарҳои расмӣ ва дидору мулоқотҳои сарони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ дар соли 1995, баъзе созишнома ва тавофуқномаҳо дар самти ҳамкории фарҳангӣ ба имзо расиданд, ки онҳо ба ишораи муҳақиқон: «Корҳои муштараки байни рассомон ва мусиқинавозон, маблағгузорӣ барои таҳсили донишҷӯёни тоҷик дар Эрон, ҳамкорӣ дар соҳаи таҳсилоти олӣ ва дастгирии конфронсҳои бахшида ба Рӯдакӣ ва дигар нависандагони форсиро дар бар мегирифт» [109, с. 139].

Робитаҳои мусиқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ низ таърихи амиқ доранд. Симпозиуми байналмилалӣ бахшида ба Борбади Марвазӣ, ки соли 1989 дар Душанбе баргузор шуд, оғози марҳалаҳои нави ҳамкории мусиқӣ ба шумор меравад. Тавре М. М. Дулоев қайд мекунад: «Ҳунармандон ва дӯстдорони мусиқии ду кишвар дар чунин чорабиниҳо пайваста иштирок мекарданд. Мусиқии тоҷик дар Эрон тавассути эҷодиёти ҳунармандоне чун Давлатманд Холов ва Муборакшо Насриддинов маъруф гардид» [82, с. 47]. Таронаи «Мезанад борон ба шиша» дар иҷрои М. Насриддинов дар муҳити эронӣ ба таври васеъ пазируфта шуд. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки мусиқӣ аз роҳҳои расмии дипломатӣ зудтар ва амиқтар ба эҳсоси мардум роҳ меёбад.

Дар таҳлили робитаҳои мусиқӣ бояд ба умумият ва фарқи ду анъана низ таваҷҷуҳ намуд. Тавре дар сарчашмаҳо зикр мешавад: «Муовини вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Ф. Азизӣ ба шабоҳатҳои мусиқии «Фалак» ва мусиқии классикии Эрон ишора намуда, дар айни замон фарқияти «Шашмақом» аз мусиқии классикии эрониро низ нишон додааст» [140]. Омӯзиши фарҳангҳо нишон медиҳанд, ки ҳар ду давлат дар дохили як ҳавзаи тамаддунӣ роҳҳои хосси ҳунарӣ ва зебоишиноси худро офаридаанд.

14-уми декабри соли 2009 дар Душанбе Конфронси байналмилалии «Мусиқии миллии тоҷик: решаҳо ва шабоҳатҳо» баргузор гардид, ки дар он адибону ҳунармандон ва мусиқанавозони эронӣ низ иштирок дошатанд. Дар

анҷоми конфронс масъалаҳои муҳиме пеш гузошта шуданд, ки барои рушду пешрафти ҳамкориҳо дар самти мусиқӣ аҳаммияти калондоштанд. Дар ин конфронс сатҳи шинохти мусиқии суннатии Эрон дар Тоҷикистон нокифоя арзёбӣ гардида, зарурати таҳияи феҳристи муштараки мусиқӣ, тавзеҳи муфассали истилоҳот, баргузории намоишҳо ва барномаҳои муштарак таъкид шуд [82, с. 49]. Чунин пешниҳодҳо нишон медиҳанд, ки ҳамкории фарҳангӣ барои устувор шудан ба таҳқиқот, феҳристсозӣ, омӯзиш ва барномаҳои таълимӣ ниёз дорад.

Бахши дигари равобити фарҳангиро соаи театр ташкил мекунанд. Дар соҳаи театр низ робитаҳо мазмуни амалӣ гирифтанд. Сафари эҷодии театри «Ахорун»-и шаҳри Душанбе ба ҶИЭ соли 2000 ва иштироки он дар ҷашнвораҳои байналмилалии театри Эрон бо намоишномаҳои «Марги Яздигурд», «Шайх Санъон» ва «Даҷҷол» барои муаррифии санъати тоҷик дар муҳити эронӣ аҳаммияти назаррас дошт. Ҳамчунин, иштироки Театри давлатии шаҳри Кӯлоб дар соли 2001 бо намоишномаи «Мири Кабир»-и Муҳаммад Ғоиб дар ҷашнвораи байналмилалӣ аз рушди робитаҳои театрии ду кишвар шаҳодат медиҳад [43, с. 34]. Ин сафарҳо нишон доданд, ки саҳнаи театр метавонад ба майдони фаҳмиши мутақобила ва бозшиносии таърихиву адабӣ табдил ёбад.

Моҳи октябри соли 2008 дастаи ҳунарии «Наво» аз ҶИЭ сафари ҳунариро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба анҷом расонид. Дар доираи ҳамкории судманд бо Сафорати ҶИЭ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақбараҳои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Камоли Хуҷандӣ, Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ таъмиру тармим шуданд. Театри давлатии ҷавонон ба номи М. Воҳидов моҳи январи соли 2009 дар ҷашнвораи «Фаҷр» дар шаҳри Теҳрон бо спектакли «Рустам ва Суҳроб» иштирок намуда, соҳиби шоҳҷоиза гардиданд. Театри мазкур соли 2010 дар ҷашнвораи навбатии «Фаҷр» ҳамчун меҳмони фахрӣ бо спектакли «Рӯзи дарозтар аз қарн»-и Ч. Айматов иштирок доштанд.

Дар робитаҳои фарҳангӣ нашрияҳо ва расонаҳо низ нақши муҳим бозиданд. «Номаи пажӯҳиш», ки дар доираи фаъолияти Сафорати Эрон дар

Тоҷикистон ба нашр мерасид, ба масъалаҳои гуногуни фарҳанг, мусиқӣ ва чеҳраҳои мондагор бахшида шуда буд. Ин фаъолиятҳо аз як тараф ба омӯзиши забону фарҳанг мусоидат мекарданд, аз тарафи дигар, дар ҷомеаи Тоҷикистон масъалаи таносуби фарҳанг, дин ва сиёсатро низ ба миён меоварданд. Аз ин рӯ, арзёбии чунин иқдомҳо бояд бо назари мутавозин, таърихӣ ва таҳлилӣ анҷом дода шавад.

Муҳаққиқи эронӣ М. Маликиён дар таҳқиқоти худ номгӯйи васеи нашрияҳои эрониро чунин зикр мекунад: «Дар онҳо осори адибон ва шоирони тоҷик ба нашр расидаанд. Дар маҷаллаҳои «Оянда», «Симурғ», «Тарона», «Ироншинохт», «Кайҳони фарҳанг», «Паёми навин», «Яғмо», «Бухоро», «Шеър», «Сухан», «Дунёи сухан» ва дигар нашрияҳо намунаҳои эҷодиёти шоирон ва нависандагони тоҷик ба хонандаи эронӣ муаррифӣ мешуданд» [117]. Ҳамзамон, дар матбуоти тоҷик низ осори шоирон ва адибони Эрон мунтазам интишор меёфт. Ин раванд на танҳо табодули адабӣ, балки шакли муаррифии мутақобилаи ҷомеаҳо буд, зеро хонанда тавассути адабиёт бо ҷаҳонбинӣ, тафаккур ва вазъи маънавии тарафи дигар ошно мегардид.

Ҳамчунин, моҳи марти соли 2010 дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба номи К. Беҳзод намоиши эҷодии занони ҳунарманди ҶИЭ баргузор гардид. Падидаи назаррас дар ҳамкориҳо фарҳангӣ, ба мувофиқа расидани баргузории ҷашни байналмилалии Наврӯз бо навбат дар се кишвари ҳамзабон бо иштироки сарони кишварҳо низ дар таърихи ҳамкориҳои фарҳангӣ саҳифаи тозае эҷод кард.

Бояд гуфт, ки сарварони ҶИЭ, аз ҷумла Маҳмуд Аҳмадинажод, Сайид Хотамӣ, Иброҳим Раисӣ ва дигарон кӯшиш мекарданд, ки дар сиёсати худ нисбат ба Ҷумҳурии Тоҷикистон равобити фарҳангиро ҳамчун қувваи асосӣ истифода намоянд. Дар давраи президентии Маҳмуд Аҳмадинажод сиёсати фарҳанги Эрон нисбат ба кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла, Тоҷикистон ранги дигар гирифт. Бо ташаббуси ҷониби Эрон барои таъсиси дафтари фарҳангии Эрон дар ДДБ ба номи Носири Хусрав дастгирӣ ёфт ва ба

муассиса китобу компютер ва дигар лавозимоту таҷҳизоти таълимиву илмӣ тақдим шуданд.

14-15-уми ноябри соли 2017 дар шаҳри Душанбе ҷаласаи 12-уми Комиссияи муштарак баргузор гардид. Дар маводди Бойгонии Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба ин масъала чунин зикр гардидааст: «Ҳамкориҳо дар бахши маориф ва илм, телевизон ва радио, фарҳанг, тандурустӣ, кор ва ҳифзи иҷтимоӣ, сайёҳӣ ва варзиш мавриди баррасӣ қарор дода шуданд. Дар ҷаласа, пеш аз ҳама иҷро нагардидани баъзе аз масъалаҳои Протоколҳои даҳум ва ёздаҳуми Комиссияи муштарак дар хусуси мактаби байналмилалии Рӯдакӣ пайгирӣ ва иҷрои онҳоро таъкид карданд. Инчунин, таҳияи барномаи иҷрои Ёддошти тафоҳум барои солҳои 2018-2021, баргузории 2-юмин нишасти Ёддошти тафоҳуми ҳамкориҳои илмӣ байни якдигар дар семоҳаи аввал ё дуюми соли 2018, табодули мутақобилаи таҷрибаомӯзӣ дар заминаи паркҳои технологӣ, омода намудани кадрҳои баландихтисоси соҳавӣ, табодули устодон, аспирантҳо, докторантҳои зинаҳои мухталифи таҳқиқотӣ ва такмили ихтисос, пажуҳишгарон барои курсҳои омӯзишии кӯтоҳмуддат ва таҳқиқотӣ, иҷрои лоиҳаҳои таҳқиқотии муштарак дар соҳаҳое, ки мавриди таваҷҷуҳи ҳар ду кишвар бошанд, нишасти ректорони донишгоҳҳои пешбари ду кишвар ҷиҳати таҳияи нақшаи ҳамкориҳои байнидонишгоҳӣ бо мақсади густариш ва тақвияти ҳамкориҳо» [12] изҳори ҳавасмандӣ намуданд.

Дар музокирот тарафҳо омодагии худро ҷиҳати баргузор намудани ҳафтаҳои фарҳангӣ ва ҷашнвораҳое, ки муаррифгари таърих ва фарҳанги муштараки ду кишвар мебошанд, даъвати мутахассисон ва коршиносон ҷиҳати иштирок дар ҳамоишҳои тахассусии таъмир ва ҳифз, ташкил намудани даврaҳои омӯзиши дар соҳаи таърихию бостоншиносӣ ва осорхонадорӣ, ҳамкорӣ дар сабти кори муштараки мероси ғайримоддӣ, ҳузури мутақобилаи ҳунармандон ва санъаткорони ду кишвар дар намоишгоҳҳои байналмилалии ҳунарҳои дастӣ, китобдорӣ ва осорхонашиносӣ [12] таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуданд.

Масъалаи ҳамкориҳои фарҳангӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ ҳамеша диққати роҳбарони кишварҳо, ҳукуматҳо ва ҳатто сафиронро низ ба худ ҷалб намуда буд. Дар ин маврид мо метавонем аз мактуби расмии Сафири ҶИЭ аз 20.04.2020, №410860 ёдовар шавем. Дар мактуби сафири фавқулода ва мухтори ҶИЭ ҷаноби Муҳаммадтақӣ Собирӣ чунин омдааст: «13-уми апрели соли 2020 бо Залфия Давлатзода, Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, заминаҳои ҳамкориҳои ду кишвар барои соли 2020 ба шарҳи зерин пешниҳод мешавад: баргузории ҳафтаҳои фарҳанги Эрону Тоҷикистон рушди сайёҳӣ, ҳунарҳои дастӣ ва мусиқии эрониву тоҷикӣ дар шаҳрҳои Теҳрон ва Эрон; баргузории муштараки намоишгоҳҳои муаррифии фаъолиятҳои илмӣ ва фарҳангии ду кишвар, ки шомили намоиши тасвирҳои ҳунарҳои дастӣ ва суннатӣ, наққошӣ, нусхаҳои хаттӣ, филм, аснод, плакат, акс ва ғайра; баргузории семинарҳои илмӣ, адабӣ ва фарҳангӣ дар мавзӯоти мавриди таваҷҷуҳ дар маҳфилҳои илмӣ ва фарҳангии ду кишвар; ҳамкориҳои мутақобил дар бузургдошти ифтихороти муштарак, аз ҷумла Рӯдакӣ, Ҳофиз, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Мавлавӣ, Аттори Нишопурӣ, камоли Хуҷандӣ ва ғайра; фиристодани ҳайатҳои фарҳангӣ ва ҳунарӣ ҷиҳати дидор аз марказҳои фарҳангӣ, ҳунарӣ ва таърихии Эрону Тоҷикистон ба манзури эҷоди шароити муносиби барқарорӣ ва рушди равобит дар асарҳои ҳунарӣ ва фарҳангӣ; баргузории маросими бузургдошти ифтихороти адабӣ ва ҳунарии муосири мавриди эҳтироми Эрону Тоҷикистон; муаррифии осори мумтоз ва барҷастаи адабиёти форсӣ ва тоҷикӣ ҷиҳати муаррифӣ ва интишори онон дар Эрону Тоҷикистон; таҳияи китоби ҷозибаҳои фарҳангӣ-ҳунарии Эрону Тоҷикистон ба муносибати номгузории солҳои 2019-2021 ба унвон «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» бо муқаддимаи вазирони фарҳанги ду кишвар; баргузории дарсҳои омӯзиши барои хабарнигорони тоҷик тавассути Вазорати фарҳанг ва иршоди Эрон; бастани қарордоди хоҳархондагии шаҳрҳои Ҷируфт ва Панҷакент ба муносибати гиромидошти сабти 5500-умин солгарди таъсиси шаҳри бостонии Саразм дар феҳристи бузургдоштҳои ЮНЕСКО; фиристодани ҳайатҳои фарҳангӣ, ҳунар ва ноширони тоҷик барои ширкат

дар намоишгоҳи байналмилалии китоб ва дигар намоишгоҳҳои фарҳангӣ ва ҳунарии ду кишвар» [12].

Дар доираи ҳамкориҳои судманди фарҳангӣ миёни ду кишвари ҳамзабону ҳамфарҳанг 3-юми марти соли 2019 дар толори Муассисаи фарҳангии Созмони ҳамкории иқтисодӣ дар шаҳри Теҳрон маҳфили «Шаби Тоҷикистон» бо иштироки раиси Муассисаи фарҳангии СҲИ, раиси Бунёди офаринишҳои ҳунарии Ниёварон, намояндаи Вазорати умури хориҷии Эрон, кордори Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҶИЭ, роҳбарият ва намояндагони ҳайати дипломатии муқими шаҳри Теҳрон, ҳамчунин, меҳмонон аз дигар созмонҳои фарҳангии кишвари иқомат баргузор гардид: «Дар барномаи мазкур китоби «Сотим Улуғзода ва фарҳанги миллӣ» бо қалами донишманди тоҷик Сироҷиддин Эмомалӣ, ки дар ҳамкории муштараки Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҶИЭ ва Муассисаи мазкур бо забони форсӣ чоп гардид, рӯнамоӣ шуд. Дар рафти чорабинӣ раиси Муассисаи фарҳангии СҲИ, раиси созмони Бунёди офаринишҳои ҳунарии Ниёварон, собиқ сафири ҶИЭ дар Тоҷикистон Алиасғар Шеърдӯст ва чанде аз аҳли фарҳанги давлати будубош дар бораи устод Сотим Улуғзода ҳарф зада, аз муштаракоти таърихию фарҳангии Тоҷикистону Эрон ёдовар шуданд» [12].

Рӯзҳои 10-уми январи соли 2021 дар Теҳрон бо ибтикори Комиссияи миллии Эрон оид ба корҳои ЮНЕСКО ҷаласа вобаста ба таъсиси Созмони фарҳангӣ-ҳунарии форсизабонони Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон («АЙТО» – ихтисора аз номи Эрон, Тоҷикистон ва Афғонистон ба хатти форсӣ) баргузор гардид. Дар чорабинии мазкур сафирони Афғонистону Тоҷикистон, Раиси Муассисаи фарҳангии Созмони ҳамкории иқтисодӣ (ЭКО), муовини Раиси Маркази дипломатияи умумӣ ва расонаҳои Вазорати умури хориҷа ва намояндагони созмонҳои фарҳангии Эрон ширкат варзиданд. Дар санадҳои баимзорасидаи котиботи АЙТО дар Эрон ба вазифаи Дабири кулли он Ҳуҷҷатуллоҳ Аюбӣ –

Раиси Комиссияи миллии Эрон оид ба корҳои ЮНЕСКО интихоб гардида, қароргоҳаш шаҳри Теҳрон муайян карда шуд [12].

Тавре аз маълумоти ҳуҷҷатҳо бармеояд дар доираи ҳамкориҳои судманди фарҳангӣ: «Овозхони маъруфи тоҷик Давлатманд Холов дар шакли маҷозӣ соли 2021 бо таклифи Бунёди Рӯдакии Эрон дар ҳамкорӣ бо Муассисаи фарҳангии Созмони ҳамкории иқтисодӣ (ECI) иштирок ва баромад намудааст» [12].

Дар баргузории ҷаласаи 14-уми Комиссияи муштарак, ки рӯзҳои 7-8-уми июни соли 2021 дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, тарафҳо ба баъзе масъалаҳои фарҳангӣ ба мувофиқа расиданд. Аз ҷумла, баргузории «Рӯзҳои фарҳангӣ» дар 2-3 соли оянда дар кишварҳои якдигар, табодули ҳайатҳои илмӣ, фарҳангӣ, ҳунарӣ ва дар соҳаи театр, гиромидошти муносибатҳои муштараки таърихӣ-тамаддунӣ, фарҳангӣ ва бузургдошти шахсиятҳои адабӣ, монанди Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ҳофиз, Саъдӣ, Камоли Хуҷандӣ ва дигар симоҳои машҳур дар ин ҳавза [12].

Ҳангоми ҷамъбасти вазъи умумӣ ва вижагиҳои робитаҳои фарҳангии Тоҷикистон ва Эрон дар ибтидои асри XXI ба назар мерасад, ки ин равобит дорои чанд хусусияти асосӣ мебошад. Аввал, онҳо ба заминаи амиқи таърихӣ такя мекунанд ва аз ҳамин сабаб, нисбат ба бисёр равобити дигари минтақавӣ устувории бештар доранд. Дувум, забон ва адабиёт дар онҳо мақоми меҳварӣ доранд, аммо ҳамкорӣ бо ин ду самт маҳдуд намешавад. Севум, ниҳодҳои давлатӣ, марказҳои фарҳангӣ, донишгоҳҳо, китобхонаҳо, театрҳо, расонаҳо ва шахсиятҳои алоҳида, ҳамзамон, дар ин раванд иштирок мекунанд. Чорум, фарҳанг дар ин равобит ҳам воситаи ҳамдигаршиносӣ ва ҳам воситаи дипломатияи нарм мебошад. Панҷум, бо вуҷуди мушкилоти сиёсӣ ва даврaҳои сардшавии муносибатҳо, робитаҳои фарҳангӣ аксаран ҳамчун канали нигоҳдории эътимод ва заминаи барқарорсозии муколама амал кардаанд.

Аз назари таҳлили таърихӣ, ҳамкориҳои фарҳангиву гуманитарии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Эронро наметавон танҳо бо рӯйхатти чорабиниҳо

шарҳ дод. Зарур аст, ки ин раванд ҳамчун низоми мураккаби робитаҳои байнидавлатӣ, байниҷомеавӣ ва байнифарҳангӣ баррасӣ шавад. Ҳар як ҷашнвора, намоишгоҳ, сафари ҳунарӣ, нашри китоб ё мулоқоти илмӣ, дар воқеъ, як ҳалқаи занҷири дарозмуддати барқарорсозии иртиботҳои таърихӣ мебошад. Ин занҷир дар давраи истиқлолият бо шароити нави сиёсӣ мутобиқ гардид ва ба равобити расмии ду давлат мазмуни маънавӣ бахшид.

Аз ҷиҳати методологӣ, омӯзиши ин масъала нишон медиҳад, ки равобити фарҳангӣ танҳо дар сатҳи тавсифи рӯйдодҳо боқӣ намонадааст. Чорабиниҳо, сафарҳо, намоишгоҳҳо ва ҷашнвораҳо худ ба худ маънои равобити устуворро пурра ифода намекунанд. Муҳим он аст, ки онҳо чи гуна ба ташаккули эътимоди сиёсӣ, тавсеаи шабакаҳои илмӣ, баланд шудани сатҳи шинохти мутақобила ва интиқоли арзишҳои фарҳангӣ таъсир расонидаанд. Метавон гуфт, ки сатҳи равобити фарҳангиро аз ҷиҳати методологӣ ба се самт ҷудо намуд. Методологияи таҳлили таърихи равобити фарҳангӣ фарқ гузоштан байни се сатҳро дар бар мегирад: сатҳи давлатӣ-маъмурӣ, доираи фаъолияти муассисаҳои илмӣ ва фарҳангӣ, ҳамчунин, сатҳи муносибатҳои иҷтимоии уфуқӣ миёни намояндагони зиёӣ, табақаи ҳунармандон, донишҷӯён ва қишри китобхон.

Ҳар вақте ки ин се сатҳ ба ҳам пайваст мешаванд, равобит мазмуни воқеӣ мегирад. Вақте ки яке аз онҳо бекор шавад, ҳамкорӣ бештар шакли маросимӣ пайдо мекунад.

Дар қаринаи Консепсияи нави сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба сиёсати «дарҳои кушод», мувозинати манфиатҳо ва рушди робитаҳои гуногунсамт такя мекунад, ҳамкорӣ бо ҶИЭ аҳаммияти махсус дорад. Тоҷикистон дар муносибат бо Эрон кӯшиш намудааст, ки аз як ҷониб, аз муштаракоти таърихӣ ва фарҳангӣ истифода кунад, аз ҷониби дигар, равобитро дар доираи манфиатҳои миллӣ, амнияти давлатӣ ва сиёсати хориҷии мутавозин нигоҳ дорад. Ин нукта барои таҳлили илмӣ бисёр муҳим аст, зеро наздикии фарҳангӣ ҳарчанд имкони бузург мебошад, вале худ ба худ кафолати муносибатҳои беихтилоф нест. Танҳо дар ҳолате ки наздикии

фарҳангӣ бо манфиатҳои мушаххаси иқтисодӣ, илмӣ, таълимӣ ва амниятӣ мутобиқ мегардад, он ба захираи воқеии сиёсати хориҷӣ табдил меёбад.

Тоҷикистон тули солҳои соҳибистиқлолӣ дар фазои кишварҳои форсизабон тавонист, ки дар эҳёи хотираи таърихии ин кишварҳо нақши калидиро бозад. Эҳёи забони тоҷикӣ, таъсиси марказҳои илмиву адабӣ ва ҳунарӣ, русуму анъанаҳои давлатдорӣ, дину мазҳаб, ҷашнҳои ниёгон ва ғайра, аз ҷумлаҳи хидматҳои шоистаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Аз ин рӯ, муаррифии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Эрон набояд ба сифати бахши канории фарҳанги умумии форсӣ маҳдуд гардад, он бояд ҳамчун маркази мустақили тамаддуни тоҷикӣ-форсӣ, дорои таҷрибаи хосси таърихӣ, хат, забон, давлатдорӣ ва мактаби илмӣ муаррифӣ шавад. Ин масъала барои сиёсати фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти стратегӣ дорад. Дар ин самт тарҷума ва нашри дуҷонибаи осор нақши калидӣ мебозад. Нашри осори адибони тоҷик бо хатти форсӣ барои хонандаи эронӣ, ҳамзамон, чопи осори адибони Эрон бо хатти криллӣ барои хонандаи тоҷик, на танҳо амалиёти нашриётӣ, балки раванди наздиксозии фазои мутолиа мебошад. Тафовути хат дар тули даҳсолаҳо яке аз монеаҳои асосии иртиботи мустақими хонандагони ду кишвар буд. Аз ин рӯ, ҳар як лоиҳаи табдили хат, таҳияи луғатҳо, нашри матнҳои муқоисавӣ ва чопи осори классикӣ бо тавзеҳоти илмӣ, дар асл, ба бартараф кардани фосилаи таърихии ба вуҷудомада мусоидат мекунад. Ин самт бояд дар оянда низ ҳамчун бахши муҳимми ҳамкории гуманитарӣ идома ёбад.

Ҳамкории китобхонаҳо ва марказҳои аснод низ дар ин раванд ҷойгоҳи ҷудогона дорад. Дар асри XXI маҳз рақамисозӣ ва дастрасии илмӣ ба сарчашмаҳо яке аз нишондиҳандаҳои муҳимми рушди фарҳанг ба ҳисоб меравад. Дар баробари дастовардҳо, баъзе мушкилот низ мавҷуданд, ки бояд таҳлили илмӣ шаванд. Яке аз мушкилоти асосӣ, ба расмият даромадани бархе чорабиниҳои фарҳангӣ мебошад. Баъзан ҳамкорӣ бо баргузории ҷашнҳо, намоишгоҳҳо ва мулоқотҳо маҳдуд шуда, натиҷаҳои дарозмуддати илмӣ ё таълимӣ камтар ба назар мерасанд. Мушкилии дигар, нобаробарии сатҳи

муаррифии фарҳангҳост. Эрон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти амиқ ва густардатар нишон додааст, дар ҳоле ки муаррифии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Эрон бояд боз ҳам пурқувваттар, пайвастатар ва дорои барномаҳои махсус бошад. Барои бартараф кардани ин ҳолат зарур аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаҳои мукаммали муаррифӣ ва густариши адабиёти муосир, синамо, мусиқӣ, санъати тасвирӣ, ёдгориҳои таърихӣ ва макотибу марокизи илмии хешро дар шаҳрҳои бузурги Эрон тарҳрезӣ ва татбиқ кунад.

Мушкили сеюм, ба масъалаи таносуби фарҳанг ва сиёсат вобаста аст. Таҷрибаи муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ нишон медиҳад, ки дар баъзе даврaҳо омилҳои сиёсӣ ба суръат ва миқёси ҳамкориҳои фарҳангӣ таъсир расонидаанд. Маҳз робитаҳои фарҳангӣ аксар вақт ҳамчун роҳи бозгашт ба муколама ва эътимод хидмат кардаанд. Ин таҷриба нишон медиҳад, ки фарҳанг метавонад дар муносибатҳои байналмилалӣ вазифаи нармкунанда ва барқарорсозанда дошта бошад. Барои истифодаи дурусти ин имконият, ҳамкориҳои фарҳангӣ бояд шаффоф, ҳуқуқӣ, мутавозин ва ба манфиатҳои миллии ҳар ду давлат мувофиқ бошанд.

Давраи 2015-2021, ки дар унвони боб ҳамчун қаринаи асосӣ гирифта шудааст, масъалаи эҳтиёткорӣ ва мувозинат дар муносибатҳои фарҳангӣ аҳаммияти бештар пайдо кард. Дар чунин шароит, идомаи робитаҳои илмӣ, адабӣ ва фарҳангӣ бояд бо риояи манфиатҳои давлатӣ, қонунгузории миллӣ ва зарурати пешгирии истифодаи сиёсишудаи фарҳанг сурат мегирифт. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки фарҳанг дар ҷаҳони муосир дорои ду чеҳра аст: аз як тараф, он воситаи дӯстӣ ва ҳамдигаршиносӣ мебошад, аз тарафи дигар, дар сурати набудани танзими дуруст метавонад ба майдони рақобати ғоявӣ табдил ёбад. Аз ин рӯ, муносибати илмӣ ба равобити фарҳангӣ бояд на танҳо васфӣ, балки таҳлилӣ ва интиқодӣ бошад.

Бо ин ҳама имкониятҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Эрон метавонанд дар самтҳои нашри муштараки осори классикӣ, таҳияи энсиклопедия ва фарҳангномаҳои муштарак, омӯзиши мероси Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Сино,

Ҳофиз, Саъдӣ, Мавлоно, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Камоли Хуҷандӣ, ҳамчунин, таҳқиқи равобити адабии садаҳои XIX-XX барномаҳои нави илмӣ таҳия намоянд. Дар сатҳи маориф, ташкили курсҳои муштараки забон, мактабҳои тобистонаи таърих ва фарҳанг, табодули донишҷӯён, роҳандозии барномаҳои магистрӣ ва докторантураи муштарак метавонад ҳамкориҳоро мазмуни нав бахшад. Татбиқи лоиҳаҳои филмҳои бадеӣ ва ҳуҷҷатӣ, ки ба муаррифии шахсиятҳои муштараки таърихӣ ва ёдгориҳои ниёгон нигаронида шудаанд, ба тақвияти дипломатияи фарҳангӣ ва густариши ҳузури фарҳангҳои миллӣ дар фазои иттилоотии ҷаҳонӣ мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, дурнамои робитаҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ бояд дар асоси чанд принсип муайян карда шавад: эҳтироми соҳибихтиёрии фарҳангии ҳар ду кишвар, мувозинати манфиатҳо, такя ба илм ва маориф, густариши нашриёт ва рақамисозии мерос, ҳифзи хусусияти дунявӣ ва ҳуқуқии ҳамкориҳо, ҳамчунин истифодаи фарҳанг ҳамчун воситаи таҳкими сулҳ ва ҳамзистии минтақавӣ. Танҳо дар чунин сурат мероси муштарак аз сатҳи шиор ба сатҳи амали созанда мегузарад ва ба рушди воқеии муносибатҳои байнидавлатӣ хидмат мекунад.

Ҳамин тариқ, бо таваҷуҳ ба равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ дар арсаи фарҳангӣ метавон ба чунин хулоса омад:

1. Дар давраи мавриди таҳлил барои ҳифз ва эҳёи забон, фарҳанг, расму ойинҳо ва хотираи таърихии мардуми форсизабон иқдомҳои пайваста анҷом дода шуданд. Ин иқдомҳо аз баргузории ҷашнҳои адабӣ ва таърихӣ то нашри китоб, табодули ҳайатҳои фарҳангӣ, ифтитоҳи марказҳо ва эҳёи муассисаҳои илмӣ-фарҳангиро дар бар гирифтанд. Аз ин рӯ, ҳамкории фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ ҳамчун ҷузъи муҳимми ҳифзи мероси муштарак арзёбӣ мегардад.

2. Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ дар ин давра тавонистанд хотираи таърихии худро эҳё намуда, онро тақвият бахшанд. Амалӣ намудани чунин дипломатияи фарҳангӣ барои ҳар ду кишвар имкон фароҳам овард, ки

муколамаи фарҳангӣ миёни онҳо қатъ нагардад ва равобит барои марҳилаҳои баъдӣ заминаи эътимодро нигоҳ дорад.

3. Баргузории ҷашнвораҳои синамо, чорабиниҳои варзишӣ, семинарҳои илмӣ, шабҳои шеър, намоишгоҳҳои китоб, ҳафтаҳои фарҳангӣ, барномаҳои мусиқӣ, ҳамоишҳои забонӣ ва табодули манбаъҳои илмӣ аз густариши самти фарҳангии равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Эрон гувоҳӣ медиҳад. Ин раванд ба фарҳанг хусусияти зинда, ҳаракаткунанда ва ҷомеамеҳвар бахшид.

4. Намоишҳои китоб, муаррифии ҳунарҳои мардумӣ, барномаҳои театрӣ, консертҳо ва чорабиниҳои муштарак тадриҷан ба анъанаи муносибатҳои ду кишвар табдил ёфтанд, ки ба рушди фарҳанг ва наздикшавии мардумони онҳо мусоидат намуд.

5. Дар низоми ҳамкориҳои фарҳангиву гуманитарӣ маориф ва илм мақоми махсус касб карданд. Имзои аҳднома ва тавофуқномаҳо байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Эрон дар соҳаҳои маориф ва илм ба сохторҳои марбута имконият фароҳам оварданд, ки ҳамкориҳои худро дар ин самт боз ҳам тақвият бахшанд.

Ҳамин тавр, робитаҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ дар ибтидои асри XXI ҳамчун яке аз самтҳои асосии сиёсати хориҷии ду кишвар ва ҳамчун пояи маънавии муносибатҳои байнидавлатӣ ташаккул ёфтанд. Ин раванд, бо вуҷуди баъзе мураккабиҳои сиёсӣ, имкон дод, ки забон, адабиёт, илм, театр, синамо, мусиқӣ, китобхонашиносӣ, сайёҳӣ ва муассисаҳои фарҳангӣ ба майдони ҳамкории устувор табдил ёбанд. Аз ин рӯ, дурнамои рушди муколамаи фарҳангӣ, аз рӯйи самаранокии синтези асосҳои таърихӣ ва фарҳангӣ ва талаботи даврони муосир мувофиқ ва пайваст кардан барои ҳар ду кишвар муҳим арзёбӣ мешавад. Дар ҳамин замина, ҳамкориҳои фарҳангиро аз сатҳи чорабиниҳои рамзӣ, ба сатҳи барномаҳои мушаххаси илмӣ, таълимӣ ва фарҳангӣ баровардан ва таҷрибаи гузаштагонро ба манбаи эҷоди ҳамкориҳои нав табдил додан, амри воқеӣ мебошад.

3.2. Зарфиятҳо ва дурнамои рушди ҳамкориҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон дар қаринаи консепсияи нави сиёсати хориҷӣ

Ҳамкориҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ дар низоми умумии муносибатҳои дуҷониба мақоми мустақил ва, ҳамзамон, пайвандсоз доранд. Аз ин ҷиҳат, соҳаи фарҳанг дар равобити Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ танҳо як бахши ороишии дипломатия нест, балки яке аз пояҳои устувори шинохти тарафайн, эътимоди иҷтимоӣ ва муколамаи тулонии ду ҷомеаи ҳамзабону ҳамфарҳанг ба шумор меравад. Ба ин маъно, робитаҳои фарҳангӣ заминаи нарми муносибатҳои давлатӣ буда, дар бисёр ҳолатҳо қабл аз созишҳои расмӣ, фазои эътимод ва ҳамдигарфаҳмиро омода месозанд.

Маҳз дар солҳои соҳибистиқлолӣ ва ҳидояту сиёсати фарҳангпарваронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон равобити фарҳангӣ бо Эрон ба сатҳу сифати нав бароварда шуд. Дар ин раванд шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Кӯлоб, Бохтар ва Панҷакент дар Тоҷикистон, ҳамчунин, Теҳрон, Машҳад, Табрез, Қазвин, Исфаҳон, Язд, Шероз, Нишопур ва Ҳамадон дар Эрон ҳамчун нуқтаҳои асосии робитаҳои фарҳангӣ баромад карданд. Бародаршаҳрӣ, ҳафтаҳои фарҳангӣ, намоишгоҳҳо, рӯзҳои адабиву ҳунарӣ ва сафарҳои мутақобилаи зиёиён ба ин раванд мазмуни мушаххас бахшиданд.

Аз назари таърихӣ, фарҳанг барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Эрон на танҳо заминаи умумӣ, балки воситаи фаҳмиши сиёсати муосир низ мебошад. Ҳар ду кишвар худро вориси мероси бузурги тамаддуни эронитабор, ҷаҳони форсизабон, адабиёти классикӣ, суннатҳои илмӣ ва арзишҳои ахлоқии Шарқ медонанд. Ин худшиносӣ дар суханрониҳо, санадҳои расмӣ, ҳамоишҳои фарҳангӣ ва таҳқиқоти илмӣ пайваста инъикос ёфтааст. Ҳамин умумияти таърихӣ сабаб шуд, ки баъд аз истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон робита бо Эрон танҳо дар сатҳи дипломатияи расмӣ маҳдуд намонад, балки бо суръати зиёд ба соҳаҳои маориф, илм, фарҳанг, технология, тандурустӣ, сайёҳӣ ва ВАО ворид гардад.

Дар адабиёти илмӣ масъалаи робитаҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ ба таври гуногун таҳлил шудааст. Масалан, З. Сайидзода дар таҳқиқоти худ дар бораи фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамкории фарҳангиро чунин тавзеҳ додааст: «Маҷмӯи мубодилаи таҷрибаи пажуҳишгарон, омӯзгорон ва донишҷӯён, роҳандозии барномаҳои мусиқиву фарҳангӣ ва иштироки аҳли илму фарҳанг дар чорабиниҳои муштарак тавсиф мекунад» [59, с. 116]. Дар ҳамин замина Қ. Расулиён дар таҳқиқоти хеш робитаҳои илмиву фарҳангии ду кишварро аз нигоҳи таърихӣ баррасӣ намуда, «ба ҷойгоҳи адабиёт, санъат, илм ва ниҳодҳои фарҳангӣ дар тақвияти муносибатҳои дуҷониба баҳои махсус додааст» [42].

Арзиши таҳқиқоти мазкур на танҳо дар робитаҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ аст, балки ин самт дар равобити ҳар ду кишвар мавқеи калидӣ дорад. Аз як тараф, он хотираи муштараки таърихиро зинда нигоҳ дорад, аз ҷониби дигар, барои густариши ҳамкориҳои муосир дар соҳаи таҳсилот, нашри китоб, таҳқиқоти илмӣ, кино, театр, сайёҳӣ ва дипломатияи ҷамъиятӣ майдон фароҳам месозад. Ин ҷо дигар сухан аз «ҷашн гузаронидем ва парчам овехтем» нест, балки сухан аз коркарди як сармояи дарозумри таърихӣ меравад.

Бо вуҷуди мушкилоти ҷойдошта, дар муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ, равобити фарҳангӣ дар муносибати ду кишвар ба таври ҳамешагӣ мавқеи муҳимро касб карда буд. Сабаби асосӣ он аст, ки ин самт бар пояи ҳамзабонӣ, адабиёти муштарак, таҷрибаи таърихии дерина ва ниёзҳои воқеии ҷомеаҳо устувор мебошад. Ҳамин хусусият имкон дод, ки ҳатто дар даврaҳои мураккаб ҳам роҳи муколамаи фарҳангӣ комилан баста нашавад ва баъди фароҳам шудани шароити муносиб, дубора фаъол гардад.

Яке аз самтҳои муҳимми равобити фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ ҳамкорӣ дар соҳаи маориф ва илм мебошад. Ҳам Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам ҶИЭ, дар самтҳои гуногуни маорифу илм, аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ корҳои зиёдеро ба сомон расонидаанд. Масалан, омода

намудани мутахассисони сатҳҳои гуногун, забономӯзӣ, равобит миёни донишгоҳҳо, кушодани марказҳои илмиву фарҳангӣ, ҳунарӣ, баргузории конфронсу симпозиумҳо, рӯзҳои фарҳангӣ ва ғайра мавқеи хосса доштанд. Дар баробари ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон низ барои донишҷӯён ва муҳаққиқони эронӣ фазои омӯзиши забон, таърих, адабиёт ва фарҳанги тоҷиконро фароҳам овард.

Дар баъзе аз манобеъ чунин омадааст: «Табодули донишҷӯён, омӯзиши дипломатӣ, курсҳои кӯтоҳмуддати бонкӣ ва суғурта, омӯзиши забони форсӣ ва тачрибаомӯзии омӯзгорон аз шаклҳои амалии ин ҳамкорӣ ба шумор мерафтанд» [140]. Ин самт нишон медиҳад, ки робитаҳои фарҳангӣ танҳо ба театр, мусиқӣ ва намоишгоҳ маҳдуд набуда, ба сохтани сармояи инсонӣ низ нигаронида шудаанд. Зеро донишҷӯ, омӯзгор ё муҳаққиқ ҳангоми сафар ва таҳсил на танҳо дониши касбӣ, балки тачрибаи фарҳангӣ, забонӣ, муносибатҳои илмӣ ва шабакаи ҳамкориҳои минбаъдаро низ ба даст меорад.

Дар адабиёти мавҷуда қайд шудааст, ки Эрон аз ҷумлаи кишварҳое мебошад, ки дипломҳои донишгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро эътироф мекунад ва ба ҳамин сабаб, шумораи назарраси донишҷӯёни эронӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил кардаанд. Дар сарчашмаҳо аз таҳсили беш аз 1500 донишҷӯи эронӣ дар донишгоҳҳои Тоҷикистон ёд мешавад [83, с. 74]. Ин ҳолат барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти дуҷониба дорад. Аввалан, ҷалби донишҷӯёни хориҷӣ мақоми муассисаҳои таълимии кишварро боло мебарад. Сониян, хатмкардагони эронӣ баъдан метавонанд ҳамчун пайвандгарони илмӣ ва фарҳангӣ миёни ду ҷомеа амал кунанд.

ҶИЭ низ барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон квотаҳои муайян ҷудо намуда, имкони таҳсил дар Теҳрон, Қазвин, Машҳад ва дигар шаҳрҳои илмии худро пешниҳод кардааст. Илова бар ин, барои омӯзгорон ва донишҷӯён курсҳои семоҳа ва шашмоҳа ташкил гардида, гурӯҳҳои тачрибаомӯзӣ ба Эрон фиристода шудаанд [140]. Ин амалҳо дар таърихи муносибатҳои ду кишвар на танҳо ҳамчун иқдомҳои маъмурӣ, балки ҳамчун

шакли дипломатияи илмӣ арзёбӣ мешаванд. Дипломатияи илмӣ ба таври ором, бе шиор ва бе садои баланд кор мекунад, вале баъзан аз чандин изҳороти расмӣ натиҷаи устувортар медиҳад.

Пойгоҳи ҳуқуқии ҳамкориҳо дар самти маориф аз як силсила ёддоштҳо, протоколҳо ва созишномаҳои байни вазоратҳои дахлдори ду кишвар иборат мебошад. Дар ин миён метавон аз «Ёддошти ҳамкорӣ миёни Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва таълими Ҷумҳурии Исломии Эрон аз 30-юми апрели соли 2002, Ёддошти тафоҳум аз 17 октябри соли 2002, Протоколи ҳамкорӣ аз 26 июни соли 2006, Ёддоштҳои тафоҳум аз 26 январи соли 2007 ва 26 июни соли 2007, Протоколи мулоқоти Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон А. Раҳмонов бо Раиси Шӯрои олимони Ҷумҳурии Исломии Эрон Н. Аҳмад аз 1 майи соли 2008 ва Ёддошти ҳамкорӣ аз 16 ноябри соли 2011» [129, с. 160] ишора намуд.

Мазмуни ин санадҳо нишон медиҳад, ки ҷонибҳо ҳамкориро дар сатҳи тасодуфӣ пеш набурда, барои он заминаи меъёриву ҳуқуқӣ муҳайё сохтаанд. Ҳарчанд иҷрои пурраи чунин уҳдадориҳо ҳар сол ба омилҳои гуногуни сиёсӣ, иқтисодӣ ва ташкилӣ вобаста мебошад, худи тарҳи мазкур нишондиҳандаи мавҷуд будани иродаи институтсионалӣ барои рушди робитаҳо дар самти маориф мебошад.

Самти илмӣ низ дар доираи ҳамкориҳои фарҳангӣ ҷойгоҳи муҳим дорад. Таъсиси марказҳо, мубодилаи мунтазами таҷриба барои олимону фарҳангиёни ҳар ду кишвар заминаи мустаҳкамеро гузоштааст, ки ин ба коршиносони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Эрон имкон дод, ки масъалаҳои гуманитариро – аз таърих ва фалсафа то китобдорӣ – мунтазам баррасӣ кунанд ва самтҳои ҳамкории минбаъдаро якҷо муайян кунанд. Пайванди калидӣ дар ин раванд шарикии байни Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, донишгоҳҳои пешбари кишвар ва муассисаҳои дахлдори таҳқиқотии Эрон буд.

Ҳамин кӯшиши ҷонибҳо дар самти рушду густариши фарҳанг буд, ки соли 1994 Пажӯҳишгоҳи илмии фарҳангии форсӣ-тоҷикӣ таъсис ёфт,

шуъбаи илмӣ ва таълимии ВКХ-и Эрон ҳамкории худро бо Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакии АМИТ ба роҳ монд. Дар ин марказ як гурӯҳи муҳаққиқон ва омӯзгорони соҳаи фарҳанг ба фаъолият ҷалб гардида, роҳбарии гурӯҳ ба Мақсуди Қосимӣ супорида шуда буд [112, с. 144]. Ин иқдом дар давраи барои Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёр ҳассос сурат гирифт, он гувоҳи медиҳад, ки робитаҳои илмӣ ҳатто дар шароити ноустувории сиёсӣ низ аҳаммияти худро гум накардаанд.

Ифтитоҳи Маркази фарҳангии Эрон дар назди Сафорати ҶИЭ дар Душанбе дар соли 1995 тавре муҳаққиқон меоранд: «Барои густариши робитаҳои фарҳангии ду кишвар аҳаммияти ҷиддӣ дошт. Ҳадафи марказ муаррифии дастовардҳои фарҳангии Эрон, дастгирии робитаҳои адабӣ ва илмӣ, ҳамкорӣ бо муассисаҳои фарҳангии Тоҷикистон ва ташкили чорабиниҳои муштарак буд» [112, с.142-143].

Муҳаққиқ Х. Аббасиян чунин қайд менамояд: «Дар муддати кӯтоҳ ин марказ тавре ба яке аз майдонҳои баргузории семинарҳо, шабҳои шеър, муаррифии китобҳо, маҳфилҳои илмӣ ва чорабиниҳои фарҳангӣ табдил ёфт. Нашри маҷаллаҳои «Паёми андеша» ва «Рӯдакӣ», баргузории шабҳои эҷодии Аскар Ҳаким ва Фарзона, конфронсу мизҳои мудаввар дар мавзуъҳои «Арӯз ва мусиқӣ», «Вазъи имрӯзаи фолклоршиносӣ ва фолклоршиносии халқҳои форсӣ», «Ҳаким Умари Хайём» ва «Гуфтугӯи тамаддунҳо» бо ҳамкории Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва АМИТ аз ҷумлаи чорабиниҳое буданд, ки ба густариши муколамаи фарҳангӣ мусоидат карданд» [112, с. 142-143].

Фаъолияти марказҳои фарҳангӣ танҳо ба ташкили маҳфилҳо маҳдуд набуд. Онҳо ба китобхонаҳо, муассисаҳои таълимӣ ва нашрияҳо маводди зарурӣ, китоб, маҷалла ва дастгирии ташкилӣ пешниҳод мекарданд. Маҷаллаи «Адаб» бо бахши «Ганҷи адаб» ва замимаи рӯзномаи «Адабиёт ва санъат» бо номи «Пайванд» дар маъруфияти мероси адабии форсӣ-тоҷикӣ нақши махсус бозиданд. Ин ташаббусҳо дар давраи таҳаввулоти фарҳангӣ дар Тоҷикистон аз ҷиҳати стратегӣ муҳим буданд ва ба барқарорсозии

инфрасохтори нашрия, муоширати касбӣ ва раванди адабӣ пас аз буҳрони тулонӣ мусоидат карданд.

Рӯзҳои фарҳангӣ яке аз шаклҳои намоёни дипломатияи фарҳангии ду кишвар гардиданд. Дар ин чорабиниҳо ҳунарҳои мардумӣ, хаттотӣ, наққошӣ, либосҳои миллӣ, китоб, филм, мусиқӣ, театр ва адабиёт ба як низоми муаррифии фарогир табдил меёфтанд. Рӯзҳои фарҳангӣ аз як ҷиҳат ҷашнвора буданд, аз ҷиҳати дигар, воситаи шиносоии мутақобилаи ҷомеаҳо ва муаррифии қудрати нарми ҳар ду кишвар ба ҳисоб мерафтанд. Ҳамин қудрати нарм, ба фарқ аз сангину хушк будани баъзе санадҳо, бо забони эҳсос, хотира ва зебоӣ сухан мекунад.

Аз 22 то 28-уми марти соли 2011 дар шаҳрҳои Душанбе ва Хуҷанд Рӯзҳои фарҳанги Эрон дар Тоҷикистон баргузор гардид. Тавре аз Бойгонии ВКХ ҶТ бармеояд: «Дар доираи ин чорабинӣ намоишҳои акс, хаттотӣ, наққошӣ, либосҳои миллӣ, ҳунарҳои мардумӣ, кандакорӣ, фурӯши китобҳои муосир, дискҳои бадеӣ ва барномаҳои мусиқиву театрӣ ташкил шуданд. Ин чорабинӣ бо ҷашни Наврӯз пайванд дошта, ба он мазмуни махсуси тамаддунӣ бахшид. Бар асоси маълумоти бойгонӣ, дар рӯзҳои фарҳангӣ 15 ҳазор нусха китобу фита ва 16 компютер оварда шуда, ба китобхонаҳои шаҳрҳои ҷумҳурӣ туҳфа гардиданд» [6].

Дар худи ҳамин давра намоишгоҳи китобҳои муосири Эрон дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон, барномаҳои мусиқии суннатӣ ва эстрадӣ, намоиши филмҳои маъруф, аз ҷумла «Рӯдакӣ», «Юсуфи Паёмбар» ва «Мулки Сулаймон», ҳамчунин намоиши театрии «Рустам ва Исфандиёр» баргузор гардиданд [5]. Ин чорабиниҳо на танҳо аз гуногунрангии фарҳанги Эрон хабар медоданд, балки ба ҷомеаи Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медоданд, ки бо шаклҳои муосири муаррифии мероси муштарак шинос шавад.

Рӯзҳои 7-22-юми октябри соли 2011 Ҳафтаи фарҳангии шаҳри Табрез дар Душанбе ва Хуҷанд баргузор шуд. Ҳадафи асосии ин чорабинӣ имзои созишнома миёни бародаршаҳрҳои Табрез ва Хуҷанд ва густариши равобити

фарҳангӣ байни Душанбе, Хуҷанд ва Табрез буд. Ин масъала дар Бойгонии ВКХ ҶТ чунин омадааст: «Теъдоди иштирокчиёни ҳафтаи фарҳангӣ аз ҷониби Эрон 70 нафарро ташкил дода, аз онҳо 20 нафар масъулони шаҳру вилоят ва 50 нафар аҳли санъату фарҳанг буданд» [6]. Барномаҳои фарҳангӣ дар «Кохи Ҷомӣ», «Кохи Ваҳдат» ва «Кохи Борбад» баргузор гардида, филмҳо, намоишҳои мусиқӣ, баҳсҳои илмӣ, шабҳои шеър ва ҳунарнамоии гурӯҳҳои эронӣ ба тамошобинони тоҷик пешниҳод шуданд.

Ҳамчунин, дар доираи Ҳафтаи фарҳанги Табрез баҳси илмиву адабии «Шаҳриёр» баргузор гардид, ки ба ҷойгоҳи шоири маъруфи эронӣ ва нақши забони форсӣ дар фазои фарҳангии Табрезу Хуҷанд бахшида шуда буд. Дар ин нишастҳо масъалаи мақоми Камоли Хуҷандӣ дар таҳаввули ғазали тоҷикӣ-форсӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт [6]. Ин гуна маҳфилҳо робитаи байни шаҳрҳоро аз сатҳи маъмурӣ, ба сатҳи фарҳанги зинда мебароранд. Бародаршаҳрӣ танҳо имзо нест, балки хотираи муштарак, номи шоирон, забон ва дидори аҳли фарҳанг мебошад.

Оҳиста-оҳиста рӯзҳои фарҳангӣ на танҳо дар марказҳои ҷумҳурӣ, балки дар дигар шаҳрҳо, ба монанди Хуҷанд, Кӯлоб, Бохтар, Табрез, Ҳамадон, Шероз ва дигар марказҳо баргузор карда мешуданд, ки ин боз ҳам муносибатҳои фарҳангии ду кишварро мустаҳкам мекард. Ин аз як тараф, пайвасти шаҳрҳо ба дипломатияи фарҳангӣ маънидод шавад, аз ҷониби дигар, рӯнамоии фарҳангу эҷоди адибону ҳунармандон, шоирону нависандагони ҳар ду ҷониб ва ба мардумони ин шаҳрҳо мебошад.

Дар низоми равобити фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ нақши адабиёту алоқаҳои адабӣ меҳварӣ мебошад. Ин ҳолат табиӣ аст, зеро мероси бузурги адабиву ахлоқии бузургмардоне чун Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Камоли Хуҷандӣ ва дигар чеҳраҳои бузург, аз доираи марзҳои муосири сиёсӣ хеле фаротар меравад. Дар даврони истиқлолият табодули адабӣ ба яке аз муҳимтарин абзорҳои эҳёи шинохти мутақобилаи тоҷикону эрониён табдил ёфт. Нашри осори шоирону

нависандагони тоҷик дар Эрон ва муаррифии адибони эронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хонандагон ва алоқамандон имкон дод, ки фазои адабии ҳамдигарро аз нав бишиносанд.

Дар солҳои аввали истиқлолият нашрияҳои эронӣ ба муаррифии осори адибони тоҷик таваҷҷуҳи хос нишон доданд. Маҷаллаи «Оянда» дар шумораҳои солҳои 1991-1992 ашъори адибони тоҷик Убайд Раҷаб, Салимшо Ҳалимшо, Гулназар Келдӣ, Раҳмат Назрӣ ва Лоиқ Шералиро ба табъ расонда буд. Дар соли 1993 дар саҳифаҳои ҳамин маҷалла шеърҳои Муъмин Қаноат, Қутбӣ Киром ва Камол Насрулло нашр гардиданд. Ин иқдомҳо дар фазои баъдишуравӣ барои муаррифии адабиёти муосири тоҷик ба хонандаи эронӣ аҳаммияти рамзӣ ва амалии бузург доштанд. Маҷаллаи эронии «Симурғ» низ дар ин раванд нақши қобили таваҷҷуҳ дошт. Дар шумораҳои 7-9-уми соли 1990, ки ба фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда буданд, хонандаи эронӣ бо осори шоирони тоҷик шинос гардид. Баъдан, дар солҳои 1995 достонҳои Сотим Улуғзода «Эрони боҳиммат» ва «Дӯстони саховатманд» дар ду шумораи ин маҷалла чоп шуданд [42, с. 17]. Ин мисолҳо нишон медиҳанд, ки робитаҳои адабӣ пеш аз расмият ёфтани пурраи муносибатҳои нави давлатӣ низ заминаи худро доштанд.

Дар маҷаллаҳои маъруфи Эрон, аз ҷумла, ««Оянда», «Ироншинохт», «Симурғ», «Кайҳони фарҳангӣ», «Пӯиш», «Ошно», «Яғмо», «Бухоро», «Шеър», «Килк», «Ховарон», «Сухан», «Одина» ва «Дунёи сухан», ҳамчунин дар рӯзномаҳои «Ҷумҳурии исломӣ», «Кайҳон», «Ирон», «Шарқ», «Офариниш» ва замимаи адабии «Гулчарх» намунаҳои шеъру насри тоҷикӣ ва мақолаҳои илмӣ оид ба адабиёти тоҷик ба табъ расидаанд» [117, с. 17]. Ин нашрияҳо ба хонандаи эронӣ на танҳо номҳои адибони тоҷик, балки масъалаҳои таҳқиқи адабиёти тоҷикро низ муаррифӣ намуданд.

Муҳаққиқ С. У. Шарафов чунин қайд менамояд: «Рӯзномаву маҷаллаҳои Тоҷикистон, аз ҷумла «Омӯзгор», «Адабиёт ва санъат», «Пайванд», «Ҳамроз», «Садои Шарқ», «Фарҳанг», «Армуғон», «Маърифат» ва «Адаб» осори адибон ва пажуҳишгарони эрониро ба хонандаи тоҷик муаррифӣ

мекарданд» [110, с. 135-136]. Ин раванд ба густариши шинохти адабиёти муосири Эрон, таҳкими забоншиносӣ ва адабиётшиносии муқоисавӣ, инчунин ба омӯзиши равандҳои нав дар назму насри форсизабон мусоидат намуд.

Нашри китоб низ яке аз самтҳои амалии ҳамкориҳои адабӣ гардид. Дар ибтидои соли 2007 ашъори мунтахаби Шоири халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи А. Рӯдакӣ Камол Насрулло дар Эрон бо ҳуруфи форсӣ нашр шуда, бо теъдоди 2000 нусха миёни хонандагон паҳн гардид. Ин амал аз як тараф, ба муаррифии шоири тоҷик дар фазои форсизабон мусоидат намуд, аз ҷониби дигар, нишон дод, ки масъалаи алифбо метавонад бо роҳи нашрҳои мутақобил ва бозгардон ба хатҳои гуногун ҳал шавад.

Дар Тоҷикистон низ осори шоирон ва нависандагони эронӣ, аз ҷумла, Имом Хумайнӣ, Эраҷ Мирзо, Муҳаммад Ҳусайни Шаҳриёр, Парвини Эътисомӣ, Фурӯғи Фаррухзод, Фаррухии Яздӣ, Халил Сомонӣ, Ҳушанги Ибтиҳоҷ, Жолаи Исфаҳонӣ, Нодири Нодирпур, Муҳаммад Ҳиҷозӣ ва дигарон ба табъ расидаанд. Ҳамзамон, куллиёт ва достонҳо аз «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ, ашъори мунтахаби шоирони муосири Эрон, романҳо, достонҳо, фолклор ва адабиёти шифоҳии халқҳои эронӣ нашр гардидаанд. Тибқи маълумоти Муҳсин Маликиён, дар ин солҳо наздики 150 асари шоирони эронӣ дар Тоҷикистон ба нашр расидааст [117, с. 17].

Муҳаққиқи шинохтаи тоҷик Р. Абулҳаев дар таҳқиқоти хеш ба он нукта ишора кардааст: «Баргузории чунин чорабиниҳои нодири адабиву фарҳангӣ ба мисли, Рӯзи бузургдошти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, 1000-солагии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, 1100-солагии давлати Сомониён ва чорабиниҳои марбут ба Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ҳофиз ва Мавлоно намояндагони илму адаби Тоҷикистон, Эрон ва Афғонистонро ба ҳам меоварданд» [28, с. 79]. Дар анҷумани форсизабонҳои ҷаҳон ва симпозиуми «Нақши эрониён дар тамаддуни башарӣ», ки бо ибтикори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва АМИТ баргузор гардид, олимон ва сиёсатмадорони эронӣ ширкат намуданд.

Ин чорабиниҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки адабиёт барои кишварҳои форсизабон танҳо мероси гузашта нест, балки забони муколамаи имрӯз аст.

Синамо ва театр дар муносибатҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ мақоми махсус доранд, зеро онҳо таърих, забон, образ, мусиқӣ ва эҳсоси ҷомеаро дар шакли таъсирбахш ба бинанда мерасонанд. Тавре К.И. Хафтех меорад: «Яке аз намунаҳои аввалини ҳамкории синамоӣ филми «Сукут» мебошад, ки коргардони маъруфи эронӣ Муҳсин Махмалбоф моҳи январи соли 1998 бо иштироки ҳунармандони тоҷик қисмате аз онро дар Тоҷикистон ба навор гирифт. Ҳамчунин Маҳноз Афшор, ҳунарпешаи маъруфи эронӣ, дар филми «Муаллим», ки соли 2004 аз ҷониби синамогарони тоҷик таҳия шудааст, нақши асосиро бозидааст» [130, с. 20].

Дар соли 2007 силсилафилми «Шукрона» аз ҷониби синамогарони эронӣ бо ширкати ҳунармандони тоҷик ба навор гирифта шуд. Ин филм дар муаррифии таърих, фарҳанг ва симои иҷтимоии тоҷикон, ба ҷомеаи Эрон саҳми назаррас гузошт. Арзиши чунин лоиҳаҳо дар он аст, ки онҳо миёни мардум робитаи визуалӣ ва эҳсосӣ ба вуҷуд меоранд. Аз ҳамин ҷиҳат, синамо дар муаррифии таъриху фарҳанг нисбат ба баъзе шаклҳои расмии иттилоотрасонӣ, таъсири мустақимтар ва фарогиртар дошта метавонад.

Хафтех Каззозӣ Иброҳим қайд кардааст: «Баргузории ҷашнвораҳои синамо ва ҳафтаҳои намоиши филмҳои эронӣ ва тоҷикӣ пас аз истиқлолияти Тоҷикистон яке аз самтҳои муҳимми мубодилаи фарҳангӣ гардид. Дар ҷашнвораҳои синамо дар Эрон филмҳои тоҷикӣ, аз ҷумла асарҳое, ки ба «Шоҳнома» ва мероси Фирдавсӣ иртибот доштанд, намоиш дода шуданд. Ҳамкории коргардонҳои ду кишвар дар истеҳсоли филмҳо нишон дод, ки синамо метавонад ба воситаи муассири муаррифии чеҳраҳои фарҳангӣ ва хотираи муштарак табдил ёбад» [130, с. 20].

Солҳои 2008-2009 бо ташаббуси Дафтари намояндагии Маркази матбуоти радио ва телевизиони ҶИЭ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба телевизиони кишвар 16 филми телевизионӣ пешниҳод гардида буд, ки дар байни онҳо филмҳои «Сарбадорон», «Турш ва ширин», «Масалобод»,

«Қуттии ҷодуӣ», «Пас аз борон», «Барномаи қавли ғазал», «Дарди сари волидайн» ва «Ҷозибаҳои туристӣ ва шаҳрҳои бузурги Эрон» ёдоварӣ мешаванд. Бавижа, силсилафилми телевизионии «Юсуфи паёмбар» аз ҷониби тамошобинони тоҷик бо таваҷҷуҳи зиёд пазируфта шуда буд. Ин барномаҳо ба шиносоии ҷомеаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таърих, шаҳрҳо, санъат ва забони муосири ҶИЭ мусоидат карданд.

Ҳамкории радио ва телевизион дар самти муаррифии ёдгориҳои таърихии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ қобили таваҷҷуҳ аст. Тибқи маълумоти Бойгонии ВКХ ҶТ: «13 феврали соли 2011 Котиботи намояндагии садо ва симои ҶИЭ ба Вазорати фарҳанги Тоҷикистон нома ирсол карда, омодагии худро барои таҳияи барномаҳо дар бораи ёдгориҳои Панҷакент, оромгоҳи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Саразм ва Осорхонаи Панҷакент баён намуд» [6]. Ин иқдомҳо барои муаррифии мероси фарҳанги моддии тоҷикон дар ҶИЭ аҳаммияти ҷиддӣ доштанд.

Аз 27-уми январ то 1-уми феврали соли 2010 дар ҶИЭ ҷашнвораи синамогарон баргузор гардид, ки дар он синамогарони тоҷик филми «Наврӯзи ҳақиқӣ»-ро муаррифӣ карданд. Коргардони филм Носир Саидов бо ду ҷоизаи тилоӣ барои беҳтарин коргардон ва беҳтарин филм сарфароз гардид. Филм бо истифода аз рангу бори миллӣ, ҳунари Юрий Назаров ва мусиқии Далер Назаров симои рӯзгори тоҷиконро ба таври таъсирбахш нишон медод.

Театр низ дар ин раванд ҷойгоҳи худро дошт. Вазорати фарҳанг ва сохторҳои дахлдори ҶИЭ гурӯҳи эҷодии Театри давлатии академии ба номи А. Лоҳутии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо намоишномаи «Саргузаштҳои душвори Саъдии Шерозӣ», таҳти коргардонии Б. Абдураззоқов, ба 6-умин ҷашнвораи байналмилалии театрҳо дар Маривон даъват карданд. Ба ҳайати гурӯҳ ҳунармандон, аз ҷумла, Шоира Амирқулова, Салоҳиддин Шукуров, Абдукарим Машрабов ва дигарон ворид буданд хароҷоти молиявии сафарро ҷониби ҶИЭ ба уҳда гирифта буд [5].

Рӯзҳои 18-30-юми майи соли 2012 тавре дар маводди бойгонӣ омадааст: «Дар ҶИЭ Ҷашнвораи байналмилалии театрии «Муқовимат» баргузор гардид, ки дар он намояндагони эҷодии кишварҳои гуногун иштирок доштанд. Аз Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳи эҷодии «Театри давлатии ҷавонон ба номи М. Воҳидов» бо намоишномаи «Сарбозони қаторӣ», таҳти коргардонии Н. Меликов, ширкат варзид» [5]. Ин мисолҳо нишон медиҳанд, ки театр дар баробари синамо воситаи муассири муаррифии арзишҳои ахлоқӣ, хотираи ҷанг, сулҳ, инсондӯстӣ ва фарҳанги миллӣ гардидааст.

Ҳамкории расонаӣ аз ҷониби рӯзноманигорони тоҷик ва эронӣ низ тақвият ёфт. Дар ин замина, рӯзноманигороне, ки ба Теҳрон сафар карда, буданд аз муасиссаҳои симову садоӣ онҳо дидан намуданд. Дар навбати худ, намояндагони ҶИЭ низ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дастовардҳои фарҳангии тоҷиконро дар фазои иттилоотии кишвари худ муаррифӣ мекарданд.

Дар равобити фарҳангии ду кишвар сайёҳӣ ва шиносоӣ бо ёдгориҳои таърихӣ аҳаммияти зиёд доштанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрҳои бостонӣ, ёдгориҳои Суғду Бохтар, оромгоҳҳо, осорхонаҳо ва мероси адабӣ барои ҷомеаи ҶИЭ ҷолиб аст. Аз ин рӯ, сафарҳои мутақобила ба марказҳои таърихӣ танҳо сайру тамошо нестанд, балки онҳо як навъ омӯзиши зиндаи таърих мебошанд. Дар ин раванд Кумитаи имдоди Имом Хумайнӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои шиносоии шаҳрвандони тоҷик бо мероси моддӣ ва маънавии ҶИЭ имкон фароҳам овард. Аз ҷумла, барои гурӯҳҳои мардон, занон ва донишҷӯён нақшаҳои ҷудогонаи сафар таҳия мегардид. Дар моҳи июли соли 2005 бо ибтикори ин кумита гурӯҳи 16-нафарии занони тоҷик ба ҶИЭ сафар кардаанд, ки ба ин гурӯҳ табибон, рӯзноманигорон, нависандагон ва намояндагони ниҳодҳои гуногуни давлатӣ шомил буданд. Барномаи сафар боздид аз шаҳрҳои Теҳрон, Машҳад, Шероз ва Нишопурро дар бар мегирифт.

Аҳаммияти чунин сафарҳо дар он аст, ки онҳо робитаҳои фарҳангиро аз сатҳи расмӣ ба сатҳи таҷрибаи шахсӣ мебаранд. Вақте намояндаи ҷомеаи Тоҷикистон аз Нишопур, Машҳад, Шероз ё Теҳрон дидан мекунад, вай на танҳо ҷойро мебинад, балки муносибати худро ба таърихи муштарак аз нав

месозад. Ҳамин чиз барои эрониёне низ дуруст аст, ки аз Панҷакент, Саразм, оромгоҳи Рӯдакӣ, Хуҷанд, Душанбе ё Кӯлоб дидан мекунанд. Ҳар ду тараф дар чунин сафарҳо таърихи худро дар фазои фарҳангии якдигар бозшиносӣ мекунанд ва ин таҷриба ба таҳкими шинохти мутақобил мусоидат менамояд.

Соли 2008 дар ҳаёти адабӣ ва фарҳангии форсизабонҳо 1150-солагии зодрӯзи асосгузори адабиёти классикии тоҷикӣ-форсӣ Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ рӯйдоди бузург гардид. Ин ҷашн дар шаҳри Душанбе бо иштироки олимон, нависандагон, шоирон ва муҳаққиқон аз кишварҳои гуногун баргузор шуд ва намояндагони ҶИЭ низ дар он иштрок карданд.

Соли 2009 дар ҶИЭ симпозиуми байналмилалӣ бо иштироки намояндагони беш аз 40 кишвари ҷаҳон баргузор гардид, ки дар он намояндагони тоҷик низ иштирок намуданд. Ин мисол нишон медиҳад, ки сафарҳои фарҳангӣ метавонанд шакли омӯзиши касбӣ ва интиқоли таҷриба низ дошта бошанд.

Шеваи дигари ҳамкорӣ, табодули таҷриба дар заминаи китобдорӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои китобхонаҳо буд. Тавре дар Бойгонӣ омадааст: «Соли 2009 мутахассисони бахши китобхонашиносии Вазорати фарҳанги Тоҷикистон ба Эрон фиристода шуданд. Ба ҳайати гурӯҳ масъулони соҳаи китобдорӣ ва китобхонашиносӣ, аз ҷумла С. Шосаидов, З. Муҳитдинов ва дигарон шомил буданд» [5]. Ин самт аз он ҷиҳат муҳим аст, ки китобхона дар фарҳанги муосир танҳо ҷойи нигаҳдории китоб набуда, он маркази хотира, таҳқиқ, дастрасӣ ба иттилоот ва тарбияи фарҳангӣ мебошад.

Дар муносибатҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ Наврӯз мақоми рамзӣ дорад. Баргузории Наврӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ бо иштироки ҳунармандон, олимон, намояндагони фарҳанг ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба таҳкими фазои ягонаи маънавӣ мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, Наврӯз яке аз забонҳои бебаҳси дипломатияи фарҳангӣ мебошад.

Баҳори соли 2010, дар остонаи ҷашни Наврӯз, гурӯҳе аз устодон ва навозандагони эронӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон омада, дар давоми чанд рӯз дар байни тамошобинони тоҷик мусиқии классикӣ ва суннатии Эронро ичро

намуданд. Ин гуна чорабиниҳо барои шиносоии ҷомеаҳо бо анъанаҳои мусиқӣ, сабки иҷро, созҳо ва мавзуъҳои ҳунарӣ аҳаммияти зиёд доранд. Мусиқӣ ҳамчун забони умумиинсонӣ метавонад бидуни воситаҳои мураккаби шарҳу тафсир, эҳсоси наздикӣ ва ҳамдигарфаҳмиро миёни ҷомеаҳо тақвият диҳад.

Дар рӯзҳои фарҳангӣ ва ҳафтаҳои фарҳангӣ намоишҳои хаттотӣ, наққошӣ, либосҳои миллӣ, ҳунарҳои мардумӣ, кандакорӣ ва дигар шаклҳои санъати амалӣ баргузор мешуданд. Маҳз ҳамин гуногунрангӣ робитаҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистону Эронро аз шакли маҳдуди адабӣ ба фазои васеи мардумшиносӣ ва ҳунаршиносӣ мебарад. Дар ин замина, таваҷҷуҳ ба мусиқии классикии тоҷикӣ, аз ҷумла «Фалак» ва «Шашмақом», барои дурнамои ҳамкориҳо аҳаммияти махсус дорад. Ин ду падидаи мусиқӣ на танҳо арзиши миллӣ, балки иқтидори байналмилалӣ доранд. Мисоли равшани ҳамкориҳои фарҳангии Тоҷикистон ва Эрон баргузории Рӯзҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҶИЭ аз 2 то 9-уми октябри соли 2022 мебошад. Барои иштирок дар ин чорабинии фарҳангӣ ҳайати 54-нафарии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Теҳрон сафар кард. Барномаҳо дар шаҳрҳои Теҳрон, Табрез ва Шероз баргузор гардида, ба муаррифии фарҳанг, мусиқӣ, ҳунар ва симои муосири Тоҷикистон равона шуданд. Дар идомаи ҳамин раванд, аз 30-юми октябр то 6-уми ноябри соли 2022 Рӯзҳои фарҳанги Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Бохтар ва Кӯлоб баргузор гардиданд. Ин чорабинӣ нишон дод, ки равобити фарҳангӣ дигар танҳо дар доираи пойтахт маҳдуд нест ва метавонад минтақаҳои гуногуни Тоҷикистонро фаро гирад. Барои ҷомеаи маҳаллӣ чунин рӯзҳои фарҳангӣ имкони медиҳанд, ки бо ҳунар, китоб, мусиқӣ ва таҷрибаи фарҳангии кишвари ҳамзабон бевосита шинос шаванд.

Намоишгоҳҳои китоб низ дар давраи нав аҳаммияти махсус пайдо карданд. Тавре И. Н. Наимов овардааст: «Аз 7 то 12-уми майи соли 2023 Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси меҳмони вижа дар Намоишгоҳи байналмилалии китоби Теҳрон иштирок намуд. Ҳайати Тоҷикистонро Вазири

фарҳанг Зулфия Давлатзода роҳбарӣ мекард. Баъдан, аз 9 то 16 майи соли 2024 сафари ҳайати Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иштирок дар Намоишгоҳи байналмилалии 35-уми китоби Теҳрон сурат гирифт» [123].

Аз таҳлили мавод ва рӯйдодҳои зикршуда бармеояд, ки зарфиятҳои ҳамкориҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ-ро метавон дар чанд сатҳ муайян кард. Сатҳи аввал сатҳи таърихӣ-тамаддунӣ мебошад, ки ба умумияти забон, адабиёт, мероси фарҳангӣ, чеҳраҳои бузурги илмӣ ва хотираи муштарак такя мекунад. Ин сатҳ барои муносибатҳои ду кишвар заминаи маънавӣ ва рамзӣ фароҳам меорад. Бидуни ин замина, бисёр иқдомҳои расмӣ хушк ва кӯтоҳумр мешуданд.

Сатҳи дувум, сатҳи институтсионалӣ мебошад. Ба ин сатҳ вазоратҳо, донишгоҳҳо, академияҳо, китобхонаҳо, марказҳои фарҳангӣ, театрҳо, киностудияҳо, расонаҳо, кумитаҳои варзишӣ ва сохторҳои байнишаҳрӣ дохил мешаванд. Санадҳои имзошуда миёни ин ниҳодҳо заминаи ҳуқуқӣ ва ташкилӣ барои идомаи ҳамкориро фароҳам мекунанд. Маҳз дар ҳамин сатҳ робитаҳои умумӣ ба лоиҳа, барнома, сафар, семинар, нашр, намоишгоҳ ва натиҷаи мушаххас табдил меёбанд.

Сатҳи сеюм, сатҳи иҷтимоӣ-мардумӣ буда, донишҷӯён, омӯзгорон, олимон, нависандагон, ҳунармандон, журналистон, китобдорон, сайёҳон ва иштирокчиёни чорабиниҳои фарҳангӣ робитаҳои ду кишварро аз сатҳи ҳуҷҷат ба сатҳи муносибатҳои инсонӣ мегузаронанд. Ин сатҳ аз ҳама устувортар аст, зеро муносибати шахсӣ, хотираи сафар, дӯстии илмӣ ва таҷрибаи муштарак зуд аз байн намеравад. Ҳамин робитаҳои шахсӣ ва касбӣ дар шароити тағйирёбии вазъи сиёсӣ низ метавонад ҳамчун захираи эътимод ва идомаи муколама хизмат кунад.

Сатҳи чорум, сатҳи иқтисоди фарҳангӣ аст. Нашри китоб, намоишгоҳҳои байналмилалӣ, саноати синамо, туризм, ҳунарҳои мардумӣ, маҳсулоти фарҳангӣ, барномаҳои телевизионӣ ва фестивалҳо метавонанд ба манфиати иқтисодӣ низ табдил ёбанд. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ, ки

ҳар ду дорои мероси бойи таърихӣ мебошанд, иқтисоди фарҳангӣ метавонад яке аз самтҳои нав ва пурсамари ҳамкорӣ гардад. Дар ин самт, махсусан, сайёҳии фарҳангӣ, гардиши китоб, тарҷума, истеҳсоли муштараки филм ва барномаҳои мусиқӣ имкониятҳои зиёд доранд.

Панҷум, ин сатҳи илму технология мебошад. Баргузории муштараки нишастҳои илмӣ, ҳамкори миёни муасиссаҳои илмӣ, лоиҳаҳои муштарак ва экспедитсияҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки робитаҳои гуманитарӣ метавонанд ба рушди илм ва инноватсия низ мусоидат кунанд. Ин масъала барои даврaи муосир ниҳоят муҳим аст, зеро фарҳанг дигар танҳо ҳифзи гузашта нест. Фарҳанг бояд қобилияти тавлиди дониши навро низ дошта бошад. Дар акси ҳол, фарҳанг танҳо ба ҳифзи ёдгорӣ маҳдуд гардида, қобилияти таъсиргузорӣ ба рушди муосирро аз даст медиҳад.

Бо вуҷуди дастовардҳои назаррас, ҳамкориҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ аз баъзе мушкилот низ холӣ нестанд. Нахуст, баъзе санадҳо ва созишномаҳо дар сатҳи амалишавӣ ба мушкил дучор мешаванд. Сабаб метавонад маҳдудияти молӣ, тағйири афзалиятҳои сиёсӣ, вазъи минтақавӣ, мушкилоти раводидӣ, норасоии ҳамоҳангсозии байниидоравӣ ё камбуди механизмҳои мониторинг бошад. Дар сурати набудани механизмҳои иҷро ва арзёбӣ санадҳо, он метавонанд хусусияти формалӣ гирифта, таъсири амалии худро аз даст диҳанд.

Дуюм, масъалаи алифбо ва дастрасӣ ба матнҳо ҳамоно аҳаммияти худро нигоҳ медорад. Тоҷикон, асосан, аз хатти криллӣ истифода мекунанд, дар ҳоле ки Эрон хатти форсӣ ба кор мебарад. Ин фарқият барои хондани осори муосир, дастрасии хонандагон ба китобҳо, тарҷумаи матнҳо ва мубодилаи адабӣ монеаи муайян эҷод мекунад. Ҳалли ин масъала нашри дугона, баргардони матнҳо, таҳияи луғатҳо, платформаҳои рақамӣ ва ҳамкории ноширонро талаб мекунад.

Сеюм, муносибатҳои фарҳангӣ бояд аз вобастагии аз ҳад зиёд ба чорабиниҳои ҷашнӣ раҳо шаванд. Ҷашнҳо, рӯзҳои фарҳангӣ ва намоишгоҳҳо муҳиманд, вале агар онҳо бо таҳқиқоти муштарак, барномаҳои таълимӣ,

нашри китоб, лоиҳаҳои рақамӣ, грантҳои илмӣ ва омӯзиши мунтазам пайваст нашаванд, таъсири онҳо кӯтоҳмуддат хоҳад буд. Фарҳангро на танҳо бояд ҷашн гирифт, балки бояд омӯхт, ҳифз кард, рақамӣ сохт ва ба насли нав интиқол дод. Дар баробари чорабиниҳои ҷашнӣ, ташкили бойгониҳои рақамӣ, нашри илмӣ ва барномаҳои таҳқиқотӣ низ зарурати ҷиддӣ дорад.

Чорум, ҳамкориҳои расонаӣ ва синамоӣ ба барномаҳои дарозмуддат ниёз доранд. Намоиши филмҳо ва табодули барномаҳо қадами аввал аст, аммо истеҳсоли муштараки филмҳои ҳуҷҷатӣ, силсилафилмҳои таърихӣ, барномаҳои илмӣ-маърифатӣ ва лоиҳаҳои телевизионии махсус оид ба мероси муштарак метавонад самараи бештар диҳад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Эрон мавзуъҳои зиёде доранд, ки барои синамои таърихӣ, филми ҳуҷҷатӣ ва барномаҳои маърифатӣ мувофиқанд: Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Камоли Хуҷандӣ, Сомониён, Саразм, Панҷакент, Хуросон, Наврӯз, роҳҳои тиҷоратӣ ва робитаҳои илмии асримиёнагӣ аз қабили онҳо мебошад.

Панҷум, ҷалби ҷавонон ба ин раванд ҳанӯз ҳам ба тақвият ниёз дорад. Ҳамкории фарҳангӣ агар танҳо дар сатҳи насли калонсол ва муассисаҳои расмӣ бимонад, тадриҷан таъсири худро аз даст медиҳад. Барномаҳои муштараки донишҷӯён, озмунҳои тарҷума, фестивалҳои ҷавонон, мактабҳои тобистона, курсҳои онлайн, лоиҳаҳои стартапӣ дар соҳаи фарҳанг ва технология метавонанд робитаҳои гуманитариро ба забони насли нав наздик созанд. Ҷавононро бо протоколҳои серсаҳифа ҷалб кардан душвор аст онҳо ба имконият, озодӣ, технология ва маъно ниёз доранд.

Ҳамин тавр, дурнамои рушди ҳамкориҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ-ро метавон дар чанд самти асосӣ муайян намуд. Аввалан, густариши рӯзҳои фарҳангӣ ва ҳафтаҳои адабӣ, баргузор намудани намоишгоҳҳои китоб, фестивалҳои кинову мусиқӣ, озмунҳои гуногуни фарҳангӣ, аз қабили «Фалак», «Шашмақом», «Шоҳномахонӣ» ва монанди инҳо. Ин чорабиниҳо бояд на танҳо дар Душанбе ва Теҳрон, балки дар Хуҷанд, Кӯлоб, Бохтар, Панҷакент, Табрез, Шероз, Машҳад, Язд ва Ҳамадон низ баргузор шаванд.

Дуюм, ба роҳ мондани ҳамкориҳои устувори илмӣ байни донишгоҳҳо, пажуҳишгоҳҳо ва академияҳои ду кишвар аст. Дар ин самт соҳаҳои таърих, забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, фалсафа, фарҳангшиносӣ, бостоншиносӣ, китобдорӣ, шарқшиносӣ ва технологияҳои иттилоотӣ ҷойгоҳи махсус доранд.

Сеюм, рушди муштараки синамо. Бо ҷалби бештари конргардонҳо, сенаристҳо, ҳунармандон ва санъатшиносони ду кишвар метавон филмҳои бадеӣ, ҳуҷҷатӣ ва таърихӣ дар бораи чеҳраҳои бузурги адабу илм, шаҳрҳои таърихӣ, ёдгориҳо ва робитаҳои тамаддунӣ таҳия намуд. Аз ҷумла, мавзуъҳои Рӯдакӣ, Камоли Хуҷандӣ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Саъдӣ, Фирдавсӣ, Сомониён, Саразм ва Наврӯз барои чунин ҳамкорӣ имкониятҳои зиёд фароҳам меоранд. Ин кор, агар ҷиддӣ анҷом ёбад, аз даҳҳо суханронӣ таъсирбахштар хоҳад буд.

Чорум, густариши сайёҳии фарҳангӣ ва таърихӣ. Дар рушди ин самт, пеш аз ҳама, метавон ширкатҳои сайёҳии ду кишварро ҷалб намуда, ҳамзамон, хатсайрҳои нави муштаракро бояд таҳия кард. Бо вуҷуди он, ки айни ҳол баъзе чунин хатсайрҳо вуҷуд доранд, ба монанди «Роҳи Рӯдакӣ», «Шаҳрҳои адабиёти форсӣ», «Наврӯз ва фарҳанги мардумӣ», «Аз Саразм то Шероз», «Ёдгориҳои Сомониён ва Хуросон», метавон шумораи онҳоро бештар кард. Ин гуна хатсайрҳо метавонанд ҳам барои сайёҳони дохилии ду кишвар ва ҳам барои муҳаққиқон, донишҷӯён ва дӯстдорони фарҳанги Шарқ ҷолиб бошанд.

Панҷум, рақамисозии мероси муштарак. Дар ин маврид марказҳои омӯзишӣ ва фарҳангии ҷонибҳо метавонанд як платформаи муштараки электронӣ таъсис дода, сарчашмаву дастхатҳо, китобҳои нодир, аксҳои таърихӣ, сабтҳои мусиқӣ, маводи аудиовизуалӣ ва умуман, асрҳои олимону адибони шинохтаи кишварҳоро дар он ҷой дод, то мардумони ҳар ду кишвар тавонанд ба таври васеъ аз онҳо истифода намоянд. Бо вуҷуди фарқи алифбо, чунин платформа бояд имконияти ҷустуҷӯ бо хатти кириллӣ ва форсӣ дошта бошад. Чунин платформа дастрасии муҳаққиқонро ба мавод осон намуда,

имкони истифодаи васеи мероси муштаракро дар таҳқиқот ва таълим таъмин мекунад.

Шашум, таҳкими ҳамкориҳои китобдорӣ ва нашр аст. Таҷрибаи иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Намоишгоҳи байналмилалии китоби Теҳрон ва баргузории намоишҳои китоб дар рӯзҳои фарҳангӣ нишон медиҳад, ки бозори китоб ва тарҷума метавонад яке аз самтҳои пурсамари робитаҳо бошад. Бозгардонии осори адибони тоҷик бо хатти форсӣ, нашри осори адибони эронӣ бо хатти криллӣ, омода кардани силсилаҳои «Китобхонаи адабиёти тоҷик дар Эрон» ва «Китобхонаи адабиёти Эрон дар Тоҷикистон», барои таҳкими фазои ягонаи фарҳангӣ аҳаммияти калон дорад.

Ҳафтум, рушди дипломатияи ҷавонон аст. Барномаҳои мубодилаи донишҷӯён, мактабҳои тобистонаи забон ва фарҳанг, озмунҳои иншо, тарҷума, филми кӯтоҳ, акс, мусиқӣ ва стартапҳои фарҳангӣ метавонанд робитаҳои ду кишварро ба насли нав интиқол диҳанд. Дар ин самт истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ, курсҳои онлайн, подкастҳо, лексияҳои кушод ва платформаҳои рақамӣ муҳим мебошад. Зеро насли навро танҳо бо ёдоварии гузашта нигоҳ доштан намешавад ба онҳо бояд нишон дод, ки ин гузашта барои ояндаи онҳо чӣ арзиш дорад.

Ҳаштум, таҳкими ҳамкориҳои варзишӣ ва фарҳанги солим мебошад. Ёддошти тафоҳум байни Кумитаи миллии олимпии Тоҷикистон ва Кумитаи миллии олимпии ҶИЭ метавонад ба баргузории мусобиқаҳои дӯстӣ, ҷамъомадҳои омӯзишӣ, мубодилаи мураббиён ва иштироки варзишгарон дар чорабиниҳои муштарак мусоидат кунад [145]. Варзиш дар ин ҷо танҳо рақобати ҷисмонӣ нест, балки воситаи шиносоии ҷавонон, тарғиби ахлоқи солим ва густариши робитаҳои иҷтимоӣ мебошад.

Нуҳум, ҳамкории илмӣ-фановарӣ мебошад, ки дар санадҳои солҳои охир низ инъикос ёфтааст. Ёддошти ҳамкории илмӣ ва фанноварӣ байни АМИТ ва Муовинати илмии Раёсати Ҷумҳурии Исломии Эрон [145] метавонад барои иҷрои лоиҳаҳои муштарак дар самтҳои илмҳои гуманитарӣ, технологияҳои рақамӣ, муҳити зист, об, энергетика, тиб, кишоварзӣ ва таҳқиқоти бунёдӣ

замина фароҳам созад. Пайвастани илм ва фарҳанг барои Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ имкон медиҳад, ки робитаҳои таърихиро ба захираи рушди муосир табдил диҳанд.

Даҳум, таҳкими ҳамкориҳои байнишаҳрӣ мебошад. Эҳёи равобит байни Хуҷанд ва Язд [145], инчунин таҷрибаи Табрез ва Хуҷанд нишон медиҳад, ки бародаршаҳрӣ метавонад ба ҳамкориҳои амалӣ дар соҳаҳои фарҳанг, туризм, маориф, ҳунарҳои мардумӣ, нашр ва иқтисоди шаҳрӣ мусоидат намояд. Шаҳрҳо дар таърих ҳамеша маркази муколама, тиҷорат, илм ва адаб будаанд. Аз ин рӯ, дипломатияи шаҳрӣ дар равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ бояд мақоми бештар пайдо кунад.

Ҳамин тавр, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳамкориҳои фарҳангӣ-гуманитарии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ ҳамеша дар рушд ҳастанд. Ин раванд дар оғоз бештар ба эҳёи робитаҳои адабӣ, сафарҳои фарҳангӣ, ҳамоишҳо ва муаррифии мероси муштарак такя мекард. Баъдтар он ба соҳаҳои маориф, илм, кино, театр, китобдорӣ, расона, сайёҳӣ, варзиш ва фанноварӣ густариш ёфт. Дар марҳилаи муосир, махсусан, баъди фаъолшавии робитаҳо ин ҳамкорӣ мазмуни институтсионалӣ ва дурнамои амалии бештар пайдо кардааст.

Нуктаи асосӣ дар он аст, ки фарҳанг барои Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ танҳо хотираи гузашта нест. Он воситаи ташаккули эътимоди муосир, майдони ҳамкории илмӣ, сарчашмаи дипломатияи мардумӣ ва захираи рушди оянда мебошад. Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Камоли Хуҷандӣ, Наврӯз, Саразм, Панҷакент, Шероз ва Табрез танҳо рамз нестанд; онҳо метавонанд ба барномаҳои илмӣ, сайёҳӣ, синамоӣ, нашрӣ ва таълимӣ табдил ёбанд. Агар ин сармоя дуруст истифода шавад, равобити фарҳангӣ яке аз устувортарин пояҳои муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ боқӣ мемонад.

Ҳамин тариқ, бо дарназардошти мазмуни санадҳо ва таҷрибаи амалии солҳои охир, дурнамои тавсеаи ҳамкориҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ-ро метавон чунин мушаххас намуд:

1. Барои мустаҳкам намудани робитаҳои гуманитарии дуҷониба, тақвияти фаъолиятҳои муштараки фарҳангӣ. Ин доираи васеи чорабиниҳоро, аз форумҳои китоб ва театр, то озмунҳои мусиқӣ ва намоишҳои ҳунармандӣ, дар бар мегирад. Аҳаммияти хос ба таблиғи мероси фарҳангии муштараки ҷонибҳо тавассути барномаҳои муштарак дар жанрҳои «Фалак», «Шашмақом» ва «Шоҳномахонӣ» дода мешавад.

2. Тақвият бахшидани ҳамкориҳои илмӣ ва таълимӣ миёни донишгоҳу донишкадаҳо, пажуҳишгоҳҳо, китобхонаҳо ва монанди инҳо.

3. Рушди ҳамкориҳои синамоӣ ва театрӣ бо иштироки ҳунармандону коргардонҳо ва сенаристҳои ҳар ду кишвар.

4. Стратегияи рушди сайёҳии фарҳангӣ ва таърихӣ, муттаҳид кардани талошҳои ширкатҳои дахлдори ҳар ду кишвар, тарҳрезии масирҳои фаромарзии ҳамаҷониба ва навсозии маконҳои мероси фарҳангиро дар бар мегирад. Самти муҳимми таваҷҷӯҳ, таҳияи абзорҳои рақамии бисёрзабона мебошад, ки дастрасӣ ба маълумоти таърихиро ҳам барои аудиторияи васеи сайёҳӣ ва ҳам барои мутахассисони илмҳои гуманитарӣ фароҳам меоранд.

5. Рақамӣ кардани мероси фарҳангӣ: тарҷумаи дастнависҳо, китобҳои нодир, бойгонӣ ва маводди медиавӣ ба формати онлайн барои дастрасии ройгони муҳаққиқон, донишҷӯён ва дигар қишри ҷомеа.

6. Ҷалби ҷавонон ба равобити фарҳангӣ тавассути мактабҳои тобистона, курсҳои онлайн, озмунҳои эҷодӣ, барномаҳои мубодилаи донишҷӯён ва лоиҳаҳои рақамӣ дар соҳаҳои забон, фарҳанг, таърих ва технология.

7. Таҳкими ҳамкории байнишаҳрӣ, аз ҷумла, дар доираи равобити Хуҷанд-Язд, Хуҷанд-Табрез ва дигар шаҳрҳои таърихӣ, бо мақсади табодули таҷриба дар соҳаҳои фарҳанг, сайёҳӣ, китобдорӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва иқтисоди шаҳрӣ.

Дар натиҷа метавон гуфт, ки робитаҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ дорои асоси таърихии амиқ, пойгоҳи иҷтимоии воқеӣ ва зарфияти васеи рушд мебошанд. Вазифаи марҳилаи оянда аз он иборат аст, ки ин зарфият аз сатҳи чорабиниҳои ҷудогона ба сатҳи барномаҳои

дарозмуддат, институтҳои фаъол, лоиҳаҳои муштарак ва натиҷаҳои комил гузаронида шавад. Танҳо дар ин сурат фарҳанг аз сатҳи рамзӣ ба нерӯйи воқеии ҳамгироӣ, рушди илмӣ ва таҳкими муносибатҳои дарозмуддати ду кишвар табдил меёбад.

ХУЛОСА

1. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Оғози солҳои 90-уми асри XX низоми ҷаҳонии пасошуравӣ ба марҳилаи дигаргуншавии куллӣ ворид гардид. Барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ на танҳо як воқеаи сиёсӣ, балки як гардиши таърихӣ буд, ки харитаи геополитикии Авруосиёро дигар кард ва дар назди ҷумҳуриҳои собиқи шуравӣ масъалаи ташаккули давлатдории миллӣ, ҳифзи соҳибихтиёрӣ, муайян намудани самти сиёсати хориҷӣ ва ворид шудан ба низоми нави муносибатҳои байналмилалиро гузошт. Кишварҳои Осиёи Марказӣ, ки солҳои тулонӣ дар доираи як фазои ягонаи сиёсӣ, иқтисодӣ ва маъмурӣ қарор доштанд, ногаҳон бо зарурати худтаърифкунӣ, худсозӣ ва худдифоъ дар арсаи минтақавию ҷаҳонӣ рӯ ба рӯ шуданд. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин раванд мавқеи хос дошт: аз як тараф, ба мероси ғании таърихӣ, фарҳангӣ ва тамаддунии худ такя мекард, аз тарафи дигар, бояд дар шароити буҳрони сиёсӣ, иқтисодӣ ва амниятӣ ниҳодҳои давлатиро таҳким мебахшид ва модели муносибатҳои хориҷии худро муайян менамуд.

Истиқлоли давлатӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон имкони эҳёи мустақилияти сиёсӣ, ташаккули дипломатияи миллӣ ва пайвастан ба ҷомеаи ҷаҳониро фароҳам овард. Дар чунин вазъият сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ибтидо ба принсипҳои ҳамкорӣ, ҳамёрӣ, мувозинати манфиатҳо ва истифодаи имкониятҳои таърихию фарҳангӣ барои таъмини рушди давлат такя намуд. Маҳз дар ҳамин замина, робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҶИЭ ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми сиёсати хориҷии кишвар ташаккул ёфтанд. ҶИЭ аз ҷумлаи давлатҳое буд, ки пас аз пайдо шудани ҷумҳуриҳои мустақили Осиёи Марказӣ, ба шинохти сиёсиву дипломатии онҳо, аз ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намуд. Ин таваҷҷуҳ танҳо бо ҳамсоягии ҷуғрофиёӣ ё манфиатҳои иқтисодӣ маҳдуд намегардид. Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Эронро пайвандҳои амиқи забонӣ, таърихӣ, адабӣ, динӣ, фарҳангӣ ва тамаддунӣ ба ҳам наздик месозанд. Дар баробари ин, Эрон ба минтақаи Осиёи Марказӣ ҳамчун фазои

дорои аҳаммияти стратегии иқтисодӣ, нақлиётӣ, энергетикӣ ва геополитикӣ менигарист. Дар ин росто, дар фазои муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ на танҳо равобити дипломатӣ, балки ҳаёти таърихӣ, фарҳангӣ ва минтақавӣ ҷойгоҳи махсус пайдо карда буд.

Таҳқиқи анҷомёфта нишон медиҳад, ки дар равобити Ҷумҳури Тоҷикистону ҶИЭ унсури фарҳангӣ аз ибтидо нақши муҳим дошт. Забон, адабиёт, хотираи таърихӣ, мероси муштараки тамаддунӣ ва шахсиятҳои бузурги илму фарҳанг барои наздикшавии ду давлат заминаи маънавӣ фароҳам оварданд. Ҳамзамон, дар солҳои ҷанги шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон кумакҳои башардӯстона, миёнравиҳои дипломатӣ ва талошҳои алоҳидаи Эрон дар раванди сулҳ ба сифати ҷузъи муҳимми таърихи муносибатҳои дуҷониба арзёбӣ мешаванд. Бо вуҷуди ин, масъалаи нақши Эрон дар солҳои низои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд бо риояи меъёри таърихнигории илмӣ, бо такя ба санадҳо, мавқеъҳои расмӣ ва таҳлили муқоисавии сарчашмаҳо баррасӣ гардад, на бо эҳсосот ё содагардонии сиёсӣ.

Пас аз омӯзиш ва таҳлили масъалаи мазкур, ки ташаккул ва рушди робитаҳои гуногунҷанбаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ инъикос менамоянд, натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқот чунин ҷамъбаст карда мешаванд.

1. Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ дар аввали асри XXI дар заминаи сарчашмаҳои таърихӣ, маводди бойгонӣ, санадҳои давлатӣ, ҳуҷҷатҳои байниҳукуматӣ, рисолаҳои илмӣ, гузоришҳои конференсияҳо, маводди воситаҳои ахбори омма ва сарчашмаҳои электронӣ таҳлил гардида, муайян карда шуд, ки ин муносибатҳо танҳо муносибатҳои ду давлати муосир нестанд, балки онҳо давоми таърихии пайвандҳои деринаи ду ҷомеаи ҳамфарҳанг мебошанд, ки дар шароити нави сиёсӣ шакли байнидавлатӣ гирифтанд. Таърих ва фарҳанги муштарак, арзишҳои маънавӣ, анъанаҳои ҳамзистӣ, мероси забонӣ ва хотираи таърихӣ дар тули асарҳои гуногун ҳамчун заминаи наздикшавӣ ва ҳамкорӣ амал кардаанд. Дар даврони истиқлол ин омилҳо ба унсури муҳимми дипломатияи фарҳангӣ ва

гуманитарии ду кишвар табдил ёфтанд. Аз ин нуқтаи назар, дӯстӣ, эҳтироми тарафайн ва манфиати муштарак барои рушди муносибатҳои мутақобилан судманд, асоси боэътимод ба шумор мераванд.

2. Масъалаи омӯзиши робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ аз масъалаҳои муҳим ва ҳамзамон, мураккаби илми таърих, сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ мебошад. Мураккабии он дар он зоҳир мегардад, ки ин робитаҳо ҳамзамон чанд сатҳ доранд: сатҳи таърихӣ, фарҳангӣ, дипломатӣ, иқтисодӣ, амниятӣ ва геополитикӣ. Решаҳои ин муносибатҳо ба таърихи тулонии халқҳои эронитабор, анъанаҳои муштараки маънавӣ ва мероси тамаддунии минтақа пайвастанд. Аз ин рӯ, таҳқиқи масъала талаб мекунад, ки таърихи муносибатҳои мардумони ҳамзабон ва ҳамфарҳанг на танҳо ҳамчун ёддошти фарҳангӣ, балки ҳамчун омили воқеии сиёсати муосир баррасӣ шавад.

3. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми муносибатҳои минтақавии ҶИЭ яке аз кишварҳои дорои аҳаммияти хос мебошад. Ин аҳаммият, пеш аз ҳама, аз омилҳои забонӣ, фарҳангӣ, ҷуғрофӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ бармеояд. Аз ҷониби дигар, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муносибат бо Эрон сиёсати мутавозинро пеш гирифта, ҳамкориҳоро дар доираи манфиатҳои миллии худ, принсипҳои соҳибихтиёрӣ, баробарҳуқуқӣ ва эҳтироми мутақобил ба роҳ мондааст. Заминаи меъёрии ҳуқуқии робитаҳои ду кишвар аз даҳҳо ва дар маҷмуъ, садҳо санади байнидавлатӣ, байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ иборат буда, самтҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ, энергетикӣ, фарҳангӣ, илмӣ, маорифӣ, амниятӣ ва гуманитариро фаро мегирад. Дар манбаъҳои расмии соли 2014 таъкид шуда буд, ки миёни Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ беш аз 100 санади дуҷониба ба имзо расидааст, дар солҳои баъдӣ ин пояи шартномавӣ боз ҳам густариш ёфт. Барои илм муҳим аст, ки рақамҳои марбут ба шумораи санадҳо, гардиши савдо ва сармоягузорӣ дар матни ниҳоӣ бо сарчашмаҳои расмӣ яксон карда шаванд.

4. Муносибатҳои Ҷумҳурии Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ дар шароити муосир танҳо барои ду кишвар аҳаммият надоранд, онҳо ба низоми

муносибатҳои минтақавии Осиёи Марказӣ, робитаҳои иқтисодии Авруосиё, вазъи Афғонистон, масъалаҳои амниятӣ ва тарҳҳои нақлиётию энергетикӣ низ таъсир мерасонанд. Барои Эрон Осиёи Марказӣ яке аз самтҳои муҳимми сиёсати хориҷӣ дар раванди коҳиши маҳдудиятҳои геоиқтисодӣ, ҷустуҷӯи роҳҳои нави иртиботӣ ва таҳкими мавқеи минтақавӣ ба ҳисоб меравад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҶИЭ метавонад шарики дорои имкониятҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ, илмӣ, саноатӣ ва нақлиётӣ бошад. Аммо наздикии таърихию фарҳангӣ худ ба худ кафолати рушди ҳамвор ва бетаъхири муносибатҳоро намедиҳад. Таҷрибаи се даҳсола нишон медиҳад, ки муносибатҳои дуҷониба вобаста ба шароити дохилии Ҷумҳури Тоҷикистон, вазъи сиёсати хориҷии ҶИЭ, таҳаввулоти Афғонистон, таъсири қудратҳои ҷаҳонӣ ва сатҳи эътимоди сиёсӣ борҳо болоравӣ ва пастравиро аз сар гузарондаанд. Аз ҳамин лиҳоз, таҳлили марҳилавии муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ барои фаҳмиши илмии масъала аҳаммияти асосӣ дорад. Ин нуқта барои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти махсус дорад. Давлати ҷавони тоҷик дар солҳои аввали истиқлолият маҷбур буд, ки дар байни чандин самти сиёсӣ, иқтисодӣ ва амниятӣ мувозинат ҷӯяд. ҶИЭ ҳамчун шарики фарҳангӣ ва иқтисодӣ, имкон фароҳам меовард, вале ҳамзамон, Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд равобити худро бо Россия, кишварҳои Осиёи Марказӣ, Чин, давлатҳои Ғарб ва созмонҳои байналмилалӣ низ нигоҳ медошт. Аз ин рӯ, муносибат бо Эрон дар амал як қисми сиёсати васеи бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

5. Бо дарназардошти хусусияти таърихӣ ва сиёсӣ, равобити Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ-ро дар даврони соҳибистиқлолӣ метавон ба чанд марҳилаи асосӣ ҷудо кард. Марҳилаи аввал ба солҳои аввали истиқлол рост меояд. Дар ин давра Тоҷикистон дар шароити ташаккули давлатдории миллӣ ва, ҳамзамон, рӯ ба рӯ шудан бо низои дохилӣ қарор дошт. Робитаҳо бо ҶИЭ, бо вуҷуди шинохти дипломатӣ ва мавҷудияти пайвандҳои фарҳангӣ, аз таъсири воқеаҳои сиёсии дохилӣ ва мавқеи ҷонибҳои гуногун эмин набуданд. Дар адабиёти таҳқиқӣ ва мавқеъҳои расмӣ ишора мешавад, ки дар солҳои ҷанги

шаҳрвандӣ муносибатҳо дар баъзе лаҳзаҳо ноҳамвор гардиданд ва масъалаи муносибати Эрон бо неруҳои мухолифи тоҷик ба сатҳи баҳси сиёсӣ баромад. Ин ҳолат ба раванди эътимодсозӣ таъсир гузошт, аммо робитаҳои дипломатиро пурра қатъ накард.

Марҳилаи дуюм бо оғози музокироти сулҳи тоҷикон дар солҳои 1993-1994 ва иштироки Эрон дар раванди сулҳ алоқаманд аст. Дар ин давра ҶИЭ дар қатори дигар кишварҳо ва созмонҳои байналмилалӣ, барои ба гуфтушунид овардани тарафҳои низоъ нақши муайян иҷро намуд. Ин марҳила аз охири солҳои 90-ум то даҳсолаи дуюми асри XXI идома ёфт ва бо густариши ҳамкориҳои иқтисодӣ, энергетикӣ, зерсохторӣ, тиҷоратӣ ва фарҳангӣ фарқ мекард. Дар ҳамин давра Эрон дар амалисозии лоиҳаҳои муҳимми энергетикӣ ва зерсохторӣ, аз ҷумла, Нерӯгоҳи барқи обии «Сангтӯда-2» нақши намоён пайдо кард. Ба сатҳи назарраси гардиши мол миёни ду кишвар расидан дар соли 2013 ва иштироки ҶИЭ дар баъзе лоиҳаҳои иқтисодӣ нишон дод, ки муносибатҳои дуҷониба аз сатҳи рамзҳои фарҳангӣ, ба сатҳи ҳамкории амалӣ гузаштаанд.

Марҳилаи сеюм ба коҳиши сатҳи муносибатҳои сиёсӣ дар миёнаи даҳсолаи дуюми асри XXI вобастааст. Ин марҳила бештар бо омилҳои сиёсӣ ва амниятӣ шарҳ дода мешавад. Пас аз воқеаҳои моҳи сентябри соли 2015, сардшавии робитаҳои сиёсӣ ба амал омад. Бо вуҷуди ин, вазъияти мазкур доимӣ набуд. Аз соли 2019 нишонаҳои нармшавӣ ва барқароршавии робитаҳо ба мушоҳида расиданд. Сафарҳои расмӣ, вохуриву мулоқоти сарони Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ дар сатҳҳои гуногун, пеш аз ҳама, сафари вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон ба Теҳрон, оғози марҳилаи нави боварибахш ва нармшавии муносибатҳои сиёсиву дипломатӣ дониста мешаванд.

6. Муносибатҳои устувори дӯстонаи Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ дар сатҳи байнидавлатӣ, пеш аз ҳама, ба иродаи сиёсӣ, робитаҳои сатҳи олӣ ва зарурати дарёфти манфиатҳои муштарак такя мекунанд. Ҳамкориҳои ду кишвар дар даврaҳои гуногун маҳз дар он ҳолат вусъат ёфтаанд, ки

роҳбарияти олии давлатҳо ба онҳо аҳаммияти амалӣ дода, иҷрои санадҳо ва тарҳҳоро таъмин намудааст. Дар ҳамин замина, дипломатияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист бо вуҷуди тафовути низомҳои сиёсӣ ва мавқеъҳои гуногуни идеологӣ, муносибат бо Эронро ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми сиёсати хориҷӣ нигоҳ дорад ва ҳамзамон робитаҳои мутавозинро бо дигар қудратҳои минтақавию ҷаҳонӣ идома диҳад. Ин хусусият яке аз нишонаҳои амалгароӣ ва чандсамтии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Дар самти амниятӣ барои ҳар ду кишвар таҳдидҳои муштарак вуҷуд доранд. Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки масъалаҳои амниятӣ дар муносибатҳои дуҷониба ҳамеша ҳассос будаанд. Аз ин рӯ, густариши ҳамкориҳо дар ин самт бояд дар асоси қонунҳои миллӣ ва байналмилалӣ, эҳтироми соҳибихтиёрии давлатҳо сурат гирад. Танҳо дар чунин сурат масъалаи амният ба омили эътимодсозӣ табдил меёбад, на ба манбаи шубҳа ва фишори сиёсӣ.

Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати «дарҳои кушод»-ро дар сиёсати байналмилалӣ худ амалӣ менамояд. Дар ин росто, баро Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи истиқлол ва манфиатҳои миллӣ афзалият дорад. Дар матни таҳқиқ намунаҳои дастгирии ҳуқуқи кишварҳо ба истифодаи сулҳомези технологияҳо ва мавқеъҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба баъзе масъалаҳои байналмилалӣ оварда шудаанд. Барои таҳлили илмӣ муҳим аст, ки чунин мавқеъҳо дар заминаи санадҳои расмӣ ва суханрониҳои дақиқ баррасӣ гарданд. Ин имкон медиҳад, ки таърихи муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ ба шакли мутавозин, бе муболиға ва бо эҳтиром ба манфиатҳои давлатии, Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шавад.

Забон, таърих, фарҳанг, дин, адабиёт ва хотираи муштараки тамаддунӣ дар равобити Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ мақоми истисноӣ доранд. Бо вуҷуди ин, таҳқиқот нишон медиҳад, ки дар муносибатҳои ду кишвар забон ва ифтихори муштараки фарҳангӣ дар бисёр маврид аз умумияти динӣ ҳам нақши фаротар бозидаанд. Маҳз забон ва мероси адабӣ имкон додаанд, ки

робитаҳои гуманитарӣ шакли табиӣ ва қобили қабул пайдо кунанд. Суханрониҳои роҳбарони ду кишвар дар мавридҳои ифтитоҳи корхонаҳо, иншооти энергетикӣ ва чорабиниҳои фарҳангӣ пайваста ба ҳамзабонӣ, ҳамфарҳангӣ ва ҳамрешагӣ таъкид кардаанд. Сохтмони иншоотҳои муҳимми стратегӣ, аз қабили нақби «Истиқлол», Нерӯгоҳи барқи обии «Сангтӯда-2», корхонаҳои муштарак ва баргузории барномаҳои фарҳангӣ дар ин раванд аз ҳамкориҳои судманди Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ дар замони муосир арзёбӣ мегардад.

7. Дар воқеияти имрӯзаи геополитикӣ, фарҳанг ба як захираи стратегии «қудрати нарм» табдил ёфтааст. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ ҳамкории башардӯстона асоси эътимод ва абзори наздик кардани мардумон аст. Рушди ин фазо аз доираи васеи ташаббусҳо шаҳодат медиҳад: аз мубодилаи академӣ ва донишҷӯён, то чорабиниҳои бузурги фарҳангӣ ва кушодани платформаҳои муштараки илмӣ ва таълимӣ. Ин раванд, дар айни замон ва дар дурнамои наздик метавонад яке аз воситаҳои муҳимми таҳкими муносибатҳои ҳамаҷониба бошад.

Ҳамзамон, таҷрибаи се даҳсолаи муносибатҳои Ҷумҳури Тоҷикистон ва ҶИЭ нишон медиҳад, ки ҳамкории фарҳангӣ бояд бо талаботи амнияти фарҳангӣ, истиқлоли маънавӣ ва манфиатҳои миллии Тоҷикистон мутобиқ шавад. Яъне, фарҳанг набояд танҳо ҳамчун воситаи таъсиргузории якторафа, балки ҳамчун майдони муколамаи баробар, шинохти мутақобил ва рушди илмӣ истифода гардад. Дар доираи самти муайяншудаи ҳамкорӣ, муассисаҳои илмӣ ва донишгоҳҳо бояд ба омӯзиши байнифаннии мероси муштараки худ тамаркуз кунанд. Воситаҳои асосии татбиқи ин стратегия бояд нашри матнҳои классикӣ ва тақвияти таҳқиқ дар забоншиносӣ, таърихшиносӣ, омӯзиши осиёӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ бошанд. Танҳо чунин муносибат метавонад ҳамкории гуманитариро аз сатҳи намоишӣ ба сатҳи донишмеҳвар барорад.

Равобити иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ дар солҳои 2000-ум аз марҳилаи омӯзиш ва изҳори ният ба марҳилаи амалисозии лоиҳаҳо гузашт.

Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз ҷанги шаҳрвандӣ ба сармоя, технология, таҷрибаи сохтмонӣ, бозорҳои нав ва роҳҳои алтернативии нақлиётӣ ниёз дошт. Эрон дар ҳамин давра ҳамчун яке аз шарикони иқтисодӣ ва сармоягузорони муҳим зуҳур кард. Ҳамкории ду кишвар дар бахшҳои энергетика, сохтмон, роҳсозӣ, саноати сабук, кишоварзӣ, савдо ва хизматрасонӣ имконият дод, ки баъзе тарҳҳои воқеӣ татбиқ шаванд. Бо вуҷуди ин, на ҳамаи созишномаҳои имзошуда пурра иҷро гардиданд. Сабабҳои ин ҳолат гуногунанд: маҳдудияти молӣ, таъсири таҳримҳои байналмилалӣ, мушкилоти бонкӣ, номукаммалии механизмҳои иҷро, камбуди ҳамоҳангии байниидоравӣ ва тағйири афзалиятҳои иқтисодӣ. Барои хулосаи илмӣ зарур аст, ки ин камбудиҳо на ҳамчун радди аҳаммияти ҳамкорӣ, балки ҳамчун таҷрибаи омӯхтании сиёсати иқтисодии дуҷониба баррасӣ шаванд.

Дар шароити ҳозира барои рушди муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҶИЭ ва тавассути ҶИЭ бо бозорҳои дигар имкониятҳои назаррас вуҷуд доранд. Мавқеи геостратегии ҶИЭ, дастрасии он ба халиҷи Форс, бандарҳои Бандар-Аббос ва Чобаҳор, имкониятҳои нақлиётӣ ва таҷрибаи саноатии он метавонад барои кишварҳои маҳсури хушкӣ, аз ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон, аҳаммияти амалӣ дошта бошад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳҳои алтернативии баромад ба бозорҳои ҷаҳонӣ масъалаи стратегӣ мебошад. Ҳамгироии марказҳои нақлиётии Эрон ба низоми логистикӣ ба гуногунрангии ҷараёнҳои содиротӣ ва бартараф кардани вобастагӣ аз шумораи маҳдуди долонҳо мусоидат мекунад, ки дар навбати худ, заминаҳоро барои тақвияти мубодилаи технологӣ ва васеъ кардани миқёси ҳамгироии саноатӣ фароҳам меорад.

Ҳузури ҶИЭ дар сохторҳои бисёрҷониба метавонад барои Ҷумҳурии Тоҷикистон имкониятҳои нав кушояд, аммо ин имкониятҳо худ ба худ ба натиҷа табдил намеёбанд. Барои истифодаи онҳо зарур аст, ки ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самтҳои транзит, энергетика, саноат, маориф ва амният пешниҳодҳои мушаххас, асоснок ва аз нигоҳи иқтисодӣ ҳисобшуда

дошта бошад. Муносибатҳои бисёрҷониба ҳамон вақт судманд мешаванд, ки онҳо ба барномаҳои дақиқи миллӣ пайваст гарданд.

Дар баробари имкониятҳо, дар равобити Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ масъалаҳои ҳассос низ мавҷуданд. Масъалаҳо дар бораи дурнамои ҳамкориҳои амниятӣ, масъалаи Афғонистон, таъсири идеологӣ, мубориза барои бартарии минтақавӣ ва дарки омили Эрон дар Осиёи Марказӣ фаҳмиши амиқи илмӣ ва равиши мутавозини методологиро талаб мекунанд. Масалан, баъзе таҳлилгарон талошҳои Эронро барои наздикшавӣ бо кишварҳои форсизабон дар доираи ҳадафҳои васеи минтақавӣ арзёбӣ мекунанд. Вале чунин арзёбиҳо бояд ба далелҳо, санадҳо ва муқоисаи мавқеъҳои гуногун такя намоянд. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим он аст, ки ҳар навъи ҳамкорӣ бо ҶИЭ дар доираи сиёсати хориҷии мутавозин, манфиатҳои миллӣ, уҳдадориҳои байналмилалӣ ва ҳифзи суботи дохилӣ ба роҳ монда шавад.

8. Ҳамкории имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ танҳо ба масъалаҳои дуҷониба маҳдуд намешавад. Он дар ҳамкории созанда дар созмонҳои пешбари байналмилалӣ ва минтақавӣ, аз ҷумла, СММ, СҲШ, ЭКО ва СҲИ инъикос ёфтааст, ки марҳилаи нави шарикии стратегии ду кишварро нишон медиҳад. Ин воқеият нишон медиҳад, ки муносибатҳои Тоҷикистону Эрон аз сатҳи рамзҳои фарҳангӣ ба сатҳи ҳамкориҳои сохтории минтақавӣ ва байналмилалӣ гузаштаанд.

9. Таъмини амнияти минтақавӣ ва муқовимат бо таҳдидҳои муосир дар ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ мавқеи хосса дорад. Бо ин вуҷуд, чунин ҳамкорӣ бояд дар доираи принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, эҳтироми соҳибихтиёрӣ, шаффофият ва манфиатҳои миллии Тоҷикистон анҷом ёбад.

Аз ҷониби дигар, маҳсур будани кишварҳои Осиёи Марказӣ аз баҳр ва зарурати ҷустуҷӯи роҳҳои алтернативии содироту воридот аҳаммияти геоиқтисодии ҶИЭ-ро афзоиш медиҳад. Рушди робитаҳои нақлиётӣ бо ҶИЭ барои Ҷумҳури Тоҷикистон ва дигар кишварҳои минтақа уфуқҳои навро мекушояд. Истифодаи бандарҳои «Чобаҳор» ва «Бандар Аббос» иқтисодиёти

моро бо бозорҳои Осиёи Ҷанубӣ ва Ҷанубу Шарқӣ самаранок пайваст мекунад ва дастрасии боэътимодро ба роҳҳои тиҷоратии баҳрӣ тавассути Халиҷи Форс ва Уқёнуси Ҳинд таъмин менамояд. Барои Ҷумҳури Тоҷикистон ин самт се аҳаммияти асосӣ дорад: аввал, фароҳам шудани роҳи нисбатан мустақили дастрасӣ ба баҳр; дуюм, гуногунсозии масирҳои содиротӣ ва коҳиши вобастагӣ аз роҳҳои маҳдуди анъанавӣ; сеюм, имкони ворид намудани технологияҳо, таҷҳизот ва маҳсулоти нав, махсусан, дар соҳаҳои дорусозӣ, саноати кимиё, саноати хӯрокворӣ, мошинсозӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ. Ин масъала дар оянда метавонад ба яке аз меҳварҳои муҳимми ҳамкории иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ табдил ёбад.

Аз нигоҳи геоиқтисодӣ, роҳҳои транзитӣ тавассути ҶИЭ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо як масири иловагии нақлиётӣ нестанд. Онҳо метавонанд ба коҳиши вобастагии логистикӣ, диверсификатсияи содироту воридот, беҳтар шудани рақобатпазирии маҳсулоти миллӣ ва афзоиши имконияти воридшавӣ ба бозорҳои нав мусоидат намоянд. Дар баробари ин, истифодаи чунин масирҳо таҳияи механизмҳои гумрукӣ, суғуртавӣ, молӣ ва ҳуқуқии мукаммалро талаб мекунад.

Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқ нишон медиҳанд, ки самти иқтисодӣ ҳанӯз аз зарфияти воқеии худ пурра истифода накардааст. Бо вуҷуди мавҷудияти лоиҳаҳои муҳим, сатҳи гардиши савдо, сармоягузории мустақим, корхонаҳои муштарак ва ҳамкориҳои истеҳсолӣ метавонад хеле баландтар бошад. Барои расидан ба ин ҳадаф муносибатҳо бояд аз модели «созишномаи умумӣ» ба модели «лоиҳаи мушаххас» гузаранд. Яъне, ҳар санад бояд бо нақшаи амал, сарчашмаи маблағгузорӣ, низоми назорат ва нишондиҳандаҳои натиҷа пайваст карда шавад. Танҳо дар ин сурат ҳамкорӣ аз фазои ният ба майдони истеҳсол, содирот, ҷойи кор ва манфиати воқеии иқтисодӣ мегузарад.

Аз ҷиҳати илмӣ, мавзуи мазкур барои таҳқиқи баъдӣ чанд самти нави омӯзиширо ба миён мегузорад: таҳлили муқоисавии сиёсати ҶИЭ нисбат ба кишварҳои Осиёи Марказӣ; нақши Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дипломатияи

фарҳангии форсизабонҳо; таъсири Афғонистон ба муносибатҳои Ҷумуҳрии Тоҷикистону ҶИЭ, омӯзиши лоиҳаҳои энергетикӣ ва нақлиётӣ, таҳлили омори савдо ва сармоягузорӣ, ҳамчунин, баррасии ҷойгоҳи созмонҳои минтақавӣ дар рушди муносибатҳои ду кишвар. Ҳар кадоми ин самтҳо метавонад мавзуи таҳқиқи мустақили илмӣ гардад ва барои таҳкими асосҳои назарию амалии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон маводди арзишманд фароҳам оварад.

Дар маҷмуъ, натиҷаи таҳқиқ нишон медиҳад, ки масъалаи Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ набояд танҳо дар чаҳорчӯбаи таърихи дипломатия маҳдуд кард. Ин мавзуъ ҳамзамон масъалаи фарҳанги сиёсӣ, хотираи таърихӣ, иқтисоди минтақавӣ, амнияти сарҳадӣ, дипломатияи нарм ва сиёсати мувозинати қудратҳо мебошад. Маҳз ҳамин хусусияти байнисоҳавӣ арзиши илмии таҳқиқро баланд мекунад.

Барои таҳқиқоти минбаъда махсусан зарур аст, ки омори тиҷорат, сармоягузорӣ, лоиҳаҳои муштарак ва фаъолияти ниҳодҳои фарҳангӣ бо рақамҳои дақиқ, муқоисаи солона ва истинод ба манбаъҳои аввалия оварда шаванд. Ин равиш имкони тасдиқи натиҷаҳоро фароҳам меорад ва имкон медиҳад, ки хулосаҳоиумумӣ бо далелҳои санҷидашаванда асоснок гарданд.

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот:

1. Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ-ро ришташаҳои устувори таърихӣ, фарҳангӣ, забонӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба ҳам мепайванданд. Таҷрибаи даврони соҳибистиқлолӣ нишон дод, ки ин қаробат метавонад ба захираи муҳимми сиёсати хориҷӣ ва рушди ҳамкориҳои амалӣ табдил ёбад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки муносибатҳои ду кишвар дар доираи шарикии мутақобилан судманд, бо такя ба манфиатҳои миллӣ, эҳтироми соҳибихтиёрӣ ва истифодаи лоиҳаҳои воқеии иқтисодӣ таҳким ёбанд. Пешниҳоди механизмҳои нави ҳамкорӣ, таҳияи харитаи роҳ барои иҷрои санадҳо ва муайян намудани лоиҳаҳои афзалиятнок метавонад ба муносибатҳо мазмуну самаранокии нав бахшад.

2. Барои тавсеаи ҳамаҷонибаи муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ бояд шароити ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ниҳодӣ мустаҳкам шавад. Ин шароит, пеш аз ҳама, аз такмили пойгоҳи шартномавӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти вазорату идораҳо, фаъол гардонидани комиссияҳои муштараки байниҳукуматӣ, содагардонии расмиёти тиҷоратӣ, ҳифзи ҳуқуқи сармоягузорон ва ташкили механизмҳои мунтазами мониторинги иҷрои созишномаҳо иборат мебошад. Бе чунин замина санадҳои зиёд ба натиҷаи воқеӣ табдил намешаванд ва ҳамкориҳо дар сатҳи нияти сиёсӣ ё изҳороти умумӣ маҳдуд мемонанд.

3. Барои рафъи монеаҳои мавҷуда дар муносибатҳои дуҷониба зарур аст, ки усулҳои нави ҳамкорӣ таҳия ва пешниҳод шаванд. Ба ин мақсад, комиссияҳои муштарак дар самтҳои иқтисод, энергетика, нақлиёт, саноат, маориф, илм ва фарҳанг фаъол гарданд. Ҳар як гурӯҳ бояд на танҳо пешниҳодҳои умумӣ, балки нақшаи мушаххаси амал, муҳлат, масъулон, манбаъҳои маблағгузорӣ ва нишондиҳандаҳои арзёбии натиҷаро муайян намояд. Ин равиш имкон медиҳад, ки ҳамкориҳо аз сатҳи изҳороти умумӣ ба сатҳи амалӣ гузаранд.

4. Ҷумҳурии Тоҷикистону ҶИЭ равобити иқтисодӣ, иҷтимоӣ, энергетикӣ, саноати сабук, кишоварзӣ ва хизматрасониро бояд бо таваҷҷуҳ ба захираҳо ва зарфиятҳои ҳар ду давлат рушд диҳанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои гидроэнергетикӣ, имкониятҳои кишоварзӣ, ашёи хоми саноатӣ, нерӯйи корӣ ва мавқеи транзитӣ мебошад. Эрон бошад, дар соҳаҳои саноат, дорусозӣ, сохтмон, технологияҳои истеҳсолӣ, коркарди маҳсулот ва таҷрибаи минтақаҳои озоди иқтисодӣ имкониятҳои назаррас дорад. Пайвастани ин зарфиятҳо метавонад барои таъсиси корхонаҳои муштарак ва рушди истеҳсолоти содиротӣ замина фароҳам оварад.

5. Бо мақсади афзоиши гардиши савдои хориҷӣ, ҷалби сармояи Эрон ба минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд яке аз самтҳои афзалиятнок дониста шавад. Таъсиси корхонаҳои муштарак дар бахшҳои истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, доруворӣ, саноати кимиё, сабук, мошинсозӣ,

филиззгудозӣ, коркарди нахи пахта, пӯст, пашм, маводди шустушӯ, маҳсулоти ғизоии саноатӣ, коркарди меваю сабзавот, истеҳсоли нӯшокиҳо, шарбатҳо ва маҳсулоти қаннодӣ мувофиқи мақсад мебошад. Барои самаранокии ин раванд, бояд масъалаи содироти минбаъдаи маҳсулот ба бозорҳои минтақа, сертификатсияи мол, стандартҳои сифат ва роҳҳои нақлиётӣ пешакӣ ҳал шаванд.

